**ИНСТИТУТИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚИ АМИТ**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД**:343.32(575-3)

**ТКБ**:67.99(2).93(2тоҷик)

**М** – 88

**МУСЛИҲИДДИНЗОДА МУСНУРИДДИН МУСЛИҲИДДИН**

# УСУЛИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**:

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

профессор **НАЗАРОВ А.Қ.**

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИЧА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ........................3**
**МУҚАДДИМА……………………………………………….........................................4-18**
**БОБИ 1. ТАВСИФИ УМУМӢ ВА КРИМИНАЛИСТИИ ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ...................................................19-75**
1.1. Асосҳои назариявии тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ...............................................................................................19-39
1.2. Тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ..39-49
1.3. Таҳқиқи криминалистии субъекти ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ..........................................................................................................49-61
1.4. Низоми тарзҳои содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ........................................................................................................61-75
**БОБИ 2. ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ.........................................................................................76-126**
2.1. Тактикаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва кофтуков ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ..............................................................76-99
2.2. Тактикаи баамалбарории пурсиш ва рӯбарӯкунӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ..................................................99-126
**БОБИ 3. ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ................................................127-159**
3.1. Ташкили ҳамкории муфаттиш бо воҳидҳои оперативӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ..........................................127-138
3.2. Хусусиятҳои хоси истифодаи донишҳои махсус ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ..............................................................138-159
**ХУЛОСА……………………………………… .......................................160-167**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ..........................................................................................167-169**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО).......................................................170-191**
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.............................................................................................192-193**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҶ ҶТ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**КДАМ** – Кумитаи давлатии амнияти миллӣ

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СМИТ ВКД ҶТ** – Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ФОҶ** – Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**қ.қ.** – қисмҳо

**б.** – банд

**б.б.** – бандҳо

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар натиҷаи болоравии низоъҳои сиёсӣ ва идеологӣ, ки дар ҷаҳони муосир бошиддат идома доранд, вазъи ҷинояткорӣ низ ба таври ҷиддӣ мураккаб гардида истодааст. Ба ҳайси хусусияти хоси ин раванд метавон зикр кард, ки ҷинояткорӣ шаклҳои гуногуни зуҳур пайдо намудааст. Агар ба вазъи Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем, тайи солҳои охир афзоиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мушоҳида мешавад, ки онҳо дар заминаи таҳаммулнопазирии динӣ, миллӣ ва ғоявӣ содир мегарданд. Чунин ҷиноятҳо бевосита ба амнияти давлатӣ, субот ва осоиши ҷомеа таҳдид менамоянд. Шаклҳои зуҳури экстремизм сол то сол, пеш аз ҳама, бо истифодаи фаъолонаи технологияҳои муосир, аз ҷумла технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ такмил меёбанд. Ин ҳолат фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар самти ошкор, пешгирӣ ва тафтиш намудани чунин ҷиноятҳо душвор мегардонад. Бо назардошти ин, зарурати таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ-амалӣ оид ба тавсифи нишонаҳои криминалистии ин гурӯҳи ҷиноятҳо ва таҳияи усулҳои самараноки ошкору тафтиши онҳо пеш меояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 таъкид намуданд, ки бо мақсади омода намудани кадрҳои баландихтисос, ки ба талаботи шароити муосир барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ ҷавобгӯ мебошанд, зарур аст сатҳи маърифат ва малакаи касбии онҳо, инчунин таъминоти техникии ин сохторҳо боз ҳам беҳтар гардонида шавад. Зеро терроризм ва экстремизм имрӯз ба таҳдиди ҷиддии глобалӣ ва мушкилоти умумибашарӣ табдил ёфтаанд [3] .

Ба натиҷаҳои мусбат дар мубориза бо терроризм ва экстремизм, истифодаи технологияҳои нави муқовимат ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар кишварҳои ИДМ нигоҳ накарда, ҳанӯз ҳам, таҳдидҳои зиёд

ва афзоянда дар ин самт ҷой доранд. Маълумоти оморӣ дар кишварҳои ИДМ (дар мисоли Ҷумҳурии Беларус, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон) нигаронкунанда мебошад. Масалан, дар Ҷумҳурии Беларус сатҳи фаъолияти экстремистӣ нисбат ба соли 2022 ба андозаи 3,4% афзоиш ёфтааст. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон, баръакс, дар солҳои 2020–2021 коҳиши ҷиноятҳои экстремистӣ мушоҳида мегардид, вале дар соли 2022 афзоиши ногаҳонӣ ба қайд гирифта шуд – ин нишондиҳанда нисбат ба солҳои 2020–2021 тақрибан 50% зиёд гардид. Маълумоти омории Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ гувоҳӣ медиҳад, ки дар ин кишварҳо тамоюлҳои гуногуни ҷинояткорӣ ба назар мерасад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2021 афзоиши ҷиноятҳои ифротгароёна мушоҳида мешуд, аммо дар соли 2022 коҳиши онҳо ба андозаи 0,8% ба қайд гирифта шуд. Соли 2023 бошад, ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2022 ба андозаи 24,6% афзоиш ёфт. Дар Федератсияи Россия динамикаи афзояндаи ин намуди ҷиноятҳо, ки аз соли 2019 то соли 2022 идома дошт, дар соли 2023 тағйир ёфта, коҳиш ба қайд гирифта шуд (14,4% нисбат ба соли 2022). Дар Ҷумҳурии Узбекистон, ки дар солҳои 2021–2022 низ афзоиши чунин ҷиноятҳо мушоҳида мегардид, соли 2023 баръакс коҳиши онҳо ба андозаи 13,2% (нисбат ба соли 2022) сабт шудааст [57].

Дар адабиёти криминалистӣ таъкид мешавад, ки барои ташкили тавсифи криминалистии ҷиноят аз шумораи зиёди унсурҳои криминалистии ин сохтор истифода бурда мешавад, ки ин метавонад ба ташаккули нодурусти хусусияти ҷиноят оварда расонад. Зиёд гардонидани унсурҳои криминалистии ҷиноят усули самараноки таҳқиқ ба ҳисоб намеравад, зеро шумораи ин унсурҳо набояд аз ҳад зиёд бошад.

Бояд қайд намуд, ки бо вуҷуди дастовардҳои муайян дар самти муқовимат ба экстремизм ва ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, то ҳол дар илми криминалистика масъалаҳои зиёди ҳанӯз ҳалнашуда мавҷуданд, ки ба тавсифи криминалистии ин ҷиноятҳо вобаста мебошанд. Масалан, то ҳол

масъалаҳои марбут ба тарзи гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва тактикаи иҷрои онҳо ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд.

Бо ҳамин асос, шарти зарурии ташаккули методи умумии криминалистии тафтиши ҷиноятҳо муайян намудани моҳияти криминалистии онҳо, ошкорсозии нишонаҳои барои тафтишот аҳаммияти муҳимдошта ба ҳисоб меравананд, ки дар умум ҷараёни тафтишро осон гардонида, имкони таснифи криминалистии ҷиноятҳоро фароҳам месозад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми криминалистикаи муосир, инчунин муайян намудани тартиби тафтиши ҷиноятҳо мебошад. Мутобиқ ба Қисми махсуси КҶ ҶТ ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ гурӯҳи махсуси ҷиноятҳоро ташкил медиҳанд. Ин ҷиноятҳо, одатан, бо мақсади бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ, ғасби ҳокимият ё ғайриқонунӣ нигоҳ доштани он, халалдор намудани тамомияти арзии давлат ва ноором сохтани тартиботи ҷамъиятӣ содир карда мешаванд.

Ҳамчунин, ангезаҳои ин гурӯҳи ҷиноятҳо бештар хусусияти ғоявӣ, миллӣ, сиёсӣ ва динӣ доранд. Дар воқеъ, ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба амнияти миллӣ таҳдид эҷод намуда, аз афзудани хавфнокии ҷамъиятӣ шаҳодат медиҳанд, зеро онҳо ба асосҳои сохти давлатӣ ва ҷамъиятӣ таҷовуз мекунанд.

Маҳз дар асоси ҳамин нишонаҳо тартиби тафтиши ин гурӯҳи ҷиноятҳо муайян мегардад. Масъалаи ташкили ҳамкории мутақобилаи байни муфаттиш ва воҳидҳои оперативӣ, инчунин истифодаи донишҳои махсус дар раванди тафтишот низ то ҳол яке аз самтҳои муҳим ва мубрами таҳқиқот маҳсуб мешавад.

Бо такя ба гуфтаҳои боло метавон чанд хулосаи муҳим дар бораи аҳаммияти тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро пешкаш намуд. Аввалан, чунин ҷиноятҳо дорои хусусиятҳои хос буда, барои таҳқиқи онҳо зарурати истифодаи усулҳои махсуси тафтишӣ ба миён меояд. Сониян,

муайян кардани тавсифи криминалистии ин ҷиноятҳо барои пешбурди самарабахши тафтишот аҳаммияти муҳим дорад. Ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аз мақомоти гуногуни ҳифзи ҳуқуқ талаб мекунанд, ки барои баланд бардоштани самаранокии тафтишот ҳамкории зич ва ҳамоҳангшуда ба роҳ монанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ба таҳқиқи мухтасари мушкилоти тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар доираи мавзуъҳои асосии омӯзишии худ як қатор олимони маъруфи соҳаи криминалистика ва ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла Р.С. Белкин [17], Л.Я. Драпкин [33], Л.А. Соя–Серко [71], В.В. Степанов [24], М.С. Строгович [73], диққат додаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои марбут ба усулҳои умумии тафтиши ҷиноятҳо аз ҷониби олимон боз ҳам фаъолтар мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, ба масъалаҳои мазкур таҳқиқотҳои диссертатсионии К.А. Алексаньян [7, с. 990], В.П. Бахин [88], В.И. Брылев [92], А.В. Варданян [94], Н.Н. Васильев [20], В.Г. Выстропов [100], В.О. Давыдов [158], Д.Н. Еремин [159], И.В. Загребина [113], В.С. Капица [161], Р.В. Кулешов [165], А.М. Кустов [124], А.Ф. Лубин [166], М.Л. Подкатилина [139], Д.П. Рассейкин [62], И.В. Семенова [173], О.М. Ушаков, [177], Н.П. Яблоков [84], ва дигарон бахшида шудаанд.

Ин гурӯҳи олимон масъалаҳои вобаста ба шароити гузаронидани амалҳои тафтишӣ, инчунин механизми ба даст овардани далелҳо дар раванди амалисозии ин чорабиниҳоро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Баъзе ҷанбаҳои тафтиши ҷиноятҳо ва мушкилоти гуногуне, ки бо онҳо алоқамананд, аз ҷониби олимони ватанӣ: З.Ҳ. Искандаров [39], А.Қ. Назаров [135], Р.Р. Раҳматҷонзода [64], Н.М. Самиев [49], З.Д. Ямоқова [85], ба таври амиқ таҳлил гардидаанд. Бо вуҷуди ин, бояд зикр кард, ки масъалаҳои амалӣ ва назариявии тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ то ба имрӯз на дар илми криминалистикаи ватанӣ ва на дар илмҳои хориҷӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба ва комплексӣ қарор нагирифтаанд. Ин ҳолат

аҳаммият ва зарурати таҳқиқоти пешниҳоднамудаи муаллифро боз ҳам афзун мегардонад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Ин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи лоиҳаҳои илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва мувофиқи «Барномаи давлатии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 265 тасдиқ шудааст, инчунин «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ки, ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187 тасдиқ шудааст, анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он иборат аст, ки донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалии мавҷуда дар самти таҳияи усулҳои нави тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муттаҳид шуда, тавсияҳои тактикии гузаронидани амалҳои тафтишӣ пешниҳод гарданд. Ин тавсияҳо ба ошкорсозӣ ва ҷамъоварии далелҳо дар парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ равона карда шудаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мутобиқи мақсади муайянгардида, вазифаҳои зерин барои иҷрои корҳои диссертатсионӣ муайян карда шуданд:

– таҳлили асосҳои назариявии тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ;

– муайян намудани мақсад ва вазифаҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳои экстремистӣ;

– ошкор ва муайян намудани субъектҳои ин гурӯҳи ҷиноятҳо;

– муайянсозии тарзу усулҳои содир гардидани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ;

– асоснок намудани хусусиятҳои тактикии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва гузаронидани кофтуков ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои марбут ба экстремизм;

– мушаххас намудани тарзҳои гузаронидани пурсиш ва рӯбарӯкунӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ;

– баррасии масъалаи ҳамкории муфаттиш бо воҳидҳои оперативӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои мавриди таҳқиқ;

– муайян намудани имкониятҳои истифодаи донишҳои махсус дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ.

**Объекти таҳқиқот** – шаклҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ; фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкорсозӣ ва тафтиши самараноки чунин ҷиноятҳо ҳангоми анҷом додани амалҳои тафтишӣ ба ҳисоб меравананд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** шаклҳои фаъолияти субъектҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар ҷараёни ташкили ҷиноят, омодагӣ ба он ва содир намудани чунин кирдорҳо; фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти ошкорсозӣ, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ; инчунин воситаҳои методӣ ва криминалистӣ оид ба ошкорсозӣ, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баховаддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст. Таҳқиқот оид ба диссертатсия аз соли 2022 оғоз гардида, инро мақолаҳои муаллиф, ки ба мавзуи таҳқиқот бахшида шудаанд, тасдиқ менамоянд.

Дар таҳқиқот ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015–2025 содир шудаанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

**Асоси назариявии диссертатсияро** таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи криминалистика, мурофиаи ҷиноятӣ ва психологияи ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки аз ҷониби Р.С. Белкин, Л.Я. Драпкин, Л.А. Соя-Серко, В.В. Степанов, М.С. Строгович, К.А. Алексанян, В.П. Бахин, В.И. Брилев, А.В. Варданян, Н.Н. Василев, П.И. Иванов, В.Г. Вистропов, В.О. Давидов, Д.Н. Еремин, И.В. Загребина, В.С. Капитса, Р.В. Кулешов, А.М. Кустов, А.Ф. Лубин, М.Л. Подкатилина, Е.И. Галяшина, Д.П. Рассейкин, И.В. Семенова, О.М. Ушаков, Н.П. Яблоков, З.Х. Искандаров, А.К. Назаров, Р.Р. Раҳматҷонзода, Х.С. Салимов, З.Д. Ямокова анҷом дода шудаанд.

Асоси назариявии таҳқиқот ҳамчунин аз қонунҳо ва санадҳои зерқонуние иборат аст, ки дар доираи мубориза бо экстремизм ва терроризм қабул гардидаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф аз усулҳои умумиилмӣ, усулҳои алоҳидаи илмӣ ва махсуси таҳлил истифода намудааст.

Аз усулҳои умумиилмӣ чунин усулҳо: мушоҳида, муқоиса, таҷриба, усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ, лаҳзавӣ, низомнокӣ ва таърихӣ; аз усулҳои хусусӣ-илмӣ бошад – усули оморӣ ба кор бурда шуданд.

Истифодаи усули диалектикӣ имконият дод, ки роҳу усулҳои бештар паҳншуда ва алгоритмҳои истифодаи шабакаи Интернет барои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо дарназардошти сохтор ва робитаи унсурҳои алоҳидаи он амиқтар мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Усули низомӣ-сохторӣ ҳангоми тавсифи роҳҳои ҷустуҷӯи иттилоот дар низомҳои иттилоотию коммуникатсионии интернет, ки ба ошкорсозии ин намуди ҷиноятҳо мусоидат мекунанд, инчунин ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои муайяни оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва амалҳои тафтишӣ истифода гардид.

Усули оморӣ барои асоснок кардани тамоюлҳои мавҷуда дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва баровардани хулоса оид ба он истифода шуд, ки

самаранокии тактикаи амалҳои тафтишӣ на танҳо аз вазъияти мушаххаси ошкоршавии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, балки аз хусусиятҳои синнусолӣ, гендерӣ ва равонии шахсоне, ки ин ҷиноятҳоро содир намудаанд, вобастагӣ дорад.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси эмпирикии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз маводи амалияи судии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба 165 парвандаи ҷиноятӣ дар солҳои 2015–2025 иборат мебошад. Муаллиф маводи Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маълумоти вобаста ба 10 соли амалияи судии (2015–2025) Суди Олии ҷумҳурӣ ва судҳои шаҳрӣ ва ноҳиявии кишварро, ки ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ марбутанд, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

**Навгонии илмии** диссертатсия дар он ифода меёбад, ки он яке аз нахустин таҳқиқоти комплексии криминалистӣ оид ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба шумор меравад, ки дар он усули тафтиши чунин ҷиноятҳо, ки дар фазои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман минтақаи Осиёи Марказӣ истифода мегардад, ба таври муфассал пешниҳод шудааст.

Дар ин таҳқиқот бори аввал тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардида, ҷанбаҳои махсуси ин намуди ҷиноятҳо, аз ҷумла мақсад, ангеза, роҳу усулҳои содиркунии ҷиноят, хусусиятҳои шахсии субъекти чунин ҷиноятҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҳамчунин, усулҳои тафтиши чунин ҷиноятҳо пешниҳод гардидаанд.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, дар таҳқиқот хусусиятҳои криминалистии субъектҳои ин намуди ҷиноятҳо ба таври низомнок баррасӣ шудааст. Ин амал имкон медиҳад, ки дар марҳилаҳои аввали тафтишот шахсони ҷинояткор ба таври саривақтӣ муайян карда шаванд ва замина барои баланд бардоштани натиҷанокии тактикаи амалҳои тафтишӣ фароҳам гардад.

Тавсияҳои тактикии асоснокшуда оид ба гузаронидани амалҳои аввалиндарачаи тафтишӣ, монанди азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, кофтуков, пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва дигар амалҳо бо дарназардошти хусусияти махсуси ҷиноятҳои экстремистӣ ва зарурати вокуниши фаврӣ ба чунин таҳдидҳо пешниҳод шудаанд.

Намунаи ҳамкории самараноки муфаттиш бо воҳидҳои оперативӣ, инчунин бо сохторҳои махсусгардонидашуда оид ба муқовимат ба экстремизм таҳия шудааст, ки ба баланд бардоштани сатҳи ошкоркунии ин гурӯҳи ҷиноятҳо мусоидат мекунад.

Хусусиятҳои истифодаи донишҳои махсус дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, нақши экспертизаҳои психологӣ-забоншиносӣ, диншиносӣ ва компютерӣ-техникӣ дар раванди исботкунии парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ арзёбӣ мегардад.

**Нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд:**

1. Тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ таҳия шудааст, ки равишҳои нави таҳлили унсурҳои криминалистӣ, хусусиятҳои омодагӣ, содиркунӣ ва пинҳонсозии ҷиноят, инчунин нишонаҳои иштирокчиёни ҷиноятро асоснок менамояд. Ин имконият медиҳад, ки амалҳои тафтишӣ дақиқтар муайян гардида, натиҷанокии онҳо баланд бардошта шавад.

Тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ ва натиҷаҳои амалияи тафтишӣ ташаккул дода шуда, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ равона шудааст.

Ба сифати унсурҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ метавон нишонаҳои зеринро ворид намуд: 1) мақсад ва ангезаҳои содир кардани ҷиноят; 2) роҳу усулҳои содиркунии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ; 3) олот ва воситаҳои содир намудани чунин

ҷиноятҳо; 4) пайҳои содир намудани ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ; 5) хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор; 6) ҷойи содиркунии ҷиноят.

2. Дар таҳлили ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ хусусияти психологӣ-криминалистии субъектоне, ки онҳоро содир менамоянд, нақши муҳим дорад. Он маҷмуи хусусиятҳои шахсиятро, ки рафтор ва ангезаро муайян месозанд дар бар мегирад. Дар ин замина, хусусиятҳои шахсӣ ва рафтории чунин субъектон на аз сохтори ташкилоти экстремистие, ки ҷиноят дар доираи он содир шудааст, балки аз он гурӯҳҳое вобастаанд, ки онҳо қаблан ба онҳо мансуб будаанд.

Маълумоти оморӣ ва эмпирикӣ нишон медиҳанд, ки дар аксари ҳолатҳо ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро ҷавонон содир мекунанд. Дар ин гурӯҳи синнусолӣ, чунин шахсон бештар ҳамчун ташаббускорон ва иҷрокунандагони ҷиноятҳои мазкур баромад мекунанд, ки ин хусусияти ҷалбшавӣ ва сохтори ангезавии онҳоро инъикос месозад.

Иштироки ҷавонон ва наврасон дар фаъолияти экстремистӣ метавонад бо набудани таҷрибаи кофии ҳаётӣ, буҳрони ташаккули шахсият ва шароити душвори иҷтимоӣ тавзеҳ гардад. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки субъектҳои синну соли миёна ва калонсол бештар чунин ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро, мисли: тарғиби ғояҳои экстремистӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ; маблағгузории фаъолияти экстремистӣ аз мавқеи ташкиливу идоракунӣ; иҷрои вазифаҳои машваратӣ, ташкиливу идоракунӣ бо мақсади паҳн намудани ғояҳои экстремизм ва терроризмро содир менамоянд.

3. Зарур аст, ки ҳамкории мустаҳкам ва пайваста миёни муфаттишон ва кормандони мақомоти амалкунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар соҳаи тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба роҳ монда шавад.

Ин ҳамкорӣ бояд то ҳадди имкон ҳамоҳанг ва мутобиқ гардонида шавад, то ки фаврӣ будан ва натиҷанокии тафтишот бо дарназардошти риояи қоидаҳои мурофиавӣ таъмин гардад.

Меъёрҳои асосии ҳамкорӣ ин такмил додани механизмҳои ҳамкории байнидоравӣ мебошад, ки ба баланд бардоштан ва қонунӣ будани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин ба дарёфт ва коркарди далелҳое равона шудаанд, ки барои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муҳим мебошанд.

Бо мақсади беҳтар намудани ҳамоҳангии амалҳо дар доираи тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, муаллиф модели консептуалии ҳамкории байнидоравиро пешниҳод менамояд, ки ба содагардонии мубодилаи иттилоот байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нигаронида шудааст. Ин модел ба баланд гардидани самаранокии фаъолияти муштарак бо риояи қатъии меъёрҳои мурофиавӣ мусоидат мекунад. Истифодаи амалӣ ва татбиқи чунин модел метавонад сифату суръати тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро ба таври назаррас беҳтар намояд ва аз ин рӯ барои амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти ҷиддӣ дорад.

Зарур аст, ки муқаррароти мушаххаси ҳуқуқӣ оид ба ҳамкории байнидоравии муфаттишон ва кормандони мақомоти амалкунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо муайян кардани доираи вазифаҳо, тартиби тобеият ва ҳамоҳангии онҳо дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти КДАМ, ВКД ва прокуратура танзим карда шавад.

Ба хотири баланд бардоштани самаранокии тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, пешниҳод мегардад, ки дар қонунгузорӣ модели устувори ҳамкории муфаттишон ва кормандони мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дарназардошти тақсими равшани ваколатҳо, тартиби мубодилаи иттилоот, шаклҳои ҳамкории расмӣ ва таъминоти меъёриву ҳуқуқии истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун далел, мустаҳкам карда шавад.

4. Дар консепсияи муаллиф оид ба тактикаи гузаронидани амалҳои тафтишӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ таваҷҷуҳ

ба омилҳои аз ҷиҳати криминалистӣ аҳаммиятдошта равона шудааст, ки ба баланд бардоштани самаранокии ба даст овардани далелҳо мусоидат мекунанд. Дар ин замина, пешниҳоди истифодаи усулҳои махсуси тафтишӣ, ки ба таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ равона шудаанд, матраҳ мегардад.

Муайян намудани нишонаҳои муҳимми криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ имкон дод, ки тактикаи нави амалҳои тафтишӣ муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шавад. Ба нишонаҳои хос, ки ба хусусияти ин намуди ҷиноятҳо рабт доранд, метавон амалҳоро шомил сохт, ки ба халалдор намудани тартиботи ҷамъиятӣ, заиф гардондани асосҳои сохти конститутсионӣ ё поймолсозии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон равона шудаанд: ангезаи баланди ғоявӣ; махфӣ будани фаъолияти ҷинояткор; истифодаи фаъолонаи технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ; сатҳи баланди латентӣ.

Низоми нави назариявии тактикаи амалҳои тафтишӣ, ки аз ҷониби диссертант пешниҳод гардидааст, ба истифодаи самараноки иттилooту маълумоти дорои хусусияти экстремистӣ ва бақайдгирии далелҳои ғоявӣ дар ҷараёни амалҳои тафтишӣ равона шудааст. Ин низом имкониятҳои навро барои татбиқи амалии мубориза бо экстремизм фароҳам меорад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои аз ҷониби муаллиф баёнгардида метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ оид ба масъалаҳои вобаста ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳо ва санадҳои ҳуқуқие, ки ба фаъолияти экстремистҳо ва паҳншавии ғояҳои онҳо марбутанд, истифода шаванд.

Аҳаммияти амалӣ низ дорои арзиши баланд мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ба тафтиши

чунин ҷиноятҳо машғуланд, истифода карда шаванд. Ин таҳқиқот метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олии ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми омӯзиши фанҳои экспертизаи судӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин дар рафти ташкил ва гузаронидани курсҳои махсуси тахассусӣ мавриди амал қарор гирад. Ҳамчунин, он метавонад дар низоми такмили ихтисоси кормандони соҳавӣ ва хизматчиёни давлатӣ, инчунин дар бозомӯзии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, педагогҳо ва равоншиносон истифода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи таҳқиқотҳои амаливу назариявие ба даст омадаанд, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ; консепсияҳои муаллиф, ки ба таҳияи тавсияҳои назариявӣ-амалӣ мусоидат мекунанд; таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар соҳаи тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ; омӯзиши тартиби гузаронидани амалҳои тафтишӣ, инчунин таҳқиқи вазъи кунунӣ, дурнамо ва роҳҳоиислоҳи низоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бахшида шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва моҳияти таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти экспертизаи судӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ин таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ӯ навгониҳои масъалаҳои таҳлилшавандаро асоснок намуда, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро ташаккул додааст. Ин саҳм ҳамчунин дар услуби баёни муаллиф, нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок ва пешниҳоди мунтазами гузоришҳо аз рӯйи маводи диссертатсия дар конфронсҳои илмӣ таҷассум меёбад.

Ҳалли масъалаҳои матраҳгардида дар диссертатсия дорои равиши мустақили муаллиф буда, ба пояи дастовардҳои муосири илми криминалистика асос ёфтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, барои ҳимоя тавсия шудааст. Хулосаҳо, муқарраротҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқот ироагардида дар мақолаҳои нашршудаи муаллиф ва баромадҳои ӯ дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ инъикос ёфтаанд, аз ҷумла:

**А) байналмилалӣ:**

– конфренсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисодӣ рақамӣ ва инноватсия» ва қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконияти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» – маърӯза дар мавзуи « Нақши муфаттиш дар ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» (Душанбе, 5-уми декабри 2025);

– IV-уми конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик – маърӯза дар мавзуи «Ташкили ҳамкории муфаттиш бо дигар хадамот ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта» (ш. Душанбе, 18-уми апрели соли 2025);

Б) ҷумҳуриявӣ:

– Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ» – маърӯза дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон-ҳамчун асоси ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ» (4 ноябри соли 2025);

– Конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ: масоли қонунгузорӣ, илм ва амалия» – маърӯза дар мавзуи «Ҷанбаҳои ахлоқии амалисозии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (ш. Душанбе, 3 октябри соли 2025).

–Конфренсияи ҷумҳуриявӣ илмю назариви ҳайати устодону кормандон ва унвоҷӯёну докторантони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (солҳои 2025-2030)» «700 – солгарди шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофиз Шерозӣ» «115-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Боқи Раҳимзода» – маърӯза дар мавзуи «Тавсифи криминалистикии экстремизм» (ш. Душанбе, соли 2025).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия довталаб 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 3-тояшон дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот муайян гардида, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб аз ҳашт параграф, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати нашрияҳои илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 193 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ТАВСИФИ УМУМӢ ВА КРИМИНАЛИСТИИ ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ

## 1.1. Асосҳои назариявии тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ

Дар марҳилаи муосири рушди илми криминалистика, тавсифи криминалистии ҷиноятҳо ҳамчун низоми илмӣ, ки қонуниятҳои механизми содир кардани гурӯҳи муайяни ҷиноятҳоро нишон медиҳад, ба низоми илмии криминалистӣ ворид шуда [52, с. 94; 7, с. 990; 66, с. 312; 56, с. 258], тадриҷан мақоми категорияи криминалистикиро ба даст овард [7, с. 990]. Дар баробари ин, сарфи назар аз баҳси илмии дар криминалистика даҳсолаҳо давомёфтаистода дар бораи таъин кардани ин категория, нақш ва вазифаҳои он, сохтор ва мазмун, ягонагии ақидаҳо дар байни олимони криминалист ба вуҷуд наомадааст [162, с. 9; 50, с. 160; 15, с. 312; 48, с. 57; 53, с. 26; 117, с. 65; 88, с. 16-22].

Илова бар ин, бояд қайд намуд, ки дар илми криминалистика на танҳо ҷонибдорони истифодаи истилоҳи «тавсифи криминалистӣ», балки мухолифони он низ вуҷуд доранд. Назарҳо, далелҳо ва хулосаҳои интиқодии онҳо аҳаммияти ҷиддӣ доранд, зеро метавонанд ба такмили сохтор ва муҳтавои тавсифи криминалистии ҷиноятҳо, инчунин ба ислоҳи камбудиҳо ва иштибоҳҳое, ки ҳангоми ташаккули консепсия ба вуҷуд омадаанд, мусоидат намоянд. Баъзе муҳаққиқон ҳатто мавҷудияти буҳрони консепсияи мазкурро қайд мекунанд ва ба зарурату манфиати назариявӣ ва амалии он шубҳа доранд. Ин шубҳаҳо асосан бо он вобастаанд, ки низоми пешниҳодшудаи донишҳо дар бораи ҷиноятҳо то ҳадде муболиғаомез буда, дар бархе ҳолатҳо бо унсурҳои зиёдатӣ пурра мегардад. Андешаи А.Ф. Лубин дар ин ҷода қобили таваҷҷуҳ аст. Ӯ таъкид мекунад, ки аксар вақт муҳаққиқон ба дараҷаи тавсифии модели фаъолияти ҷиноятӣ иктифо менамуданд [166, с. 19], ки ин худ натиҷаи нотамом будани ташаккули

консепсияи тавсифи криминалистии ҷиноятҳо мебошад [105, с. 43; 168, с. 225; 35, с. 304].

Дар рисолаи мазкур, мо танҳо ба ҷанбаҳое диққат медиҳем, ки барои ташаккули тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аҳаммияти асосӣ доранд [123, с. 28-31].

Бо дарназардошти он ки олимони маъруфи соҳаи криминалистика таърифҳои гуногун ва дидгоҳҳои худро нисбат ба мафҳуми «тавсифи криминалистии ҷиноят» пешниҳод кардаанд [45, с. 93; 84, с. 446; 7, с. 687-688; 74, с. 28-46; 168, с. 225], имкон мавҷуд аст, ки дар асоси таҳлили онҳо мавқеи муаллифӣ низ ташаккул дода шуда, изҳор гардад.

Ба таври кӯтоҳ метавон қайд кард, ки дар раванди таҳияи асосҳои назариявии таълимот оид ба тавсифи криминалистии ҷиноятҳо муҳаққиқон, бо вуҷуди фарқ доштани дидгоҳҳо, як нуктаро якдилона эътироф кардаанд: ин мафҳум фаъолияти ҷиноятиро инъикос менамояд [88, с. 16-22]. Бо вуҷуди ин, муайян кардани он шаклҳои гуногун гирифтааст. Аз ҷумла, тавсифи криминалистии ҷиноятҳо: ҳамчун модели иттилоотии аломатҳои маъмулии як намуди ё гурӯҳи ҷиноятҳо [66, с. 312]; ҳамчун модели идеалии робитаҳои маъмулӣ ва манбаъҳои иттилооти исботкунанда [89, с. 47-52]; ҳамчун модели эҳтимолии ҳодиса [7, с. 687-688]; ҳамчун низоми маълумот дар бораи ҷиноят, ки барои ошкор ва тафтиш мусоидат мекунад [58, с. 544]; ҳамчун низоми умумии донишҳои воқеӣ, зарур барои ташкили ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо [25, с. 925]; ҳамчун низоми хусусиятҳои барои тафтишот муҳим [77, с. 543]; инчунин ҳамчун низоми тавсифи аломатҳои муҳимми ҷиноят бо мақсади таъмини ошкор, тафтиш ва пешгирии он [84, с. 464] ва ғайра пешниҳод шудааст.

А.Н. Колесниченко ва В.Е. Коновалова тавсифи криминалистии ҷиноятҳоро ҳамчун низоми маълумот дар бораи аломатҳои муҳимми криминалистии як намуди ҷиноятҳо муайян менамоянд. Онҳо таъкид мекунанд, ки ин низом робитаҳои қонунии байни унсурҳоро инъикос намуда,

барои тафтиши намудҳои мушаххаси ҷиноятҳо заминаи асосӣ мебошад [45, с. 93].

В.П. Бахин бошад, зери мафҳуми тавсифи криминалистии ҷиноятҳо низоми маълумоти умумиро мефаҳмад. Ба гуфтаи ӯ, ин маълумотҳо аломатҳои маъмултарини гурӯҳи муайяни ҷиноятҳоро фаро гирифта, тарз ва механизми кирдор, шароити содиршавӣ, шахсияти ҷинояткор ва дигар ҳолатҳоро дар бар мегиранд. Муаллиф қайд мекунад, ки робитаи қонунии байни ин унсурҳо асоси ҳаллу фасли масъалаҳои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳоро фароҳам меорад [88, с. 18].

Бо вуҷуди ин, ишора ба унсури «механизми содир намудани ҷиноят» дар сохтори умумии тавсифи криминалистӣ комилан муваффақ нест. Сабаб дар он аст, ки механизми содир намудани ҷиноят дар криминалистика ҳамчун низоми мураккаби аломатҳо муайян мегардад. Он раванди тайёрӣ, содиршавӣ ва пинҳонкунии ҷиноятро ба таври динамикӣ инъикос мекунад. Сохтори ин унсурҳо гарчанде баҳсбарангез бошад ҳам, мавқеъҳои гуногуни муаллифонро инъикос менамояд. Дар маҷмуъ, он гурӯҳи падидаҳоест, ки ҳамчун аломатҳои муҳимми криминалистии ҷиноят арзёбӣ мешаванд. Ба андешаи мо, механизми содир намудани ҷиноят унсури аввалиндараҷа мебошад. Он дар равандҳои омодагӣ, содир ва пинҳон кардани фаъолияти ҷиноятӣ нақши марказиро бозӣ мекунад.

Дониши ҳамаҷониба ва объективии ин механизми мураккаб имкон медиҳад, ки тавсифи криминалистии ҷиноятҳо ташаккул ёбад. Дар натиҷа, он ҳамчун абстраксияи илмӣ амал намуда, модели фаъолияти ҷиноятиро дар соҳаи муайяни таҷовузи ҷиноятӣ таҷассум месозад.

Ҳамин тавр, зери мафҳуми тавсифи криминалистии ҷиноятҳо мо низоми илмиро мефаҳмем, ки натиҷаи дониши низомноки механизми фаъолияти дахлдори зиддиҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, маҷмуи унсурҳои қонунан бо ҳам алоқаманди криминалистии гурӯҳи муайяни ҷиноятҳоро дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, механизми содиршавии ҷиноятҳои як категорияи муайян

хусусияти динамикии фаъолияти ҷиноятиро инъикос мекунад. Омӯзиш ва донистани он ба таври низомнок имкон медиҳад, ки он ба шакли тавсифи криминалистии гурӯҳи дахлдори кирдорҳо табдил ёбад.

Унсурҳои аз ҷиҳати криминалистӣ муҳимми ҷиноятҳои муайян аз ҷониби мо ҳамчун манбаъҳои иттилооти роҳнамо арзёбӣ мегарданд. Онҳо ҳолатҳои маъмулии ин категорияи кирдорҳоро нишон дода, байни ҳам робитаҳои устувор ва вобастагии мутақобиларо ташкил медиҳанд ва дар маҷмуъ механизми фаъолияти ҷиноятиро таҷассум месозанд.

Аксарияти муҳаққиқон мавҷудияти чунин низоми илмиро асоснок шуморида, ба аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доштани он ишора мекунанд [87, с. 14-45; 105, с. 43-55]. Коркардҳои олимон дар соҳаи ташаккули асосҳои назариявии тавсифи криминалистӣ [119, с. 3-7] низ имкон медиҳанд, ки таҳияи тавсифи махсуси ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ амалӣ гардад.

Масалан, як қатор муҳаққиқон талош намудаанд, ки методи хусусии криминалистикиро барои тафтиши ҷиноятҳое таҳия намоянд, ки бо ангезаи нафрати миллӣ, нажодӣ, динӣ ё душманӣ алайҳи ҳаёт ва саломатӣ содир шудаанд. Аз ин нуқтаи назар, методи хусусии тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ метавонад унсури ҷудонашавандаи методи умумии (гурӯҳӣ ё муттаҳидшудаи) криминалистӣ бошад. Ба андешаи онҳо, тавсифи криминалистӣ ҳамчун унсури методи махсуси ошкорсозии ҷиноятҳои дорои ангезаҳои нафрат яке аз ҷузъҳои муҳимтарини раванди тафтишотро ташкил медиҳад. Ин раванд дорои иқтидори бойи иттилоотӣ буда, барои ташаккули заминаи назариявии фарзияҳои тафтишӣ истифода мегардад [161, с. 10]. Ба чунин хулоса ҳамчунин Д.Г. Скориков низ омадааст, ки методи махсуси тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро таҳия кардааст [175, с. 16].

Ҳамзамон, аҳаммияти тавсифи криминалистӣ танҳо ба сифати заминаи иттилоотӣ барои сохтани фарзияҳо маҳдуд намешавад. Агар он танҳо барои

пешбарӣ ва санҷиши фарзияҳо истифода гардад, иқтидори воқеии онро коҳиш медиҳад.

Дар асл, маълумотҳои тавсифи криминалистӣ барои ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои дигари ташкилӣ низ заруранд. Масалан, барои арзёбии шароити ҳолатҳои тафтишӣ, барои интихоби шаклҳо ва усулҳои самараноки ҳамкории муфаттиш бо дигар субъектҳои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо, барои интихоби амалҳои мушаххаси тафтишӣ ҳамчун воситаҳои мурофиавии ба даст овардани маълумоти муҳимми криминалистӣ, инчунин барои интихоби тактикаи муносибтарини гузаронидани амалҳои тафтишӣ бо дарназардошти муқоисаи маълумоти роҳнамои тавсифи криминалистӣ бо вазъияти воқеии тафтишот зарур мебошад.

Дар адабиёти илмии соҳаи криминалистика баъзе муҳаққиқон кӯшиш кардаанд, ки барои тавсифи криминалистии ҷиноятҳои мавриди баррасӣ таърифҳои мушаххас пешниҳод намоянд.

Аз ҷумла, Д.Г. Скориков чунин тавсифро ҳамчун низоми маълумоти махсус ва тавсияҳои аз он бармеомада муайян кардааст. Ба гуфтаи ӯ, «ин низом омӯзиши маълумоти мавҷударо фаро гирифта, ба муайян намудани маълумоти нав дар бораи хусусиятҳои шахсияти ҷабрдида ва шахсе, ки ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ содир кардааст, нигаронида шудааст. Илова бар ин, чунин низом тарзҳои мураккаби омодагӣ, содир ва пинҳон кардани ҷиноят, шароити марбут ба вақт ва макони содиршавии он, ҳамчунин олотҳо, воситаҳо ва пайҳои боқимондаи ҷиноятро дар бар мегирад, ки ҳамааш барои пурра, ҳамаҷониба ва объективона ошкор ва тафтиши ҷиноят зарур мебошад» [175, с. 9].

Баръало дида мешавад, ки муаллиф мекӯшад таърифи нисбатан васеи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро пешниҳод намояд, хусусан дар робита ба сохтори унсурҳои тавсифи криминалистии онҳо.

Бо вуҷуди ин, агар тавсифи криминалистикиро ҳамчун низоми илмӣ қабул намоем, ки механизми фаъолияти ҷиноятиро ба таври низомнок нишон

медиҳад ва онро чун модели иттилоотии ҷиноят ифода мекунад, нодуруст хоҳад буд, агар ба он тавсияҳо оид ба омӯзиши маълумоти мавҷуда ва муайян кардани маълумоти нав низ ворид карда шаванд.

Ба андешаи мо, муайян кардани маълумоти нав бештар ба вазифаҳои методи махсуси криминалистӣ тааллуқ дорад, зеро ин унсурҳо масъалаҳои ташкилӣ ва банақшагириро инъикос мекунанд, на худи моҳияти тавсифи криминалистикиро.

Тавре ки аён аст, масъалаи баҳснок дар бораи тавсифи криминалистии ҷиноятҳо – ин масъалаи сохтори унсурҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳо, мазмун ва робитаҳои байниҳамдигарии онҳо мебошад [66, с. 312; 152, с. 19-24]. Дар раванди баҳсҳои тулонии илмӣ тадриҷан чунин андеша қавӣ гардид, ки новобаста аз мавҷудияти сохтори ба истилоҳ намунавии тавсифи криминалистии ҷиноятҳо, ки унсурҳои асосии аз ҷиҳати криминалистӣ муҳимро дар бар мегирад (мисли тарзи содиршавии ҷиноят, ҷой ва вақти содир намудани он, хусусиятҳои осори боқимонда ва аломатҳои шахсияти ҷинояткори маъмулӣ), ин сохтор танҳо барои иҷрои «вазифаи хизматии худ» [88, с. 20] пешбинӣ шудааст ва метавонад вобаста ба хусусияти категорияи ҷиноят тағйир ёбад.

Ин тағйирот метавонад шакли васеъро бигирад, агар механизми содиршавии ҷиноят унсури иловагии муҳимро ба таври возеҳ инъикос намояд. Ҳамчунин, он метавонад маҳдуд шавад, агар яке аз унсурҳои асосӣ аҳаммияти махсуси криминалистӣ надошта бошад, яъне дар раванди ҷамъоварӣ ва таҳқиқи далелҳои исботкунанда нақши иттилоотиро бозӣ накунад.

Бо назардошти хусусияти механизми содиршавии ҷиноят, нақши унсурҳои асосӣ ва пешбаранда метавонад аз ҷониби унсурҳои гуногун амалӣ гардад. Ба ин тартиб, хусусиятҳои таҷовузи ҷиноятҳои як категорияи муайян метавонанд унсурҳои иловагии тавсифи криминалистикиро ба вуҷуд

оваранд, ки бо унсурҳои пешбаранда робитаи устувори низомнок ташкил медиҳанд [121, с. 117-121].

Масалан: Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон О.П.А., санаи таваллудаш 02 июни соли 2002, зода ва истиқоматкунандаи ҲҲҲ, дар ҳолатҳои зерин даст ба содир намудани ҷинояти вазнин зад.

Чунончӣ, ӯ аз аввали соли 2020 дар сомонаи иҷтимоии «Фейсбук» саҳифа (аккаунт)-и худро бо мустаори «Wadadahani Mersedes» таъсис дод. Сипас, тавассути он ба барномаи ташкилоти экстремистии «000» бо номи «1111», ки ровиаш муовини роҳбари ин ташкилот А.Ҳ.М. ва барномаи ташкилоти экстремистӣ-террористии «ДДД» «ТТТ» ровиаш С,С, ворид гардида, мунтазам тамошо мекард.

Ҳамин тариқ, баъди тамошои мунтазами наворҳои мазмуни мухолифонадоштаи роҳбарону фаъолони ташкилотҳои экстремистии болозикр нафрат ва бадбинии О.П.А. ва ангезаи экстремистии ӯ афзуд. Баъдан, О.П.А. ҳамчун ҷонибдори ТЭ «000» дар сомонаи иҷтимоии «Фейсбук» аз онҳо пуштибонӣ намуда, бар зидди ҷонибдорони сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи навиштаҷотҳо вокуниш намуда, онҳоро таҳдид ва сарзаниш менамуд.

Мувофиқи хулосаи мутахассисони маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи ҶТ таҳти №19/3048/2021 аз 17.08.2021 маводи аз саҳифаи О.П.А. дастрасшуда ба ТЭ «000» мансуб буда, фаъолияти ташкилоти мазкурро тарғибу ташвиқ намуда, иштирок дар фаъолияти ташкилоти болозикр, ки нисбати он аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдокарда дар бораи манъи фаъолияташ бинобар сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст, инчунин мусоидат кардан ба фаъолияти он бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои интернет, мавҷуд аст.

Бо ин кирдорҳои худ О.П.А. ҷинояти дар моддаи 307/3 қисми 2-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо содир кард, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои иштирок дар фаъолияти ташкилоте, ки нисбати

он аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдокарда дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияташ бинобар сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст [184].

Муҳаққиқон ба дурустӣ таъкид кардаанд, ки васеъ намудани сохтори унсурҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳо аз ҳад зиёд роҳи ғайримақсаднок ва бесамар аст. Ин раванд метавонад таъиноти воқеии тавсифи криминалистикиро норавшан намояд. Ҳамзамон бояд гуфт, ки шумораи унсурҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳо беохир набуда метавонад.

Дар марҳилаи ибтидоии ташаккули муқаррароти назариявии ин мафҳуми илмӣ, муаллифони гуногун зарур мешумориданд, ки ба сохтори тавсифи криминалистӣ маълумот дар бораи паҳншавии ҷиноят [28, с. 184], ҳолатҳои маъмулии тафтишӣ [20, с. 10-15] ва ҳатто номгӯи ҳолатҳои исботшаванда дохил карда шавад.

Бо ин вуҷуд, дар марҳилаи муосири рушди дониш равшан гардидааст, ки маълумот дар бораи паҳншавии ҷиноят ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии он бештар ба ҷанбаҳои криминологӣ ва ҳуқуқии ҷиноятӣ марбут аст. Ҳолатҳои маъмулии тафтишӣ ва маҷмуи ҳолатҳое, ки бояд муқаррар ва исбот шаванд, унсурҳои мустақили методи махсуси криминалистӣ ба шумор меравванд.Онҳо бештар ба гурӯҳи масъалаҳои ташкили тафтишот тааллуқ доранд.

Илова бар ин, таснифбандии криминалистии ҷиноятҳо, ки аз ҷониби баъзе муаллифон [118, с. 20] ҳамчун унсури тавсифи криминалистӣ пешниҳод шудаанд, метавонанд ҳамчун сохтори мустақили назариявӣ-методологӣ арзёбӣ шаванд.

Ба андешаи мо, чунин сохтор на ба тавсифи криминалистии ҷиноятҳо, балки бештар ба методи умумии криминалистии тафтиши ҷиноятҳо мансуб дониста мешавад.

Таҳлили самтҳои такмили тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ диққати махсусро ба худ ҷалб мекунад.

Баъзе олимон дуруст нишон додаанд, ки густариши аз ҳад зиёди сохтори тавсифи криминалистии ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ дуруст нест.

Ба гуфтаи Д.Г. Скориков, ворид намудани унсурҳои иловагӣ ба чунин тавсиф бе маҳдудият метавонад боиси он гардад, ки унсурҳои тавсифи криминалистӣ тадриҷан ҷойи худро ба унсурҳои методи махсуси тафтиши ҷиноятҳо диҳанд [68, с. 15].

Чунин ба назар мерасад, ки илова кардани тавсифи криминалистии ҷиноятҳо бо унсурҳои нав ба «миқдори номаҳдуд» қатъиян ғайри қобили қабул аст. Масъалаи дигар ин аст, ки ҳангоми муайян ва ба таври мушаххас ҷудо кардани сохтори тавсифи криминалистӣ кадом омилҳоро бояд зери роҳбарӣ қарор дод. Зеро маҳдудшавии аз ҳад зиёди сохтори тавсифи криминалистии ҷиноят аҳаммияти назариявӣ ва амалии онро низ коҳиш медиҳад. Дар робита ба ин масъала, Д.Г. Скориков бар он назар аст, ки «асоси тавсифи криминалистии ҷиноятҳоро бояд танҳо он унсурҳое ташкил диҳанд, ки имкон медиҳанд маълумоти ибтидоии криминалистӣ бо дақиқии ҳар чи бештар ба даст оварда шуда, ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ самаранок муайян карда шавад» [68, с. 15].

Бо вуҷуди ин, чунин ба назар мерасад, ки гирифтани маълумоти ибтидоии криминалистӣ ҳадафи ниҳоии тавсифи криминалистикиро ташкил намедиҳад. Баръакс, он бояд дар худ на танҳо ҳолатҳои ибтидоӣ, балки модели пурраи фаъолияти ҷиноятиро таҷассум кунад, яъне маҷмуи тамоми ҳолатҳои аз ҷиҳати криминалистӣ муҳимро фаро гирад.

Ж.В. Васалатий самти такмили ин мафҳумро дар он мебинад, ки тавсифи криминалистии ҷиноятҳо бояд бештар ба сохтори предмети исботкунӣ наздик бошад [157, с. 14]. Ба андешаи ӯ, чунин тавсиф бояд маҷмуи маълумоти дорои хусусияти роҳнамоиро дар бар гирад, ки фаъолияти ҷиноятиро ҳамчун модел нишон диҳад ва ҳамчун воситаи методии муассир барои банақшагирии тафтишот ва интихоби тактикаи гузаронидани амалҳои тафтишӣ хизмат намояд.

Бо вуҷуди ин, зарур аст таъкид шавад, ки тавсифи криминалистии ҷиноят ва предмети исботкунӣ гарчанде дар сохтор ва мазмун унсурҳои муштарак доранд, аммо онҳо мафҳумҳои яксон ва ивазшаванда нестанд. Баръакс, ҳар кадоме хусусияти мустақил ва фарққунандаи худро дорост.

Марҳилаи муайянсозии сохтори унсурҳои тавсифи криминалистии гурӯҳи муайяни ҷиноятҳоро шартан метавон ба ду қисм ҷудо кард. Дар аввал, ҳамгироии аломатҳои таркиби ҷинояти дахлдор бо доираи ҳолатҳое амалӣ мегардад, ки тибқи моддаи 78 КМҶ ҶТ бояд исбот шаванд.

Дуюм, таҳлил ва арзёбии аҳаммияти криминалистии унсурҳои бадастомада сурат гирифта, робитаи мутақобилаи онҳо бо дигар унсурҳо муайян карда мешавад. Ҳамзамон, қобилияти онҳо барои таъсиргузорӣ на танҳо ба бандубаст, балки ба механизми содиршавии ҷиноят низ муайян мегардад. Дар ин раванд, иқтидори маълумот барои истифода дар исбот низ арзёбӣ мешавад.

Ба ҳамин маъно, ақидаи В.П. Бахин қобили қабул менамояд. Ӯ изҳор доштааст, ки ба сохтори тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бояд танҳо он унсурҳо дохил карда шаванд, ки дорои «самти дақиқи кофтуковӣ-ҷустуҷӯӣ» мебошанд [88, с. 16-22].

Аммо дар ин маврид дақиқтар мебуд, агар сухан на танҳо аз самти ҷустуҷӯӣ, балки аз маълумоти дорои хусусияти роҳнамо, ки барои муайян ва исбот кардани ҳолатҳои гурӯҳи дахлдори кирдорҳо муҳим мебошанд, равад.

Масъалаи дигар ба маълумот дар бораи ангезаҳо ва мақсадҳои кирдорҳои ҷиноятӣ дахл дорад. На ҳамаи муаллифон чунин маълумотро ҳамчун унсури мустақили тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ҷудо месозанд.

Гарчанде бисёре аз муҳаққиқон аҳаммияти криминалистии ангезаро аз нуқтаи назари механизми фаъолияти ҷиноятӣ эътироф мекунанд, онҳо онро бештар ҳамчун қисми тавсифи шахсияти ҷинояткор ворид месозанд.

Дар асоси ҳамин мавқеъ, С.И. Коновалов шарҳ медиҳад, ки ангезаҳо ва мақсадҳои ҷиноят дар шуури субъекти кирдор ташаккул меёбанд. Аз ин рӯ, маълумот дар бораи ангезаҳои маъмулӣ на ҳамчун унсури мустақил, балки ҳамчун ҷузъи сохтории маълумот дар бораи шахсияти гунаҳгор баррасӣ мегардад [48, с. 86].

Ин мавқеъ воқеан барои бисёр гурӯҳҳои ҷиноятӣ дуруст аст. Ангезаҳо ва мақсадҳо дар шуури ҷинояткор ташаккул ёфта, равони ӯро инъикос мекунанд. Онҳо бо хислатҳо ва муносибатҳои манфӣ вобастаанд, ки аксар вақт дар давраи кӯдакӣ ва наврасӣ дар натиҷаи ҳолатҳои психотравматикӣ ба вуҷуд меоянд. Маҳз ангеза ва мақсад рафтори шахсро муайян мекунанд – новобаста аз он ки ин рафтор ҷиноятӣ ё ғайриҷиноятӣ бошад.

Бо вуҷуди ин, барои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ нақши ангеза ва мақсад нисбат ба дигар ҷиноятҳо хеле муҳимтар аст. Ба ин гуна ҷиноятҳо на танҳо кирдорҳое дохил мешаванд, ки мустақиман ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат равона шудаанд, балки ҳамчунин ҷиноятҳои дорои хусусияти зӯроварӣ, ки бо ангезаҳои душманӣ ва бадбинӣ – сиёсӣ, идеологӣ, миллӣ, нажодӣ ё динӣ содир мегарданд.

Илова бар ин, чунин ангезаҳо метавонанд ҳамчун аломатҳои вазнинкунанда дар як қатор моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ баромад кунанд. Онҳо инчунин тибқи қисми 1 моддаи 62 КҶ ҶТ метавонанд ҷазоро барои гунаҳгор вазнинтар созанд.

Аз нуқтаи назари қонунгузории ҷиноятӣ, чунин ҳолатҳо ба ягон категорияи махсуси ҷиноятҳо мустақиман мансуб нестанд. Аммо таҷрибаи тафтишӣ ва суд нишон медиҳад, ки ҳатто ҷиноятҳои маъмулӣ, ки аз рӯйи объекти таҷовуз ё аломатҳои объективӣ ба ҷиноятҳои экстремистӣ дохил намешаванд, метавонанд бо сабаби мавҷудияти ангезаҳои махсус мақоми ҷиноятҳои экстремистиро пайдо кунанд.

Маҳз ҳамин ангезаҳои хос – душманӣ нисбат ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ аз рӯйи эътиқоди сиёсӣ, идеологӣ, динӣ, миллӣ ё талошҳо барои дастгирии

ҳаракатҳои террористӣ – ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро аз дигар ҷиноятҳои умумиҷиноятӣ фарқ месозанд.

Ин ҳолат махсусан барои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ равшан аст, зеро қонунгузорӣ номгӯи дақиқи онҳоро на ҳамеша муайян мекунад. Дар чунин ҳолат, маҳз ангеза ҳамчун омили ягонаи фарқкунанда баромад менамояд.

Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон М.А.О., санаи таваллудаш 06-уми феврали соли 2003, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, даст ба содир намудани ҷиноят зад, ки моҳияти он аз иштирок дар фаъолияти иттиҳодияи экстремистии «Салафия» иборат мебошад.

Сипас, ӯ дар шабакаи интернетии «Инстаграмм» саҳифаи худро дар аввал бо номи «Ahli_sunnat_02» кушода, бо мақсади иштирок намудан дар фаъолияти иттиҳодияи экстремистии «Салафия» зиёда аз 50 адад наворҳои видеоии аъзоёни фаъоли ин иттиҳодия Абдузоҳири Доъӣ, Абу Убайдуллоҳи Мутаваккил, Мубашири Муслимиёр ва Мустафо Дарвешзодаро ба оммаи истифодабарандагони сомонаи зикршуда паҳн кард.

Ҳамчунин, ӯ тахминан моҳи апрели соли 2022 дар шабакаи интернетии «Инстаграмм» саҳифаи дигари худро бо номи «Ahli_……..» кушода, бо мақсади тарғибу ташвиқи ақидаҳои аъзоёни иттиҳодияи экстремистии «Салафия» ва мусоидат ба фаъолияти ин иттиҳодия то лаҳзаи дастгир шуданаш зиёда аз 140 адад наворҳои видеоии мубаллиғони иттиҳодияи экстремистии зиркшударо ба оммаи истифодабарандагони сомонаи интернетии «Инстаграмм» паҳн карда, бо ин роҳ дар фаъолияти ин иттиҳодияи ифротӣ иштирок намуд.

Илова бар ин, М.А.О. бо мақсади боз ҳам қавитар гардонидани савияи дониши худ ва тарғибу ташвиқи ақидаҳои ифротии иттиҳодияи экстремистии «Салафия» бо яке аз аъзоёни иттиҳодия мазкур Қ.А.А. (нисбаташ бо моддаи 307/3 қисми 2-и КҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз шудааст), дар сомонаи интернетии «Инстаграмм», дар пахши мустақими охирин иштирок карда, оид

ба рукнҳои намоз аз нигоҳи аъзоёни иттиҳодияи экстремистии «Салафия» суҳбат карда, ақидаҳои ӯро ҷонибдорӣ кард [185].

Ҳамин тариқ, ангеза ва мақсад дар ин ҳолат, на танҳо унсури ҳатмии предмети исботкунӣ ба ҳисоб рафта, балки инчунин бандубасти ҷиноятҳоро низ муайян менамоянд.

Аз ин рӯ, бо ақидаҳои В.П. Очередко ва О.Н. Коршунова розӣ шудан душвор аст. Олимони мазкур бар ин назар ҳастанд, ки вобаста ба нақши ангеза дар сохтори ҷиноят, ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1) ҷиноятҳое, ки ангеза дар онҳо унсури ҳатмӣ мебошад ва бе он худи ҷиноят вуҷуд дошта наметавонад; 2) ҷиноятҳое, ки ангеза барои онҳо унсури факултативӣ аст ва набудани он ба сохтори ҷиноят таъсир намерасонад [137, с. 201].

Ин мавқеъ дар шароити қонунгузории ҷиноятии навсозишуда ба миён омадааст. Бо вуҷуди ин, муаллифоне, ки тавсияҳои ҷолибро оид ба ҷанбаҳои криминалистии муқовимат ба ҷиноятҳои экстремистӣ пешниҳод кардаанд, дар асл дубора ба низоми ҳуқуқии танзими чунин кирдорҳо баргаштаанд.

Аз дидгоҳи криминалистика, унсурҳои муҳимтарине, ки механизми содиршавии ҷиноятро нишон медиҳанд, ҳам унсурҳои сохтори механизми ҷиноятанд ва ҳам унсурҳое, ки ба маънои ҷиноятӣ бетараф буда, ба бандубасти ҳуқуқӣ таъсир намерасонанд.

Аммо, мутаассифона, ҳамаи таҳиягарони методҳои хусусии тафтиши ҷиноятҳо, ки ба гурӯҳи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дохил мешаванд, аҳаммияти ангезаро дар сохтори тавсифи криминалистӣ пурра дарк накардаанд.

Масалан, В.С. Капитса сохтори унсурҳои низомноки тавсифи криминалистии ҷиноятҳоро ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ, ки бо ангезаҳои душманӣ ё бадбинии миллӣ, нажодӣ ва динӣ содир мешаванд, чунин пешниҳод кардааст: маълумот дар бораи тарзи содир ва пинҳон кардани

ҷиноят, гурӯҳи ҷиноятӣ, хусусиятҳои шахсии аъзоёни он ва ҷабрдида, инчунин замон ва макони содиршавии ҷиноят [161, с. 7].

Муаллиф зарур намедонад, ки ангеза ба тавсифи криминалистӣ дохил карда шавад, зеро ишора ба он аллакай дар унвони методи таҳиякардааш ҷой дода шудааст. Бо вуҷуди ин, чунин равиш мураккаб ба назар мерасад: аз як тараф, ҳамаи ҷиноятҳои зидди ҳаёт ва саломатиро фаро мегирад, аз ҷониби дигар, танҳо он ҷиноятҳоро ҷудо мекунад, ки бо ангезаҳои миллӣ, динӣ, нажодӣ ва душманӣ содир шудаанд.

Илова бар ин, худи ангезаҳои интихобкардаи ӯ низ яксон нестанд. Онҳо муносибатҳои гуногуни экстремистиро дар шуури гунаҳгор инъикос мекунанд ва маҷмуи рафторҳои ҷинояткоронро, ки таҳти таъсири таассуби миллӣ, динӣ ё нажодӣ амал мекунанд, ба вуҷуд меоранд.

Дар баробари ин, наметавон гуфт, ки дар кори таҳлилшаванда аҳаммияти муайян кардани ангезаҳо умуман нодида гирифта мешавад. В.С. Капитса дуруст эътироф мекунад, ки «дар таҳқиқи шахсияти ҷинояткор муайян кардани ангезаҳои рафтори ӯ нақши махсус мебозад» [161, с. 13]. Чунин ба назар мерасад, ки таҳқиқи ангезаҳои рафтори ҷинояткор на танҳо барои таҳқиқи шахсияти ӯ, масалан, барои муайян кардани мавҷуд будан ё мавҷуд набудани ҳолати харобии руҳӣ, балки барои муайян кардани тамоми ҳолатҳои ин кирдор муҳим аст.

Чунин мавқеъ дар кори Ж.В. Вассалатий низ ба назар мерасад, ки кӯшиш кардааст, то методи тафтиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистидоштаро таҳия намояд. Бо дарназардошти гуногунрангии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки муайян кардани мафҳум ва таҳияи методи амалии мутобиқро душвор месозад, Ж.В. Васалатий таъкид мекунад, ки чунин ҷиноятҳо метавонанд аз рӯйи як қатор омилҳо муттаҳид гарданд. Ба ин омилҳо умумияти субъектҳо, мақсадҳо ва ангезаҳои дорои хусусияти террористӣ, инчунин омезиши шаклҳои гуногуни терроризм дохил мешаванд [157, с. 12].

Минбаъд муаллиф сохтори тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро пешниҳод намуда, нишон медиҳад, ки асоси онро унсурҳои зерин ташкил медиҳанд: тарзи содир намудани ҷиноят (аз ҷумла маълумот дар бораи омодагӣ ва пинҳонсозӣ); ҳолати содиршавии ҷиноят (ҷой, вақт, олот, объекти таҷовуз, доираи паҳншавӣ ва ғ.); шахсияти ҷинояткор (намуди гурӯҳ, шумора ва таркиби иштирокчиён, дараҷаи муташаккилӣ ва хусусиятҳои криминалистии ҳар узви фаъол); шахсияти ҷабрдида; ҳамчунин механизми пайгирӣ [157, с. 8].

Ҳамин тавр, Ж.В. Васалатий ба зарурати равшан нишон додани хусусиятҳои механизми фаъолияти ҷиноятӣ ва муносибатҳои қонунии байни унсурҳои мазкур ишора мекунад. Бо вуҷуди ин, ӯ ангезаро ҳамчун унсури мустақили тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ҷудо намекунад.

Ҳамин тавр, Ж.В. Васалатий бар он назар аст, ки барои тавсифи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муҳим аст, ки хусусиятҳои механизми фаъолияти ҷиноятӣ дуруст нишон дода шаванд. Ӯ зарур намедонад, ки ангеза ҳамчун унсури мустақили тавсифи криминалистӣ ҷудо карда шавад.

Аз ҷониби дигар, Д.Г. Скориков сохтори тавсифи криминалистии чунин ҷиноятҳоро аз чанд унсур мебинад. Ба он дохил мешаванд: маълумот дар бораи шахсияти ҷабрдида ва шахсе, ки ҷиноят содир кардааст; тарзҳои тайёрӣ, содир намудан ва пинҳон кардани ҷиноят; шароити содиршавӣ, яъне вақт ва ҷой; инчунин олотҳо, воситаҳо ва нишонаҳои боқимондаи ҷиноят [175, с. 9].

Ба назари мо, чунин сохтор баъзе эродҳоро ба миён меорад. Аввалан, ҷудо кардани маълумот дар бораи шахсияти ҷабрдида ҳамчун унсури асосӣ баҳсбарангез аст. Дигар унсурҳои тавсифи криминалистӣ, одатан, иттилооти бештар доранд. Аксар вақт интихоб шудани ҷабрдида тасодуфӣ менамояд, гарчанде ки он то ҳадде аз идеологияи гунаҳгор вобаста аст ва бо он гурӯҳҳо

ё субъектҳое иртибот мегирад, ки бо ӯ дар зиддияти идеологӣ қарор доранд. Мутаассифона, ҳамин ҷанбаи охир аксар вақт дар таҳқиқотҳои илмӣ кам баррасӣ мешавад, гарчанде ки барои фаҳмиши дурусти хусусиятҳои ҷиноятҳои экстремистӣ ё террористӣ аҳаммияти калон дорад.

Дуюм, истифодаи истилоҳи «мукаммал» нисбат ба тарзҳои тайёрӣ, содир ва пинҳон кардани ҷиноят дуруст нест. Калимаи «мукаммал» хусусияти арзёбӣ дорад ва маънои «мураккаб», «паси парда» ё «ноаён»-ро медиҳад. Ин метавонад чунин таассуротро ба вуҷуд орад, ки агар усуле «мукаммал» набошад, онро баррасӣ кардан лозим нест. Аммо дар амал баръакс мешавад: баъзе ҷиноятҳои экстремистӣ бо усулҳои хеле сода ва ҳатто намоишкорона пинҳон карда мешаванд. Гунаҳгорон ҳатто метавонанд аз он хуш бошанд, ки осори кирдорҳои онҳо ба таври оммавӣ ошкор шавад.

Аз ин рӯ, муҳим аст, ки ҳама усулҳои тайёрӣ, содиршавӣ ва пинҳонкунии ҷиноятҳо баррасӣ карда шаванд, новобаста аз он ки онҳо мураккаб ё сода, «мукаммал» ё «номукаммал» бошанд.

Дар бораи вазъияти ҷиноят метавон гуфт, ки ин мафҳумро бояд васеътар дарк кард. Он на танҳо ба вазъияте дахл дорад, ки мустақиман аз ҷониби гунаҳгор бо назардошти ҷой ва вақти содиршавӣ ба вуҷуд оварда мешавад, балки ҳамчунин баъзе омилҳои объективиро низ дар бар мегирад, ки ба шароити ҷиноят таъсир гузошта, маҷмуан вазъияти онро инъикос мекунанд.

Дар мавриди олотҳо ва воситаҳои ҷиноят, бо дарназардошти баҳснокии ин ҷанба, ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки онҳо бештар унсури ҳосилшудаи тарзи содир намудани ҷиноят мебошанд. Зеро истифодаи олот ва воситаҳо одатан ба ҳаракатҳои муайяни ҷиноятӣ хос буда, онҳоро пурра мекунад. Ҳамзамон бояд гуфт, ки сохтори пешниҳодшуда дар бораи ангезаҳои гунаҳгорон ҳамчун унсури тавсифи криминалистӣ ишора намекунад.

Дар робита ба ин, мавқеи В.О. Давидов ҷолиб ба назар мерасад. Ӯ бар он аст, ки дар низоми тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти

экстремистӣ маҳз ангеза ва шахсияти субъекти ҷиноят аҳаммияти калидӣ доранд [158, с. 9].

Ин мавқеъ дар сохтори тавсифи криминалистии ҷиноятҳои экстремистӣ, ки бо истифода аз шабакаҳои компютерӣ содир мегарданд, рушд меёбад. Ба чунин сохтор унсурҳои зерин дохил мешаванд: маълумот дар бораи субъекти ҷиноят, ангезаҳо ва мақсадҳои ӯ; тарзи содир намудани ҷиноят; олотҳо ва воситаҳои истифодаи ҷинояткорон; ҷой, вақт ва вазъияти содиршавии кирдор; хусусиятҳои шахсияти ҷабрдида ё ҷабрдидагон [158, с. 15].

Муҳим он аст, ки нодуруст муайян кардани ангеза ва мақсадҳо метавонад боиси нодуруст баҳогузорӣ шудани кирдор гардад. Дар натиҷа, ангезаҳои экстремистӣ дар ҳаракатҳои гунаҳгор ошкор намешаванд ва ӯ ба ҷавобгарии дахлдор кашида намешавад.

Ин ҳолатро метавон нисбат ба ҷиноятҳои террористӣ низ татбиқ кард. Онҳо бо мақсадҳои мушаххас содир мешаванд ва исботи ҳамин мақсадҳо барои муайян кардани табиати воқеии ҷиноят ҳатмӣ мебошад. Масалан, гаравгонгирӣ, ки барои маҷбур кардани мақомоти давлатӣ ба иҷрои талаботи террористон анҷом дода мешавад, ҷинояти террористӣ шуморида мешавад. Аммо одамрабоӣ, ки танҳо ҳамчун таҷовузи умумиҷиноятӣ ба озодӣ ва ҳуқуқи шахс анҷом меёбад, хусусияти дигар дорад.

Ҳамзамон, агар одамрабоӣ бо ангезаҳои миллӣ, динӣ, сиёсӣ ё идеологӣ ва бо нафрат нисбат ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ содир шуда бошад, дар ҳолати исботи чунин ангезаҳо, он метавонад ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мансуб гардад.

Дар амалияи тафтишотӣ мушоҳида мешавад, ки аксар вақт мақсад ва ангезаҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дуруст муайян намегарданд. Дар натиҷа, шахс ба содир намудани ҷинояти умумӣ, одатан бо хусусияти зӯроварӣ ё таҷовуз ба тартиботи ҷамъиятӣ, баъзан ҳамчун худсарӣ ва дигар кирдорҳо айбдор мешавад, бидуни он ки ангезаҳои хоси экстремистӣ ошкор гарданд.

Маҳз ҳамин ангезаҳо ва мақсадҳо ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро муттаҳид месозанд. Онҳо на танҳо аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба объектҳои гуногуни ҳимояи ҳуқуқӣ рабт доранд, балки аз дидгоҳи криминалистика низ ба таври назаррас дар механизми содиршавии ҷиноят фарқ мегузоранд.

Ин ҳолат нишон медиҳад, ки мақсад ва ангезаҳо дар чунин ҷиноятҳо асоси муттаҳидкунандаи сохтори унсурҳои механизми фаъолияти ҷиноятӣ мебошанд. Ба андешаи мо, онҳо на танҳо унсури мустақили тавсифи криминалистикиро ташкил медиҳанд, балки унсури асосӣ ва марказии он ба ҳисоб мераванд.

Бо вуҷуди ин, набояд ба ифрот роҳ дод. Ҳар гуна ҷинояти зӯроварӣ, ки нисбат ба намояндаи миллат, забон, дин ё андешаи сиёсӣ содир шудааст, наметавонад фавран ҳамчун ҷинояти экстремистӣ эътироф гардад. Дар бисёр ҳолатҳо, мунокишаҳо байни намояндагони гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар асл ба зиддиятҳои шахсӣ ва рӯзгор асос ёфтаанд ва бо ангезаҳои идеологӣ иртибот надоранд.

Барои муайян кардани ангезаҳои ҳақиқии ҷиноят зарур аст, ки тамоми ҳолатҳои воқеа ҳамаҷониба таҳқиқ карда шаванд. Инчунин бояд рафтори гунаҳгор пеш аз содир кардани ҷиноят, муносибати ӯ бо ҷабрдида ва дигар ҳолатҳо аниқ муайян карда шаванд.

Ҳамин тариқ, гарчанде мақсадҳо ва ангезаҳо унсурҳои пешбари сохтори механизми фаъолияти ҷиноятӣ мебошанд, онҳо аҳаммияти дигар унсурҳои тавсифи криминалистикиро истисно намекунанд. Баръакс, ҳамаи унсурҳои тавсифи криминалистӣ бо ҳам робитаи мутақобила доранд: ангезаҳо бо хусусиятҳои шахсӣ ва рафтории гунаҳгор, бо тарз ва усулҳои содиршавии ҷиноят ва бо дигар нишонаҳои муҳимми ҷиноят алоқаманд мебошанд.

Тавре қаблан гуфта шуд, ба ангезаҳои ифротгароӣ чунин омилҳо дохил мешаванд: бадбинии сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ё душманӣ, инчунин нафрат нисбат ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ.

Зери таъсири ҳамин гуна ангезаҳои мушаххас, ҷинояткорон тарзҳо ва усулҳои махсуси содир кардани ҷиноятро истифода мебаранд. Дар натиҷа, онҳо нишонаҳои дигари криминалистикиро низ нишон медиҳанд, ки ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ хос мебошанд.

Таъҷрибаи татбиқи қонун нишон медиҳад, ки ҳимоятгарон, ҳарчанд худи суханрониҳои фаъолонро «дар мавзуи шадид ва мубрам» рад намекунанд, баъзан баҳсҳоро ба миён меоранд. Ин баҳсҳо бештар ба арзёбии гуногуни ангезаҳои зерҳимоятгарон вобаста мебошанд.

Аз ин рӯ, чунин мешуморем, ки тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки дар рисолаи мазкур таҳия карда мешавад, воситаи методӣ барои ҳамаҷониба муайян кардани ҳолатҳои дар боло зикршуда мебошад, ки дар алоқаи низомнок қарор доранд.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки тавсифи умумии криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аз як қатор унсурҳои асосӣ иборат аст.

Аввалан, ба он мақсадҳо ва ангезаҳои маъмулии содир кардани чунин ҷиноятҳо дохил мешаванд.

Сониян, тарзҳои содир намудани ҷиноятҳо, ки хоси фаъолияти экстремистӣ мебошанд, дар назар гирифта мешаванд.

Сеюм, олотҳо ва воситаҳои истифодашуда ҳамчун унсурҳои муҳимми ин тавсиф баромад мекунанд.

Чаҳорум, хусусиятҳои осор ва пайҳои боқимондаи ҷиноят аҳаммияти ҷиддӣ доранд.

Панҷум, хусусиятҳои криминалистии шахсони ҷинояткор ва ҳамчунин гурӯҳҳо ё иттиҳодияҳои ҷиноятӣ дар ин низом ҷойгоҳи хос мегиранд.

Шашум, омилҳои марбут ба вақт ва фазо, инчунин дигар унсурҳои вазъияти ҷиноят мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Ҳафтум, хусусиятҳои криминалистии объекти таҷовуз муайян карда мешаванд.

Ҳаштум, ба ин низом инчунин хусусиятҳои қурбониёни кирдорҳои экстремистӣ дохил мешаванд, аз ҷумла талабот ва шароитҳое, ки ҷинояткорон (субъектҳои фаъолияти экстремистӣ ё террористӣ) пеш мегузоранд.

Ҳамаи ин унсурҳо, дар маҷмуъ ва дар робитаи байниҳамдигарӣ, механизми фаъолияти ҷиноятиро дар соҳаи кирдорҳои экстремистӣ инъикос менамоянд.

Муҳим аст таъкид шавад, ки сухан дар ин ҷо танҳо дар бораи сохтори умумии тавсифи ҳамаи ҷиноятҳои ин гурӯҳ меравад.

Дар баробари ин, таҳиягарони методҳои хусусии криминалистӣ метавонанд барои намудҳои мушаххаси ҷиноятҳои террористӣ ё экстремистӣ унсурҳои иловагиро пешниҳод намоянд, ки танҳо барои механизми содиршавии ҳамин навъи ҷиноятҳо хосанд.

Ҳангоми сохтани тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ зарур аст шартҳои умумии ба ин раванд марбут ба назар гирифта шаванд, то фарогирии ҳамаҷонибаи механизми фаъолияти ҷиноятӣ таъмин гардад.

Ҳар ҷиноятро метавон ҳамчун низои шахс ё гурӯҳи шахсон бо қонун фаҳмид, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон, ҷомеа ва давлатро ҳимоя мекунад. Дар ҳолати аксари ҷиноятҳои зӯроварӣ ин низоъ одатан дуҷониба аст: аз як тараф ташаббускори низоъ ва аз тарафи дигар шахси зарардида.

Вале механизми содиршавии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ хусусияти дигар дорад. Онҳо пеш аз ҳама бо мақсад ва ангезаҳои дохилии гунаҳгор муайян мешаванд ва аксаран ба низои сеҷониба оварда мерасонанд. Гунаҳгор дар низои дохилӣ ё беруна бо давлат ва сохторҳои расмӣ қарор дошта, талабот ва даъвоҳои худро нисбати сиёсати давлатӣ, сохти конститутсионӣ ё фаъолияти мақомоти ҳокимият изҳор мекунад. Аммо таҷовузи ҷиноятии ӯ бештар ба аҳолии бетараф равона мегардад.

Мақсади миёнаи чунин амалҳо эҷоди фазои тарсу ҳарос дар ҷомеа мебошад. Бо ин роҳ гунаҳгорон мекӯшанд сохторҳои давлатиро маҷбур созанд, ки қарорҳои дилхоҳашонро қабул кунанд ё аз амалҳое худдорӣ намоянд, ки ба манфиати онҳо мухолиф аст.

Ҳолати монанд ҳангоми содир гардидани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ низ мушоҳида мешавад. Дар ин маврид гунаҳгорон таҳти таъсири нафрат ва душманӣ амал мекунанд, ки нисбат ба шахсон аз рӯйи миллат, нажод, эътиқод ё дигар хусусиятҳои иҷтимоӣ равона мешавад. Ҷинояткор қасдан шахс ё гурӯҳеро интихоб мекунад, ки ба гурӯҳи иҷтимоии мухолиф тааллуқ дорад.

Ба ибораи дигар, маҳз таносуби махсуси мақсад ва ангеза ҷиноятҳои экстремистиро фарққунанда месозад. Ин омилҳо тарзи содиркунии ҷиноятро муайян намуда, ҳамзамон ба таври равшан хислатҳои шахсии гунаҳгорро инъикос мекунанд.

Дар натиҷаи таҳлили дидгоҳҳои гуногуни илмӣ ва омӯзиши таҷрибаи амалии чунин ҷиноятҳо мо ба хулоса омадем, ки имкон дорад сохтори универсалии тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ таҳия гардад.

Ба мазмуни унсурҳои он, ки дар маҷмуъ механизми содир намудани ин кирдорҳоро инъикос мекунанд, параграфҳои минбаъдаи кор бахшида мешаванд.

### 1.2.Тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ

Ҷиноятҳоро аз нуқтаи назари мавқеи фаъолият таҳқиқ намуда, илми криминалистика ҳамчунин категорияи илмӣ, ба монанди механизми содир намудани ҷиноят истифода мебарад [124, с. 164-169]. Мафҳуми механизми содир намудани ҷиноят, ки дар қаъри таълимоти криминалистӣ дар бораи механизми содир намудани ҷиноят таҳия шудааст [23, с. 669; 22, с. 636;127, с. 14-17; 42, с. 4], дар илми криминалистӣ ҳамчун низоми мураккаби динамикӣ муайян карда мешавад, ки дорои мазмуни худ мебошад: субъекти ҷиноят ва

муносибати он ба кирдорҳо ва оқибатҳои бавуҷудомада; тарзи содир намудан ва пинҳон кардани ҷиноят, предмети ҷиноят, натиҷаи ҷиноятӣ ва ғайра [125, с. 228-232]. Шакли мухтасари таърифи механизми содир намудани ҷиноят дар сарчашмаҳои криминалистӣ пешниҳод шудааст, ки дар он зери мафҳуми механизми содир намудани ҷиноят «низоми мураккаби динамикӣ, ки мазмуни фаъолияти ҷиноятиро муайян мекунад», фаҳмида мешавад [14, с. 117].

Чун падидаи илмии механизми содир намудани ҷиноят таъсири маҷмуи қонуниятҳои хоси категорияи ҷиноятҳои баррасишавандаро, ки дар ҷанбаи криминалистӣ ба онҳо дохил мешаванд, эҳсос мекунад [100, с. 59-63]:

– қонуниятҳои пайдоиш ва рушди робитаҳо ва муносибатҳо дар низоми механизми содир намудани ҷиноят;

– қонуниятҳои ташаккул ва татбиқи тарзи содир намудани ҷиноят;

– қонуниятҳои пайдоиш ва инкишофи зуҳуроти марбут ба кирдори ҷиноятӣ дар марҳилаҳои пеш аз ҷиноят ва пас аз он, ки барои муайян кардани ҳолатҳои марбут ба предмети исботкунӣ муҳиманд [14, с. 117].

Омӯзиши қонуниятҳои механизми содиршавии ҷиноят қадами аввалин барои ташаккули муқаррароти илмӣ ва амалии соҳа ба ҳисоб меравад.

Ин раванд заминаи таҳияи тавсияҳое мегардад, ки ҳам барои такмил додани методҳои мавҷудаи тафтишот ва ҳам барои коркарди методҳои нав мусоидат мекунанд.

Ҷорӣ намудани чунин тавсияҳо ба амалияи судӣ ва тафтишӣ имконият медиҳад, ки сатҳи самаранокии муайянсозӣ, ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои дахлдор ба таври назаррас баланд гардад [127, с. 17; 126, с. 89-93].

Дар адабиёти илмии криминалистика дар бораи таносуби мафҳумҳои «механизми содир намудани ҷиноят» ва «тавсифи криминалистии ҷиноят» аҳаммияти махсус дода мешавад [120, с. 210-214]. Мавқеъҳое мавҷуданд, ки бартариҳои интихоби мафҳуми якум [51, с. 25] ё дуюмро [48, с. 207; 163, с. 15-19] ҳангоми ишора ба фаъолияти ҷиноятӣ, ки бояд дар доираи методи

криминалистӣ таҳқиқ карда шавад, асоснок мекунанд, ки натиҷаҳои ҷамъбастии он марҳилаи таҳияи тавсияҳои методикӣ-криминалистӣ мебошанд. Муҳаққиқони дигар, истифодаи ҳардуи ин мафҳумҳоро барои ишора ба қонуниятҳои ошкоршудаи содир кардани ҷиноятҳои ин ё он гурӯҳ мақсаднок мешуморанд.

Ба қатори иштирокчиёни фаъоли ин баҳси илмӣ дохил нашуда, азбаски мушкилоти рисолаи мазкур хусусияти амалӣ дорад, мо нуқтаи назари худро мухтасар нишон медиҳем. Мо чунин мешуморем, ки ҳарду мафҳум метавонанд, вуҷуд дошта бошанд. Онҳо бо он монандӣ доранд, ки мазмуни онҳо фаъолияти ҷиноятиро дар ҷанбаи функсионалӣ дар бар мегирад масалан, дар доираи методи хусусии криминалистӣ ин фаъолият дар раванди содир кардани ҷиноятҳои намуди муайян ё гурӯҳи муайян, яъне хусусияти динамикӣ муайян мешавад. Яъне, ҳам механизми содир кардани ҷиноят ва ҳам тавсифи криминалистии ҷиноят ба омӯзиши қонуниятҳои содиршавии ҷиноят ва фаъолияти ҳамбастае равона шудаанд, ки татбиқи қасди ҷиноятиро таъмин мекунад.

Таълимоти криминалистӣ дар бораи механизми содир кардани ҷиноят гурӯҳҳои муайяни қонуниятҳоро ҷудо менамояд [52, с. 16], ки онҳо аз дидгоҳи предмети криминалистика баррасӣ шуда, барои ҳар як категорияи ҷиноят хусусияти хос доранд.

Мо комилан ба мавқеи А.Ю. Головин розӣ ҳастем. Ӯ бар он аст, ки механизми содир кардани ҷиноят бояд объекти таҳқиқоти илмӣ бошад ва натиҷаи чунин таҳқиқот ба ташаккули тавсифи криминалистии ҷиноят меорад. Ба андешаи ӯ, тавсифи криминалистии ҷиноят маҷмуи маълумотест, ки дар асоси дониш дар бораи механизми содир кардани ҷиноят ва қонуниятҳои он ба даст оварда мешавад [29, с. 120].

Категорияи «тавсифи криминалистии ҷиноят» дар ҷараёни рушд марҳилаҳои ташаккул, коркард, бӯҳрон ва пас аз бӯҳронро аз сар гузаронида, имрӯз аз ҷониби аксари ҳуқуқшиносон ҳамчун категорияи илмии

криминалистика эътироф шудааст. Моҳияти он дар дохили сохтори муайян ва унсурҳои ба ҳам алоқаманди гурӯҳи дахлдори ҷиноят ифода меёбад.

Тавсифи криминалистии ҷиноятҳо танҳо ба тавсифи хусусиятҳои ҷиноятҳо маҳдуд намешавад. Он на танҳо тарзҳои маъмулии содир кардани ҷиноят, пайҳои ҷиноятӣ, шахсиятҳои ҷинояткорон ва ҷабрдидагон ё хусусиятҳои вақт ва макони содиршавиро дар бар мегирад, балки ҳамзамон робитаҳои қонунии байни ин унсурҳоро низ муайян месозад.

Маҳз ҳамин хусусияти низомнок тавсифи криминалистикиро арзишманд мегардонад. Он имконият медиҳад, ки маълумоти гирифташуда дар марҳилаҳои ташкили тафтишот, таҳлили ҳолатҳои ибтидоӣ, пешбарӣ ва санҷиши фарзияҳои умумӣ ва хусусӣ, инчунин интихоби усулҳои тактикии гузаронидани амалҳои тафтишӣ самаранок истифода бурда шавад [100, с. 82].

Масалан, баҳсҳо дар бораи таносуби мафҳумҳои «тарзи содир кардани ҷиноят» ва «механизми содир кардани ҷиноят» идома доранд. Баъзе муҳаққиқон механизми содиршавиро унсури сохтории тавсифи криминалистии ҷиноят мешуморанд. Вале мавқеи мо дигар аст. Ба андешаи мо, механизми содир кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ҳамчун як фаъолияти динамикии ҷиноятӣ бояд объекти мустақими таҳқиқоти илмӣ бошад. Натиҷаи ин таҳқиқот, ки бар асоси маълумоти кофии эмпирикӣ ва назариявӣ сурат мегирад, маҳз тавсифи криминалистии ҷиноят мебошад.

Бар ин асос, механизми содир кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ — ин категорияест бо аҳаммияти назариявӣ ва амалии баланд. Аммо он худ наметавонад унсури сохтории тавсифи криминалистии ҷиноят бошад, зеро пеш аз ҳама объекти ибтидоӣ барои таҳияи он тавсиф аст.

Илова бар ин, на ҳамаи муҳаққиқон тавсифи криминалистикиро ҳамчун абстраксияи илмӣ мешиносанд. Баъзеҳо онро маҳдуд ба таҳлили хусусиятҳои як ҷинояти воқеӣ, ки дар тафтиш қарор дорад, меҳисобанд. Агар чунин маъно қабул шавад, пас ин мафҳум бештар ба маълумотномаи таҳлилӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ ё хулосаи айбдоркунӣ монанд мешавад.

Аз ин рӯ, дар доираи консепсияи тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мо истифодаи мафҳумро дар маънои умумӣ нисбат ба як кирдори ҷудогона дуруст намешуморем.

Ҳангоми гузариш ба таҳлили сохтори тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, мо ба корҳои муҳаққиқоне таваҷҷуҳ мекунем, ки таҳқиқоти илмии худро ба ташаккули методҳои криминалистии ҳамҷавор бахшидаанд. Бо дарназардошти он ки масъалаи баланд бардоштани самаранокии тафтиши чунин ҷиноятҳо ҳанӯз ҳам дар маркази таваҷҷуҳи илмӣ қарор дорад, дар солҳои охир як қатор таҳқиқотҳо анҷом ёфтаанд, ки андешаҳои гуногуни муаллифонро равшан месозанд.

Аз ҷумла, В.В. Радаев моҳияти криминалистии экстремизмро дар робитаи байни унсурҳои муҳимми зерин мебинад: идеологияи экстремистӣ, сохтори ташкилӣ (субъектҳои экстремизм) ва фаъолияти экстремистӣ, ки дар амал ва рафтори онҳо таҷассум меёбад [61, с. 17]. Қайд кардани ҷанбаи идеологӣ, алалхусус дар робита бо тарзҳои зиддиҳуқуқии фаъолияти субъектҳо, ҷолиб аст. Инчунин, ҷудо кардани «идеологияи экстремистӣ» ҳамчун унсури мустақил, ба назар таъсирбахш менамояд. Бо вуҷуди ин, мувофиқи мавқеи мо, чунин муқаррароти идеологӣ бештар дар доираи ҷузъи ангезаи субъектҳо арзёбӣ мешаванд. Умуман, тарзи содир кардани ҷиноятҳои экстремистӣ ба тафсири васеътар эҳтиёҷ дорад.

Еремин Д.Н. дар диссертатсияи номзадии худ сохтори тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро чунин муайян кардааст:

– таркиби ташкилоти экстремистии ҷиноятӣ;

– тарзи содиршавӣ ва хусусиятҳои пайгирӣ дар доираи механизми ҷиноят;

– шахсияти экстремисти сиёсӣ (синну сол, ҷинс, таҳсилот, вазъи оилавӣ, машғулият, муносибат ба дин ва доғи судӣ, ҳамчунин содир кардани ҷиноят дар шарикӣ);

– ангезаҳо, мақсадҳо ва эътиқоди экстремисти сиёсӣ;

– предмети таҷовузи ҷиноятӣ;

– қурбониёни ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ;

– воситаҳои тайёрӣ ва содир кардани ҷиноят [159, с. 33-57].

Муаллиф бо равшанӣ сохтори шахсияти ҷинояткорро нишон дода, ҳамзамон тарзи содир кардани ҷиноятро ба таври васеъ аз дидгоҳи ҳолатҳои пеш аз ҷиноят, ҷиноятӣ ва пас аз ҷиноят шарҳ додааст. Ин равиш таъсирбахш ба назар мерасад.

Бо вуҷуди ин, Д.Н. Еремин тарзи содир кардани ҷиноятро унсури механизми ҷиноят меҳисобад ва таъсири онро ба ташаккули тавсифи криминалистӣ хеле муҳим медонад. Аз дидгоҳи мо, дар ин ҷо ба мафҳумҳои «механизми содир кардани ҷиноят» ва «тавсифи криминалистӣ» то андозае ҳамсонӣ дода шудааст. Дар асл бошад, механизми содиркунии ҷиноят худ объекти мустақими таҳқиқоти илмӣ мебошад ва тавсифи криминалистӣ бояд натиҷаи омӯзиши ҳамин механизми ҷиноятӣ гардад.

Аз ин рӯ, бо он ки Еремин ҳамаи унсурҳои тавсифи криминалистикиро ҳамчун ҷузъҳои механизми содиршавӣ арзёбӣ мекунад, ба назар мерасад, ки таъкид ба «механизм» дар ин ҳолат аз ҳад зиёд аст. Зеро тавсифи криминалистӣ худ бояд натиҷаи омӯзиши ин механизм бошад, на ҳаммаънои он.

Фаҳмиши предмети таҷовузи ҷиноятӣ, ки Д.Н. Еремин онро ҳамчун унсури тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ пешниҳод кардааст, бештар ба соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ иртибот дорад, на ба криминалистика. Ӯ чунин предметҳоро зикр мекунад: амнияти шахсӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ, ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, шахсони мансабдор ё фаъолони ҷамъиятӣ, молу мулк, маводи мухаддир, силоҳ, иттилоот, ашёи хоми саноатӣ, технологияҳои пешрафта ва ғайра [159, с. 51-52]. Ин ҳама беш аз он ки ба тавсифи

криминалистӣ мансуб бошад, ба мафҳуми ҳуқуқии объектҳои ҳимояшавандаи ҷиноятӣ наздиктар аст.

Ба гуфтаи Д.Г. Скориков, тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бояд низоми маълумоти мушаххас ва тавсияҳои амалӣ бошад. Он маълумотро дар бораи шахсияти ҷинояткор ва ҷабрдида, тарзҳои мураккаби тайёрӣ, содир ва пинҳонкунии ҷиноят, омилҳои вақт ва макон, инчунин олотҳо, воситаҳо ва пайҳои боқимондаи ҷиноят фаро мегирад. Ҳадафи он – таъмини ошкорсозӣ ва таҳқиқи ҳамаҷониба ва объективии чунин ҷиноятҳост [157, с. 10].

В.О. Давидов, дар навбати худ, сохтори махсуси тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро, ки бо истифода аз шабакаҳои компютерӣ содир мешаванд, пешниҳод мекунад. Ба он унсурҳои зерин дохил мешаванд:

– маълумот дар бораи предмети ҷиноят, ангезаҳо ва мақсадҳои он;

– маълумот дар бораи тарзҳои содир кардани ҷиноят, олотҳо ва воситаҳои истифодаи он;

– маълумот дар бораи макон, вақт ва вазъияти содиршавии кирдор;

– маълумот дар бораи шахсияти ҷабрдидагон [157, с. 15].

Ин сохтор, дар маҷмуъ, қобили қабул ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, ду ҷанба бояд илова ё равшан карда шаванд. Аввал, аксари ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятии дорои дараҷаҳои гуногуни муташаккилӣ содир карда мешаванд, аз ин рӯ, аломати гурӯҳӣ дар тавсиф бояд ҷой дошта бошад. Дуюм, муҳити содиршавии ҷиноят бояд фаротар аз «макон ва вақт» арзёбӣ шавад, зеро шароити иҷтимоӣ ва иттилоотии он низ аҳаммияти калидӣ дорад.

Инчунин бояд ба назар гирифт, ки маълумот дар бораи ҷабрдидагон на ҳамеша мушаххас мешавад. Агар ҷиноят хусусияти зӯроварӣ надошта бошад ва танҳо дар шакли интишори маводи экстремистӣ дар интернет ё изҳори ҳамбастагӣ ба чунин мавод дар шабакаҳои иҷтимоӣ сурат гирад, ҷабрдидаи

мустақим вуҷуд надорад. Аммо дар ҳолате, ки технологияҳои компютерӣ барои ташкили амалҳои экстремистӣ истифода мешаванд – аз ҳамлаҳои муташаккил ба шахсони як гурӯҳи иҷтимоӣ то гирдиҳамоиҳо ва раҳпаймоиҳои ғайриқонунӣ – шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун абзори асосии муошират ва ҳамоҳангсозӣ амал мекунанд. Дар ин сурат, онҳо бештар ба марҳилаи тайёрии ҷиноятҳои зӯроварии экстремистӣ тааллуқ мегиранд.

Зарурати васеъ кардани сохтори тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аз нуқтаи назари аҳаммияти амалии он вуҷуд надорад. Илова кардани унсурҳои нави тавсифи криминалистии ҷиноятҳои категорияи зикршуда бо миқдори номаҳдуд метавонад сабаби иваз кардани унсурҳои тавсифи криминалистӣ бо унсурҳои дигари методҳои хусусии криминалистии тафтиши ҷиноятҳо гардад. Дар асоси тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бояд танҳо унсурҳое бошанд, ки имкон медиҳанд, то маълумоти ибтидоии криминалистӣ дақиқан ба даст оварда шавад ва ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муайян карда шавад.

Унсурҳои тавсифи криминалистӣ бо ҳам алоқаманданд ва аз ҳам вобастаанд. Ба ибораи дигар, маълумот дар бораи тарзи содир кардани ҷиноят ва вазъият имкон медиҳад, ки хусусиятҳои шахсияти шахси ҷинояткорро муайян кунанд, ки ин дар навбати худ ба муайян кардани доираи ҷинояткорон кумак мекунад. Азбаски маълумот дар бораи шахсияти шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, хусусияти амалиётӣ дорад, ин маълумот таваҷҷуҳи таҳқиқбаранда ё муфаттишро дар механизми пайгирӣ ва тарзи содир кардани ҷиноят муайян мекунад.

Мавқеи муаллифии зикршуда ҷолиб ва таъсирбахш аст, вале метавонад фаҳмиши гуногунро ба вуҷуд орад. Хусусан, он ҷо, ки гуфта мешавад тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ на танҳо маълумот, балки тавсияҳоеро низ дар бар мегирад, ки барои «омӯзиши маълумоти мавҷуда ва ошкор кардани маълумоти нав» равона шудаанд.

Албатта, тавсифи криминалистӣ ҳамчун як категорияи илмӣ бояд рушд кунад. Пешрафти илмӣ табиист, ки боиси ошкор шудани маълумоти нав дар бораи ҷанбаҳои гуногуни механизми фаъолияти ҷиноятӣ мегардад. Аммо ин раванд бештар ба марҳилаи таҳияи методҳои такмилёфта хос аст, на ба тавсифи классикии криминалистӣ.

Методи хусусии криминалистӣ бояд шакли муайяни анҷомёбиро дошта бошад, то аз ҷиҳати илмӣ санҷида шуда, ҳамчун воситаи амалии муассир барои ташкили тафтишот истифода шавад. Ба воситаи он мумкин аст фарзияҳои криминалистӣ таҳия ва санҷида шаванд, тактикаи амалиётӣ интихоб гардад ва усулҳои мувофиқи гузаронидани амалҳои тафтишӣ муайян шаванд. Ин раванд, ҳамчунин, муносибати дуруст ба субъекти ҷиноят ва ҷабрдидагонро таъмин менамояд, аз ҷумла бо истифода аз маълумоти портрети психологӣ-криминалистӣ.

Аз ин рӯ, омӯзиши маълумоти нав ва мавҷуда зарур аст, вале ин вазифа бештар ба доираи методҳои такмилёфта тааллуқ дорад. Дар доираи методи таҳияшуда, тавсифи криминалистӣ пеш аз ҳама барои ифодаи моҳияти категория ва робитаи унсурҳои он хизмат мекунад.

Муҳим он аст, ки тарзҳои тайёрӣ, содиршавӣ ва пинҳон кардани ҷиноят ҳамчун ҷузъҳои ягона ва ногусастанӣ баррасӣ шаванд. Ҳамзамон, на танҳо тарзҳои «мукаммал», балки тарзҳои нисбатан сода ва номукаммал низ бояд мавриди омӯзиш бошанд, зеро ҳарду барои ҷиноятҳои экстремистӣ хос мебошанд. Маълумот дар бораи олотҳо ва воситаҳо бошад, дар ҳамин доираи «тарзҳои маъмулии таҷовузи ҷиноятӣ» ошкор карда мешавад.

Дар ҳамин замина, Р.В. Кулешов сохтори универсалии тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро пешниҳод мекунад. Ба он унсурҳои зерин дохил мешаванд:

– мақсадҳо ва ангезаҳои маъмулии содир кардани ҷиноят;

– тарзҳои содир кардани ҷиноят, олотҳо ва воситаҳои маъмулӣ;

– хусусиятҳои из ва нишонаҳои боқимонда;

– хусусиятҳои муҳимми криминалистии субъектҳо ва гурӯҳҳои ҷиноятии онҳо;

– хусусиятҳои муҳимми криминалистии вазъияти ҷиноят;

– хусусиятҳои муҳимми криминалистии қурбониёни кирдорҳои экстремистӣ, инчунин хусусиятҳои муроҷиаткунандагон ба талабот ва шартҳое, ки аз ҷониби субъектҳои экстремистӣ пешниҳод мешаванд;

– хусусиятҳои муҳимми криминалистии объекти таҷовузи ҷиноятӣ [165, с. 14-15].

Ин сохтор, ба андешаи мо, ба таври мукаммал хусусиятҳои асосии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро инъикос мекунад.

Талоши муаллифи зикршуда барои таҳияи сохтори универсалии ин абстраксияи илмӣ, ки кумаки назариявӣ-методологӣ барои гурӯҳи васеи ҷиноятҳо дар соҳаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мебошад, комилан фаҳмо аст. Ӯ, инчунин, таснифоти аслии ҷиноятҳои ин категорияро пешниҳод мекунад, ки дар сохтори он ба самти ҷиноятҳои дорои хусусияти эксртемистӣ хусусияти ташкилию идоракунӣ [165, с. 14], яъне ҷиноятҳое, ки ҳадафи асосии онҳо ташкил ва роҳбарии фаъолиятҳое мебошад, ки ба содир кардани ҷиноятҳои категорияи мавриди баррасӣ қарордошта равона карда шудаанд, ҷойгоҳи махсус дода мешавад. Аз ин рӯ, баъзе аз унсурҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳо дар соҳаи ташкили фаъолияти экстремистӣ, ки мо таҳия карда истодаем, дар муқоиса бо тавсифи универсалии криминалистии дар боло овардашуда хусусияти хос доранд.

Ҳамин тавр, фарқиятҳо дар сохтори тавсифи криминалистӣ аз ҷониби муҳаққиқон чунин ба назар мерасанд:

– якум, бо пойбандии мактабҳои гуногуни илмии криминалистӣ ва самтҳое, ки назари гуногунро дар бораи мафҳум, сохтор ва мазмуни тавсифи криминалистии ҷиноятҳо ҳамчун категорияи илмӣ инъикос мекунанд;

– дуюм, хусусияти кирдорҳои баррасишаванда, ҳатто дар дохили гурӯҳи васеи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ;

– сеюм, нуқтаи назари баҳсбарангези худи муҳаққиқон.

Ба ақидаи мо, тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экcртемистӣ аз унсурҳои зерин иборат аст:

– хусусиятҳои муҳимми криминалистии субъектҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экcртемистӣ ва гурӯҳҳои ҷиноятии дараҷаи гуногуни ташкилотҳои ҷиноятӣ, ки шарикони онҳо мебошанд;

– тарзҳои маъмулии ҷиноятҳои ба ташкили фаъолияти экстремистӣ алоқаманд (аз ҷумла кирдорҳо дар марҳилаҳои пеш аз ҷиноятӣ, ҷиноятӣ ва пас аз ҷиноятӣ) ва оқибатҳои ҷиноятҳо;

– категорияҳои маъмулии шахсоне, ки ба фаъолияти экстремистӣ ҷалб карда мешаванд (ҷалб карда шудаанд), инчунин ҷабрдидагон;

– хусусиятҳои вазъияти содир намудани ин кирдорҳо;

– хусусиятҳои осори содир намудани ҷиноятҳои ба ташкили фаъолияти экстремистӣ алоқаманд.

### 1.3. Таҳқиқи криминалистии субъекти ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ

Идеологияи экстремизм низоми тасаввуроти умумиҷаҳонии душманӣ ва мухолифи принсипҳои калидии демократия ҳамчун шакли ташкилоти сиёсии давлат ва ҷомеа мебошад. Экстремизм эътиқод ба «дурустии» муқаррароти идеологияи муайяни экстремистӣ ва тайёрӣ ба кирдорро дар назар дорад ва стратегияи татбиқи муқаррароти чунин идеология бо истифода аз террор мебошад. Тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бояд ҳамчун тавсифи муназзами маҷмуи маълумоти умумии воқеӣ ва дар асоси чунин тавсифи хулосаҳои илмӣ дар бораи унсурҳои маъмултарини криминалистии гурӯҳи ҷиноятҳои таҳқиқшаванда муайян карда шавад, ки донистани онҳо барои муайян кардани номгӯи ҳолатҳои таҳқиқшаванда, пешниҳоди фарзияҳои асоснок ва муайян кардани самтҳои асосии тафтишот бо мақсади таъмини қабули қарорҳои ғайриқонунӣ ва асоснок зарур аст.

Ба яке аз унсурҳои асосии тавсифи криминалистии ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ субъекти таҷовуз ва фаъолияти равонии он, фаъолияти ҷисмонии субъект, ки тарзи содир кардани ҷиноятро дар бар мегирад, бояд дохил шаванд.

Маҷмуи хусусиятҳои равонӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии шахсоне, ки ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро содир менамоянд, дорои хусусияти хос мебошад. Аз як тараф, чунин аломатҳо онҳоро аз намояндагони дигар гурӯҳҳои ҷинояткор ҷудо месозанд, аз тарафи дигар, онҳоро ба як умумияти муайян муттаҳид мекунанд, ки дар доираи методи криминалистии дахлдор муайян мегардад.

Муҳаққиқон ба хулосае омадаанд, ки терроризм ҳамчун шакли хатарноктарини ҷиноят ва яке аз зуҳуроти экстремизм шинохта мешавад. Аз ин рӯ, равандҳои иҷтимоӣ ва психологӣ, ки ба ташаккули шахсияти террористон ва экстремистҳо таъсир мерасонанд, дар маҷмуъ яксонанд. Ин ҳолат боз як бор робитаи зичи зуҳуроти экстремизм ва механизмҳои ташаккули ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро собит месозад.

Омӯзиши адабиёти илмӣ, ки хусусиятҳои шахсии экстремистҳоро таҳлил кардааст, нишон медиҳад, ки миёни муҳаққиқон дар як қатор ҷанбаҳо ҳамфикрӣ вуҷуд дорад. Онҳо тамоюлҳои устувореро таъкид менамоянд, ки барои ин гурӯҳи ҷиноятҳо хос мебошанд:

– шабоҳати сифатҳои равонии гунаҳгорон;

– таносуби нисбатан устувори ҷинояткорӣ аз рӯйи ҷинс;

– афзалияти муайяни синнусолии шахсоне, ки ба ин гурӯҳи ҷиноятҳо даст мезананд;

– мавҷудияти ҳам ҷиноятҳои гурӯҳӣ ва ҳам инфиродӣ бо тамоюли бештар ба гурӯҳӣ.

Нақши субъекти фаъолияти ҷиноятӣ, муқаррар намудани вазифаҳои нақшавӣ ҳангоми содир намудани ҷиноятҳои самти экстремистӣ бо таҳқиқи хусусиятҳои инфиродии шахсии он вобаста аст, ки дар механизми фаъолияти

ҷиноятӣ бо шароит ва ҳолатҳои хусусияти объективӣ-субъективӣ дар асоси омилҳои иҷтимой-психологӣ инъикос меёбанд. Ҳамин тавр, муқаррар намудани далели экстремизм бо таҳқиқи самти субъекти фаъолияти ҷиноятӣ, ки дар механизми фаъолияти ҷиноятӣ бо ҳаракатҳои содиршуда, муайян намудан ва ҳалли вазифаҳо, интихоб ва мутобиқ кардани шароит ва ҳолатҳои содир намудан ва пинҳон кардани ҷиноятҳо вобаста аст, ки низоми муносибатҳои сababӣ-тафтиширо ташкил медиҳанд ва таҳқиқи онҳо робитаҳои қонунӣ ва вобастагии мутақобилаи маълумоти воқеии муқарраршударо дар ҷараёни исботкунӣ муайян мекунад. Қонуниятҳои зуҳуроти муносибатҳои тафтишӣ дар механизми фаъолияти ҷиноятии самти экстремистӣ бо саҳми шахсии субъекти фаъолияти ҷиноятӣ алоқаманд аст, ки бо таҳқиқи самти он, яъне низоми муносибатҳои бартаридошта муайян карда мешавад. Маҳз низоми муносибатҳои бартаридоштаи шахсияти ҷинояткор бо самти субъекти фаъолияти ҷиноятӣ дар механизми фаъолияти ҷиноятӣ зоҳир мешавад. Муносибати субъективии ҷинояткорро ба ҳодисаи ҷиноят ошкор намуда, соҳаи талабот ва ангезавӣ, сохтори арзиш ва меъёриро ифода мекунад, ки механизмҳои эҳсосотӣ ва танзимкунандаи муайян кардани хусусияти фаъолияти ҷиноятӣ мебошанд. Пас, асоси танзимкунандаи фаъолияти ҷиноятӣ шахсияти ҷинояткор мебошад.

Масалан: Аз соли 1998 сар карда ҷонибдорони равияи «еее» дар қаламрави Тоҷикистон, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе ақидаҳои худро, ки ба таълимотҳои мазҳабҳои суннатии дини Ислом мухолифанд, паҳн намуданд, ки ба пайдо гардидани кинаву адовати динӣ ва сар задани муноқишаҳо бо пайравони дигар мазҳабҳо оварда расонд. Онҳо дар масҷидҳо ба тарзи равияи «еее» намозгузорӣ карда, пас аз хондани намози фарз бетартибона аз болои дигарон гузашта, масҷидро тарк мекарданд. Ин амалашонро ба дигарон талқин намуда, намозгузоронро, ки ақидаҳои онҳоро қабул намекарданд, бо онҳо ҷанҷол мекарданд. Аз ҷумла, дар натиҷаи барангехтани кинаву адовати динӣ аз ҷониби пайравони равияи динии «еее»

дар масҷидҳои ҷомеи «-----», «------», ва «----»–и шаҳри Душанбе чунин мунокишаҳо ба амал омаданд.

08 январи соли 2009 аз ҷониби Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таъмини ҳимояи амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, пешгирӣ кардани ҳолатҳои барангехтани кинаву адоват, низои миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ, динӣ ва паст задани шаъну эътибори миллӣ, фаъолияти равияи «еее» ҳамчун ғайриқонунӣ амалкунанда дар қаламрави Тоҷикистон эътироф карда шуда, фаъолияташ манъ карда шуд. Бо қарори мазкур ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ташвиқу тарғиби ғояҳои «еее» ворид ва паҳн намудани аудио, видеосабтҳо, адабиёту варақаҳои он манъ карда шуданд.

Ҷонибдорони равияи «еее» аз ин хулосаи лозимӣ набароварда сафҳояшонро рӯз аз рӯз зиёд намуда, бо ғояҳои иғвогароёнаашон аҳолиро ба даъвати ноороми, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар кишвар, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он ва бадбинии мазҳабию иҷтимоӣ даъват менамуданд[188].

Ведерников Н.Т. қайд мекунад: «Дар фаъолияти ҷиноятии субъектҳои гурӯҳҳои муайяни хусусиятҳои шахсӣ зоҳир мешаванд. Дар ин асос, таҳияи типизатсияи шахсияти ҷинояткорон имконпазир аст..., ки ба самти дар ҷинояти содиршуда ифодаёфта вобаста аст» [157, с. 14].

Тибқи маълумоти Ж.В. Вассалатий, ки хусусиятҳои шахсони содиркунандаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро таҳқиқ кардааст, 83,9% чунин кирдорҳоро мардон содир кардаанд [50, с. 160]. Ба андешаи мо, ҳиссаи нисбатан баландтари ҷинояткории занон (16,1%) дар ин гурӯҳ бештар бо истифодаи занони «фидоӣ» вобаста аст, ки дар шароити муосир паҳн шудаанд.

Шахсони экстремистро метавон бо маҷмуи васеи хусусиятҳои равонӣ ва иҷтимоӣ тавсиф кард. Барои онҳо чунин сифатҳо хос мебошанд: таҷовузкорӣ, бераҳмӣ, хунсардӣ, ҷасорат, садизм, бетафовутӣ, худдорӣ, тафаккури дуқутба (сиёҳ-сафед), импулсивии баланд, худпарастӣ ва

максимализм, тарсу хашмгинӣ, номутавозунӣ, ҳавасмандии паст ба дастовардҳо, кам шудани некбинӣ ба зиндагӣ, нафрат ба онҳое, ки ғояҳои экстремистиро намепазиранд, беэътиноӣ ба азоби дигарон, рад кардани арзишҳои инсонӣ ва иҷтимоӣ, бегонагӣ аз ҷомеа, ивазшавии арзишҳо, эътиқоди кӯркӯрона ба идеологияи худ, омодагӣ ба фидокорӣ, майл ба худкушӣ ё зарар ба худ, фанатизм ва таҳаммулнопазирӣ ба ақидаҳои дигарон. Илова бар ин, онҳо барои ба даст овардани нуфуз дар муҳити экстремистӣ талош мекунанд, ба пинҳонӣ ва муноқиша майл доранд, ҳолатҳои шадид ва хатарнокро меҷӯянд, аз зӯроварӣ ва нишон додани қувва лаззат мебаранд ва ниёз ба таҷрибаи мунтазами эҳсосоти шадид доранд.

Муаллифони гуногун дар адабиёти махсус кӯшиш кардаанд, ки чунин хусусиятҳоро ба низом дароранд, онҳоро тасниф намоянд ва портретҳои психологӣ таҳия кунанд. Ин раванд, бешубҳа, қадами мусбат дар самти донистани шахсияти экстремистҳо мебошад.

Р.С. Тамаев ду навъи шахсияти экстремистро ҷудо мекунад: 1) экстремисти минтақавӣ – шахсе, ки дар муҳите амал мекунад, ки ғояҳои сепаратистӣ (масалан, «истиқлолияти» ҷамоатҳои этникӣ ё ҳудудӣ) паҳн шудаанд. Барои ин гурӯҳ фаъолияти таблиғотӣ хос аст, ки мардумро ба мубориза барои ҷудо шудан ташвиқ мекунад. Ин навъи экстремист бо тафсири таҳрифшуда ва радикалии муқаррароти динӣ ва сиёсати давлат омехта мешавад; 2) экстремисти берун аз минтақа – шахсе, ки фаъолияти худро асосан дар дигар минтақаҳои кишвар, пеш аз ҳама дар шаҳрҳои бузург ва марказҳои саноатӣ ва молиявӣ амалӣ мекунад. Барои ӯ беэътиноӣ ба арзишҳои умумибашарӣ, рафтори намоишкорона, таъкид ба «фарқият»-и худ ва пойбандӣ ба ғояҳои зиддиҷамъиятӣ хос аст. Нафрат ба намояндагони миллатҳо, динҳо ва ақидаҳои дигар дар рафтори ӯ возеҳ зоҳир мешавад [176, с. 27-28].

Масалан вобаста субъектони амалҳои экcртемистӣ ки ба гурӯҳи аввал шомил мешаванд, чунин мисол овардан мумкин аст: Шаҳрванди Ҷумҳурии

Тоҷикистон А.Б.А., санаи таваллудаш 06 августи соли 1966, зода ва истиқоматкунандаи ноҳияи ННН, давоми соли 2016 барои беҳтар кардани шароити иқтисодиаш ба шаҳри Москваи Федератсияи Россия рафта, ҳангоми дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштанаш охирҳои моҳи ноябри соли 2021 дар шаҳри ННН ноҳияи ННН ва моҳи майи соли 2022 дар ноҳияи ННН аз ҷониби роҳбарону саркардагони гурӯҳҳои муташакили ҷиноятӣ ва фаъолони ташкилотҳои эктремистӣ-террористӣ тазоҳуроти ғайриқонунӣ ба муқобили мақомотҳои кудратӣ баргузор гардид, ки якчанд нафарони ҷиноятпеша, аъзоёни гурӯҳҳои муташакили ҷиноятӣ ва ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ аз озодӣ махрум гардид. А.Б.А., тариқи сомонаҳои иҷтимоӣ-интернетӣ аз ин хабару ҳодисаҳои дар ННН рух дода огоҳӣ пайдо намуда, ҳамчун як зодаи ҶТ нисбати мақомотҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисси бадбинӣ ва нафрат пайдо кард. Сипас, бо аъзоёну роҳбарони ташкилотҳои экстремистӣ-тերористии «ООО» ва «000», ки суиистифода аз қазияи ННН мақсади расонаӣ кардани ғояҳои ташкилотҳои болозикр, бурдани корҳои ташвиқотиву тарғиботӣ ва бо ин амалҳояшон қасди ҷалби ҳар чи бештари аъзо, коста гардонидани сохти конститутсонии Ҷумҳурии Тоҷикистонро доштанд, ҳамроҳ гардида, ақидаҳои ғаразноки онҳоро ба худ дуруст шуморид.

Тибқи хулосаи коршиносон аз 26 январи соли 2025 таҳти №19/4415/2024 А.Б.А., бо ҳаракатҳои худ дар паҳн кардани идеология ва унсурҳои ташкилотҳои экстремистӣ (ифротгароӣ) террористии «ООО» ва «ООО» мусоидат кардааст [187].

Дар солҳои баъд аз фурӯпошии давлати Шуравӣ, ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон ҳам бар асари таъсири омилҳои айнӣ ва ҳам зеҳнӣ мухолифатҳо ва амалҳои ифротӣ зиёд шуда, гурӯҳу созмонҳое ташкил шуданд, ки дар фаъолияти худ аз шеваҳои ифротии мубориза истифода мекарданд ва ниҳоят ин кирдорашон ба содиршавии амалҳои террористӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид.

Дар ҷараёни майдоншиниҳо, бо лафзи тунд ва қабеҳ изҳор намудани ақидаҳо доир ба масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, динӣ ва мазҳабӣ, инчунин, ба гаравгон гирифтани вакилони мардумӣ, фишор овардан ба онҳо дар ҷараёни кори Парлумон, суиқасд ба ҷони кормандони воломақоми давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ғасби биноҳои ҳукуматӣ ва амсоли инҳо солҳои 1992 як амри муқаррарӣ шуд.

Бо дарназардошти таҷрибаи амалӣ бояд гуфт, ки навъи аввал аксар вақт омезиши экстремизми динӣ ва сиёсиро дар бар мегирад. Ин аз он сабаб аст, ки ғояҳои сепаратизм худ ба худ характери сиёсӣ доранд ва ба муқобили сохтори давлатӣ ва сиёсат равона шудаанд.

Ҳангоми таҳлили таснифбандии пешниҳодкардаи М.Ф. Мусаелян, ки ду навъи шахсияти экстремистро ҷудо кардааст, хулоса бароварда мешавад, ки навъи аввал бештар бо зуҳуроти экстремизми динӣ иртибот дорад ва ҳамчун шакли радикалӣ зуҳур меёбад. Навъи дуюм бошад, бештар ба экстремизми ҷавонон хос аст [55, с. 22-23].

Муҳаққиқон на ҳамеша ба назар мегиранд, ки амалҳои экстремистӣ ва ҷиноятҳои марбут ба онҳо, ки ҳадафи асосӣ фишор ба давлат бо мақсади ба даст овардани қарорҳои судманд мебошанд, танҳо дар «нуқтаҳои гарм» рух намедиҳанд. Онҳо метавонанд дар шаҳрҳои бузурги саноатӣ ва молиявӣ низ содир шаванд. Ин ҳолат ба ҷомеа таъсири пурқувват мерасонад, тарсу ҳаросро миёни аҳолӣ зиёд мекунад ва эҳсоси ноамниро ба вуҷуд меорад.

Дар мавриди навъи дуюм – шахсиятҳои экстремисте, ки бештар ҷиноятҳои ташвиқотӣ содир мекунанд, бояд гуфт, ки хусусиятҳои онҳо танҳо ба экстремизми ҷавонон маҳдуд намешаванд. Онҳо ба дигар намудҳои амалҳои экстремистӣ низ хосанд, масалан, ҷиноятҳои вербалӣ (ташвиқотӣ), кушторҳои намоишӣ («маросимӣ»), ки барои таъкид кардани «беназирии» ҷинояткорон анҷом дода мешаванд.

Дар адабиёт аксар вақт хусусиятҳои шахсии экстремистҳо ҳамчун сатҳи пасти таълимӣ, зеҳнӣ ва фарҳангӣ, таҷовузкорӣ ва худнамоӣ тавсиф

мешаванд. Ба андешаи мо, чунин тавсиф сатҳӣ ва якҷониба аст. Он бештар ба иҷрокунандагони одии амалҳои экстремистӣ, монанди иштирокчиёни ҳамлаҳои кӯчагӣ, гаравгонгирӣ ё расонидани зарари ҷисмонӣ (ҳатто куштор) дар заминаи ихтилофоти идеологӣ мувофиқ меояд.

Бо вуҷуди ин, донистани хусусиятҳои маъмул ва криминалистии шахсони ба экстремизм майлдошта барои муфаттиш аҳаммияти муҳим дорад. Он на танҳо ташхиси дурусти шахсият ва маҳдуд кардани доираи гумонбаронро осон мекунад, балки имкони барқарор кардани тамоси равониро бо онҳо дар ҷараёни амалҳои тафтишӣ низ фароҳам меорад.

Таҳлили сарчашмаҳои эмпирикӣ нишон медиҳад, ки байни ҷинояткорони экстремистӣ шахсони гирифтори бемориҳои ҷиддии равонӣ ҳам ҳастанд [106, с. 65-70]. Бо вуҷуди ин, аксарияти онҳо шахсони аз ҷиҳати ҳуқуқӣ қобилиятманданд, яъне ҳолати руҳии онҳо масъулияти ҷиноятиро истисно намекунад, гарчанде ки сатҳи харобии равонӣ метавонад дида шавад [55, с. 22-33].

Бар асоси таҳқиқоти васеи эмпирикӣ маълум гардид, ки дар баробари паҳншавии экстремизми ҷавонон, шахсони синну соли миёна ва калонсол низ дида мешаванд, ки ғояҳои таҳаммулнопазирии идеологиро паҳн мекунанд.

Таҳқиқоти иловагӣ нишон дод, ки мавҷудият ё набудани ҳолати ноустувории равонӣ аксаран ба таҷрибаи инфиродии шахс ва нақши ӯ дар сохтори иттиҳодияи экстремистӣ вобаста мебошад.

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти махсус ва сарчашмаҳои эмпирикӣ, аз ҷумла парвандаҳои ҷиноятӣ ва мусоҳибаҳо, мо тавонистем маҷмуи хусусиятҳои равонии умумиро муайян кунем, ки шахсияти экстремистҳоро тавсиф мекунанд.

Дар таҳқиқи хусусиятҳои шахсони содиркунандаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ як қатор аломатҳо махсус зикр мешаванд. Ба онҳо чунин сифатҳо дохил мешаванд: хомӯшӣ ва интихоби маҳдуди муошират, асотсиализм ва рад кардани арзишҳои иҷтимоии мавҷуда, ҳолати доимии

ноумедӣ, нафрат нисбат ба атрофиён, ки ба ақидаҳои экстремистӣ ҳамфикр нестанд, инкор кардани арзиши ҳаёти инсон (ҳам шахсии худ ва ҳам дигарон, ҳатто наздикон), талаботи амалинашаванда ба ҷустуҷӯи руҳонӣ, худидоракунии нокофӣ, хизматрасонии фанатикӣ ба ғоя то ҳадди фидокорӣ, пастӣ ё баръакс изофанамоии худшиносӣ, ки аксаран дар шахсони машғул ба ҷиноятҳои таблиғотӣ бештар дида мешавад.

Аз дидгоҳи гендерӣ, таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки мардон дар сохтори ҷиноятkorии экстремистӣ нақши асосӣ доранд. Дар сарчашмаҳои илмӣ аксар вақт ба пешсафии онҳо таъкид мешавад, ки таносуби онҳо нисбат ба занон назар ба ҷиноятkorии умумӣ хеле баландтар аст. Вале ин таносуб вобаста ба манбаи эмпирикӣ ва минтақаҳои таҳқиқшуда метавонад фарқ кунад.

Мувофиқи маълумоти Д.Г. Скориков, ҳиссаи занон дар ҷиноятҳои экстремистӣ ҳамагӣ 4,7%-ро ташкил медиҳад [68, с. 16], дар ҳоле ки 95,3% ба мардон рост меояд. В.О. Давидов бошад, ҳангоми таҳқиқи ҷиноятҳои содиршуда бо истифода аз шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, 97%-и маҳкумшудагонро мардон мешуморад [31, с. 15]. Барои ҷиноятҳои зидди ҳаёт ва саломатӣ, ки бо ангезаҳои нажодӣ, миллӣ ё динӣ содир шудаанд, муҳаққиқон сатҳи ҳадди ақали ҷиноятkorии занонро 3,6% қайд мекунанд [161, с. 13].

Ин натиҷаҳо, ки бартарии возеҳи мардонро нишон медиҳанд, бо таҳқиқоти мо низ мувофиқат мекунанд [122, с. 89-92]. Пешсафии мардон бештар ба нақшҳои иҷтимоӣ ва гендерӣ вобаста аст: мардон дар ҷомеа фаъолтар амал мекунанд ва дар бисёр динҳо низ нақши роҳбарӣ ва пешсафӣ ба онҳо дода мешавад, дар ҳоле ки нақши занон бештар итоаткорӣ ва ғайрифаъолӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин, сатҳи пасти иштироки занон маънои онро надорад, ки онҳо дар ҷиноятҳои экстремистӣ аҳаммият надоранд. Баръакс, саҳми онҳо дар самтҳои муайян дида мешавад: занони «фидоӣ», ҷалбкунандагон,

таблиғгарон (аз ҷумла дар шабакаҳои иҷтимоӣ), иштирокчиёни фаъол дар аксияҳои қуввaӣ, инчунин шахсоне, ки бо вазифаҳои ёрирасон машғуланд (масалан, таъмин намудани шароити зиндагӣ барои аъзои гурӯҳ).

Н.П. Яблоков таъкид мекунад, ки натиҷаи мусбати фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тафтишӣ пеш аз ҳама аз истифодаи мутахассисон ва татбиқи усулҳои криминалистӣ вобаста аст. Ин усулҳо имконият медиҳанд, ки маълумоти зарурии криминалистӣ аз осори ёфтшуда дар ҷойи ҳодиса сари вақт ва ба таври мукаммал ба даст оварда шавад.

Ҳамкории якҷояи муфаттиш ва мутахассис дар чунин ҳолатҳо аҳаммияти калон дорад. Мутахассис метавонад таваҷҷуҳи муфаттишро ба объектҳо, пайҳо ё дигар осори муҳимме ҷалб намояд, ки барои ошкор кардани ҳолатҳои ҷиноят ва муайян кардани шахси ҷинояткор мусоидат мекунанд.

Дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, яке аз омилҳои муҳимми муваффақият ин таъмин намудани бехатарии вазъият дар ҷойи ҳодиса мебошад, ки онро муфаттиш ва кормандони фаврӣ бояд зуд ва бо ҳамоҳангӣ иҷро намоянд. Таҷриба нишон медиҳад, ки истифодаи сагҳои ҷустуҷӯии хизматӣ [129, с. 66-68] ва маълумоти ҳисобҳои криминалистӣ ба сатҳи баланди самаранокӣ дар азназаргузаронӣ мусоидат менамояд. Аз ҳама самарабахш чора дар чунин ҳолатҳо фавран азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба ҳисоб меравад, зеро ин амалиёт имконият медиҳад, ки маълумоти аввалия ва нишонаҳои ҷиноят сари вақт ҷамъоварӣ гарданд. Дар ин раванд муфаттиш бояд аввал ба ҷабрдида ёрии тиббӣ расонад ва шахсияти ӯро муайян кунад, сипас азназаргузаронӣ аз ҷое оғоз шавад, ки амалҳои ҷиноятӣ дар он содир шудаанд.

Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар парвандаҳои дорои хусусияти экстремистӣ дорои хусусиятҳои муайян мебошад. Агар вазъи саломатии ҷабрдида ё имконияти шоҳидон иҷозат диҳад, онҳо метавонанд дар ин амалиёт иштирок кунанд. Муоина бояд ҳамаҷониба бошад ва бо мақсади ёфтани олот, предметҳо ва микропайҳое гузаронида шавад, ки ҳангоми содир кардани ҷиноят истифода шудаанд. Дар чунин ҳолат иштироки мутахассис ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Агар ҷабрдидагон якчанд нафар бошанд, онҳоро бояд алоҳида ба муоина ҷалб кард. Аммо ин метавонад сабт намудани маълумотро дар протокол душвор гардонад, зеро тибқи қонун онҳо бояд аз оғози амал то анҷоми он иштирок дошта бошанд. Азназаргузаронӣ бояд бо иштироки шахсони холис гузаронида шавад. Қонун талаб мекунад, ки чунин шахсон на камтар аз ду нафар бошанд, онҳо бояд шаҳрвандони болиғ ва ба парванда манфиатдор набошанд. Н.А. Громов қайд кардааст, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро наметавон ҳамчун шахсони холис ҷалб кард, зеро онҳо метавонанд манфиатдор бошанд ё дар ин минтақа зиндагӣ накунанд, ки ин ҳолат барои муфаттиш душворӣ эҷод мекунад. Пеш аз оғоз, муфаттиш бояд ба шахсони холис тартиби амали тафтишӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои

онҳоро шарҳ диҳад. Дар ҷараёни азназаргузаронӣ зарур аст ҳамаи осору нишонаҳое, ки ангезаи содир кардани ҷиноятро нишон медиҳанд, дар протокол бо дақиқӣ сабт карда шаванд.

Дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ангезаҳои бадбинии нажодӣ, динӣ ё душманӣ метавонанд аз пайҳое бармеоянд, ки дар ҷойи ҳодиса пайдо мешаванд. Ба чунин пайҳо олотҳои ҷиноят дохил мешаванд, ки рамзҳои миллатгароӣ, динӣ ё нажодпарастӣ доранд. Ҳамчунин, навиштаҷоте, ки шаъну шарафи миллӣ ё ақидаҳои диниро таҳқир мекунанд, метавонанд далели муҳим бошанд. Дар предметҳои дар ҷойи ҳодиса ёфташуда инчунин тасвирҳои дорои рамзҳои миллатгароӣ ҷой дошта метавонанд. Ғайр аз ин, рамзҳо, расмҳо, варақаҳо ва ёддоштҳое, ки мазмуни миллатгароӣ, нажодпарастӣ ё динӣ доранд, низ нишондиҳандаи ангезаи ҷиноят мебошанд.

Масалан: Дар натиҷаи азназагузаронӣ муайян карда шуд, ки истифодабарандаи аккаунти «-----» мунтаззам тавассути шабакаҳои интернетӣ аз ҷумла «Фейсбук» ба таҳқири оммавии намояндагони Ҳокимияти давлатӣ машғул мебошад. Аз ҷумла, санаи 27.03.2022 аз саҳифаи «Т.Т» акси А.А. ва Г. З.-ро, ки дар болои он бо забони англисӣ ҷумлаҳои таҳқиромез навишта шудааст дар саҳифаи худ бознашр намудааст. Санаи 24.02.2022 навор аз саҳифаи «Ҳ.Б» бо навиштаҷоти «-------- (11 дақиқа 28 сония)», санаи 22.02.2023 сол мақола аз саҳифаи «--------» бо навиштаҷот, ки дар танқиди Ҳукумати ҶТ вобаста ба ҳодисаҳои ------ гуфта шудааст. Санаи 21.02.2022 акси А.А. ва В.О. бо навиштаҷот аз саҳифаи «О.В.», ки дар онҷо саркарда гурӯҳи муташаккили ҷиноятиро сафед намуда, ҳамчун қаҳрамони мардумӣ эътироф намудааст. Санаи 21.02.2022 акси А. Ш. аз саҳифаи «Т.Т.» ва навиштаҷот дар хусуси раҳматнома ба А.Ш барои фаъол буданаш ва танқид намудани намояндагони ҳоқимияти давлатӣ паҳн намудааст.... [187].

Дар парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ зарур аст, ки маҳалли ҳодиса муфассал муоина карда шавад.

Одатан шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, баъд аз анҷоми амал вазъияти ҷойро тағйир намедиҳад, ки ин ба ҷамъоварии маълумоти исботкунанда мусоидат мекунад. Агар дар ҷойи ҳодиса ҷасад пайдо шавад, пайҳои муайян нишон дода мешаванд: пайҳое, ки марг бо роҳи қатл ба амал омадааст; нишонаҳое, ки ба шиканҷа ё амалҳои расмӣ ишора мекунанд; рамзҳои дорои хусусияти миллатгароӣ ё динӣ; мавҷудияти расмҳо ё сабтҳо бо мазмуни экстремистӣ. Санҷиши ҳамаҷонибаи ҷойи ҳодиса имкон медиҳад, ки муфаттиш фарзияҳои тафтиширо пешниҳод кунад, ки онҳо асосан ба маълумоти бадастомада вобастаанд. Ба чунин маълумот ангезаҳои содир кардани ҷиноят, усулҳои анҷом ва пинҳон кардани он, маълумоти вобаста ба шахсияти ҷабрдида, мавҷудияти ашё ё олотҳое дохил мешаванд, ки хусусияти экстремистӣ доранд. Агар ҷиноят бо истифода аз силоҳ ё предмети дигар содир шуда бошад, онҳо метавонанд дар ҷойи ҳодиса ошкор гарданд. Дар чунин ҳолат осори хатҳои папиллярии даст дар силоҳ пайдо мешавад ва тасвирҳои ба он гузошташуда ангезаи содир кардани ҷиноятро нишон медиҳанд. Илова бар ин, пайҳои хуни ҷабрдида ва ҷинояткор, изи пойафзол ва дигар нишонаҳо низ ошкор мешаванд, ки барои муайян кардани ҷинояткор аҳаммияти калон доранд.

Сифати азназаргузаронии ҷойи ҳодиса пеш аз ҳама аз сатҳи тахассус ва таҷрибаи муфаттиш вобаста аст. Агар муфаттиш дониш ва малакаи кофӣ дошта бошад, вай метавонад ҳама гуна осор ва нишонаҳои муҳимро сари вақт муайян кунад. Бо вуҷуди ин, таҷриба нишон медиҳад, ки танҳо дониши муфаттиш кофӣ нест. Барои баланд бардоштани самаранокии тафтиш зарур аст, ки ба ин раванд мутахассисони соҳавӣ ҷалб карда шаванд. Ин мутахассисон метавонанд аз бахшҳои гуногун бошанд: тиб, психиатрия, дин ва криминалистика. Ҳузури чунин мутахассисон имкон медиҳад, ки ҷойи ҳодиса аз нуқтаи назари илмҳои гуногун таҳлил карда шавад ва ин ба дурустии натиҷаҳо таъсири мусбат мерасонад. Муоинаи босифати ҷойи ҳодиса дар навбати худ ба муфаттиш имконият медиҳад, ки маълумоти

ҳамаҷониба дар бораи ҳолати воқеа ба даст орад ва фарзияҳои мушаххас ва асосноки тафтиширо пешниҳод кунад.

Азназаргузаронии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аз омӯзиши намуди умумии ашёҳо, ҳолати онҳо, вазифа ва қоидаҳои истифодаи онҳо оғоз меёбад. Агар дар объект микрообъектҳо, пайҳои арақу равғании дастон ва дигар пайҳои барои таҳқиқоти экспертӣ зарурӣ вуҷуд дошта бошанд, он гоҳ азназаргузаронӣ аз дарёфт ва ба қайд гирифтан (инро беҳтараш мутахассисон анҷом диҳанд) оғоз меёбад. Баъд аломатҳои фардии ашё, нуқсонҳои махсуси он, пайҳое, ки ба вобастагии ашёи азназаргузаронидашаванда бо ҷинояти таҳти тафтиш қарордошта ишора мекунанд, муқаррар карда мешаванд. Ҳамаи онҳо дар протокол инъикос гардида, аксбардорӣ карда мешаванд.

Азназаргузаронии ҳуҷҷатҳо дар ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо мақсади муайян, таҳқиқот ва таҷассуми аломатҳое, ки имкон медиҳанд, то онҳо далелҳои шайъӣ шуморида шаванд ё тибқи таркибашон ҳодиса ва муқаррароти онҳо аз ҷиҳати криминалистикӣ аҳаммиятнок дониста шаванд, амалӣ карда мешаванд. Тартиби криминалистии азназаргузаронӣ хусусиятҳои худро дорад. Ҳангоми азназаргузаронии ҷузъии ҳуҷҷат истифодаи чунин воситаҳои техникӣ, роҳҳо ва тарзҳое, ки метавонанд зарар оранд ё тағйирот дароранд, мумкин нест.

Азназаргузаронии ҳуҷҷатҳоро зери равшании табиӣ ё сунъии хуб таҳти кунҷҳои гуногун мегузаронанд. Ҳангоми азназаргузаронӣ пурбинҳо, шуоъполоҳо, асбобҳои табдили электрикию оптикӣ ба кор бурда мешаванд. Ҳуҷҷатҳои далелҳои шайъиро бояд ба иштирокчиёни азназаргузаронӣ дар халтаи полиэтиленӣ нишон дод, онҳоро дар танҳоӣ ҳангоми зарурият баровардан лозим аст.

Агар ҳуҷҷати шаҳодатномавӣ вобаста ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бошад, пас ҳангоми азназаргузаронӣ он ба имзои шахси вазифадори муайян, сана ва муҳр диққат медиҳанд. Аз таркиби дигар

ҳуҷҷатҳо мақсади муаллиф ҳангоми навиштани матн, мавҷуд будани ҳодисаву воқеаҳо, тафсилоти онҳо, иштирокчиёни онҳоро, ки дар бораи он маълумоти кам вуҷуд дорад ва дигар ҳолатҳоро муайян кардан мумкин аст.

Азназаргузаронии зоҳирии ҷасадро дар ҷойи дарёфти ӯ мутобиқи моддаи 184 КМҶ ҶТ муфаттиш дар ҳузури холисон бо иштироки духтур-мутахассиси соҳаи тиббӣ-судӣ, ҳангоми набудани ӯ бо иштироки духтури дигар мегузаронад. Иштироки духтур муфаттишро барои азназаргузаронии шахсии ӯ озод намесозад. Ҳамаи масъулият дар раванд ва натиҷаҳои азназаргузаронии ҷасад ба зиммаи муфаттиш аст, зеро ҳолатҳое ки ҳангоми азназаргузаронӣ қайд ва таҳқиқ карда мешаванд, дар вақти экспертизаи судӣ-тиббӣ мукаммал кардани онҳо ғайриимкон аст. Мақсади азназаргузаронӣ: муайян кардани шахсияти ҷабрдида; замон ва тарзи одамкушӣ; гирифтани маълумот оид ба шахсоне, ки бо ҳодисаи таҳти тафтишот қарордошта алоқаманд мебошанд.

Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса барои ошкор кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аҳаммияти фавқулодда дорад, зеро он имкон медиҳад, ки далелҳои муҳим ҷамъоварӣ карда шуда, ҳолатҳои ҳодиса муайян карда шаванд ва байни далелҳои гуногун робита барқарор карда шаванд. Ин барои тафтишӣ муваффақ муҳим аст, алалхусус дар парвандаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ.

Бо назардошти аҳаммияти саривақтӣ ва босифат гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, зарур аст, ки ин амали тафтишӣ бидуни таъхир гузаронида шавад. Дар ҳолатҳое ки парванда вобаста ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ амали фавриро талаб мекунад, азназаргузаронӣ бояд пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ гузаронида шавад.

Ҷалби мутахассисон (масалан, дар соҳаи криминалистика, тиб, психиатрия ва ғайра) муҳим аст, зеро ба ҷамъоварии пурра ва дақиқи далелҳо мусоидат мекунад. Ҳамкории якҷояи муфаттишон ва кормандони

фаврӣ, инчунин ҷалби мутахассисон метавонад самаранокии азназаргузаронии ҷойи ҳодисаро ба таври назаррас баланд бардорад.

Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар чунин парвандаҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ диққати махсусро ба пайҳое талаб мекунад, ки метавонанд аз ангезаҳои ҷиноят, аз ҷумла рамзҳо, олотҳои ҷиноят ва дигар далелҳое, ки хусусияти экстремистии кирдорро нишон медиҳанд, шаҳодат диҳанд.

Барои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса муҳлатҳои дақиқ муқаррар карда шавад. Бо дарназардошти аҳаммияти сари вақт гузаронидани азназаргузаронӣ, бояд дар КМҶ ҶТ муҳлатҳои ҳатмии гузаронидани ин амали тафтишӣ барои истисно кардани таъхирҳои эҳтимолӣ, ки ба сифати тафтишот таъсир мерасонанд, мушаххас карда шаванд.

Зарур аст, ки ваколатҳои васеътар барои ҷалби мутахассисон аз соҳаҳои гуногун пешбинӣ карда шаванд. Ба чунин соҳаҳо психология, тиб ва диншиносӣ дохил мешаванд. Иштироки чунин мутахассисон имкон медиҳад, ки ангезаҳои ҷиноят бо дақиқӣ арзёбӣ шаванд. Ин махсусан барои тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аҳаммияти калон дорад.

Таҳияи тартиботи стандартӣ барои азназаргузаронии ҷойҳои ҳодиса дар парвандаҳои дорои хусусияти экстремистӣ: Дар КМҶ ҶТ пешбинӣ намудани талаботи махсус барои гузаронидани азназаргузаронии ҷойҳои ҳодиса ҳангоми содир шудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, аз ҷумла муфассал кардани намуди пайҳо, ки бояд сабт карда шаванд ва инчунин, ҷорӣ намудани истифодаи ҳатмии методҳо ва технологияҳои криминалистӣ.

Зарур аст, ки дар қонунгузорӣ курсҳои ҳатмии такмили ихтисос барои муфаттишон ва кормандони фаврӣ пешбинӣ карда шаванд. Ин курсҳо бояд махсус ба омӯзиши хусусиятҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар парвандаҳои дорои хусусияти экстремистӣ бахшида шаванд. Гузаронидани чунин омӯзишҳо ба баланд бардоштани сатҳи касбӣ, сифат ва самаранокии фаъолияти муфаттишон мусоидат мекунад.

Сода кардани тартиби протоколи азназаргузаронӣ: Ба тартиби протокол ворид намудани тағйирот, то ки иштироки ҷабрдидагонро дар азназаргузаронии ҷойи ҳодиса беҳтар созад, ки ин имкон медиҳад, то мушкилоти эҳтимолии иштибоҳоти мурофиавӣ пешгирӣ карда шаванд.

Ҳамин тариқ, такмили кодекси мурофиавии ҷиноятӣ дар мавриди азназаргузаронии ҷойи ҳодиса метавонад, самаранокии тафтиши ҷиноятҳо, аз ҷумла хусусияти экстремистиро ба таври назаррас баланд бардорад ва сифати баланди далелҳоро таъмин намояд.

**Гузаронидани кофтуков.** Дар ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ яке аз воситаҳои муҳимми тафтишот кофтуков мебошад. Ин амал дорои хусусияти маҷбурӣ буда, нисбати шахсоне татбиқ карда мешавад, ки қонун муайян кардааст. Гурӯҳи олимон таҳти роҳбарии П.А. Лупинская қайд мекунанд, ки кофтуков ин амали тафтишӣ аст, ки ба ҷустуҷӯ ва гирифтани олотҳои ҷиноят, ашё ва арзишҳое равона шудааст, ки бо роҳи ҷиноятӣ ба даст омадаанд, инчунин дигар ҳуҷҷатҳо ва предметҳое, ки метавонанд барои парванда аҳаммияти исботӣ дошта бошанд. Кофтуков метавонад барои пайдо кардани шахсони ҷустуҷӯшаванда ва ҳамчунин ҷасадҳо анҷом дода шавад» [75, с. 327].

Ба ақидаи М.И. Еникеев, В.А. Образсов ва В.Е. Эминов «кофтуков бояд ҳам ҳамчун амали ҷустуҷӯӣ ва ҳам ҳамчун тафтиши маҷбурии объектҳо ва шахсони алоҳида бо мақсади ҷустуҷӯ ва гирифтани предметҳо ва ҳуҷҷатҳои барои парванда муҳим, инчунин ошкор кардани шахсони ҷустуҷӯшаванда ва ҷасадҳо баррасӣ карда шавад» [34, с. 63];

Мувофиқи таърифи А.М. Зимин «кофтуков – амали тафтишӣ мебошад, ки мазмуни он тафтиши маҷбурии биноҳо, иншоот, қитъаҳои маҳал, либос ва бадани шахсони алоҳида, ҳангоми мавҷуд будани маълумоти кофӣ, ки дар ягон ҷой ё ягон шахс олотҳои ҷиноят, предметҳо, ҳуҷҷатҳо ва арзишҳое мавҷуданд, ки метавонанд барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият дошта бошанд» [37, с. 87].

Қарор дар бораи гузаронидани кофтуков ба расмиёти мурофиавӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ:

а) кофтуков дар ҳама ҷо, ба истиснои манзил (тибқи қоидаи умумӣ), дар асоси иҷозатнома анҷом дода мешавад;

б) кофтукови манзил аз ҷониби муфаттиш қарор дар бораи дар назди суд оғоз кардани дархост дар бораи кофтукови манзил, инчунин дар сурати мавҷуд будани асос – қарори суд дар бораи иҷозати кофтукови манзилро дар назар дорад. То ин вақт кофтукови манзил бо қарори муфаттише, ки прокурор иҷозат додааст, имконпазир буд;

в) дар ҳолатҳои истисноӣ, вақте ки гузаронидани кофтукови манзил ба таъхир намеафтад, муфаттиш дар асоси қарори худ амали тафтиширо анҷом медиҳад. Кофтуков бо мақсади дарёфт ва гирифтани манбаъҳои маълумот барои парвандаи ҷиноятӣ ва ҳалли дурусти парвандаҳо аҳаммияти хеле муҳим дорад. Дар робита ба ин, кофтуков бояд танҳо бо риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва мувофиқи меъёрҳои қонунгузории амалкунанда гузаронида шавад.

Мутобиқи қ. 3 м. 192 КМҶ ҶТ кофтукови манзил дар асоси қарори суд гузаронида мешавад. Мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, кофтуков метавонад бидуни иҷозати пешакии судӣ низ гузаронида шавад. Ин амал танҳо дар асоси қарори асосноки муфаттиш иҷозат дода мешавад. Муфаттиш бояд асосҳои ҷиддӣ дошта бошад, ки таъхирнопазирии кофтуковро собит месозанд. Баъд аз анҷоми кофтуков, муфаттиш уҳдадор аст, ки дар бораи он ба прокурор ва суд хабар диҳад. Дар ниҳоят, суд қонунӣ ё ғайриқонунӣ будани чунин амалиётро муайян мекунад.

Тавре Ю.В. Гаврилин, А.В. Победкин ва В.Н. Яшин қайд мекунанд, «асоси воқеии гузаронидани кофтуков мавҷудияти далелҳои кофӣ мебошад, ки асос медиҳад, то дар ҷараёни амали мушаххаси тафтишӣ маълумот дар бораи далелҳои барои парванда муҳим ба даст оварда шавад» [26, с. 12].

Аксар вақт бинобар сарбории зиёд муфаттишон мекӯшанд, ки ба ҷойи кофтуков танҳо азназаргузаронии манзилро гузаронанд. Тибқи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ин амал танҳо дар сурате иҷозат дода мешавад, ки шахсони истиқоматкунанда розигӣ диҳанд ё қарори суд мавҷуд бошад. Ин вазъият то андозае ғайримантиқӣ менамояд. Агар муфаттиш ба гирифтани ягон предмети марбут ба парвандаи дорои хусусияти экстремистӣ ниёз дошта бошад, барои ӯ розигии истиқоматкунандагон кифоя аст. Аммо агар чунин розигӣ дода нашавад, муфаттиш наметавонад амалиётро анҷом диҳад. Ҳатто дар ҳолате ки розигӣ дода шудааст, истиқоматкунандагон метавонанд идомаи азназаргузарониро рад намоянд, ки ин метавонад боиси ғайриқонунӣ ҳисобида шудани амалиёт ва ғайри қобили қабул эътироф шудани далелҳо гардад. Ба суд муроҷиат кардан барои гирифтани иҷозати кофтуков низ дар чунин вазъ мушкил аст, зеро ин вақти зиёдеро талаб мекунад. Аз ин рӯ, барои гузаронидани кофтукови манзил муфаттиш бояд далелҳои кофӣ ва асоси қавӣ дошта бошад ва онро ба таври маҷбурӣ анҷом диҳад.

Қарор дар бораи гузаронидани кофтукови манзил танҳо дар сурате қабул мешавад, ки муфаттиш асосҳои кофии пешбиникардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дошта бошад. Ҳангоми баррасии масъалаи додани иҷозат барои кофтуков, суд қарори муфаттишро бо маводҳои парванда муқоиса мекунад ва қонунӣ будан ва асоснокии онро таҳлил менамояд. Масалан, тибқи протоколи кофтукови манзили айбдоршаванда Б., ки аз рӯйи парвандаи дорои хусусияти экстремистӣ гузаронида шуд, камераи рақамии дорои корти хотираи 8 гигабайт мусодира гардид. Дар он тасвирҳо сабт шуда буданд, ки хизматчиёни ҳарбиро дар шакли таҳқиромез нишон медоданд. Кофтуков метавонад дар ҳар марҳилаи тафтиши пешакӣ анҷом дода шавад, вале дар парвандаҳои дорои хусусияти экстремистӣ он бештар ҳамчун амали фаврӣ гузаронида мешавад. Агар кофтуков пас аз гузаштани муддати тӯлонӣ

гузаронида шавад, самаранокии он кам мешавад, зеро ашё ва объектҳои зарурӣ одатан нобуд ё пинҳон карда мешаванд.

Мувофиқи қ. 1 м. 190 КМҶ ҶТ, асоси кофтуков мавҷудияти маълумоти кофӣ мебошад, ки ба он асос медиҳад, то дар ягон ҷой ё ягон шахс олотҳои ҷиноят, предметҳо, ҳуҷҷатҳо ва арзишҳое мавҷуданд, ки метавонанд барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият дошта бошанд. А.Г. Филиппов изҳор медорад, ки масъалаи зерин нодуруст мебошад: «барои кофтукови манзили шахси гумонбаршуда ё айбдоршаванда дар содир кардани ҷиноятҳои дорои хусусиятӣ экстремистӣ ягон далели мавҷуд будани ашёҳои барои парвандаи ҷиноятӣ муҳим дар он ҷо зарур аст. Одатан, кофтуков вақте гузаронида мешавад, ки муфаттиш ягон далел надорад. Агар аз муфаттиш барои қабули қарор дар бораи гузаронидани кофтуков далел ё маълумоти тасдиқшуда талаб карда шавад, пас амалия нишон медиҳад, ки муфаттиш кофтуковро анҷом намедиҳад» [149, с. 30].

Муфаттиш ҳангоми қабули қарор дар бораи кофтуков вобаста ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар вазъияти душвор қарор дорад, аз як тараф, ӯ метавонад маълумоте дошта бошад, ки асосҳои кофтуковро тасдиқ кунад ва аз тарафи дигар, ӯ наметавонад боварӣ дошта бошад, ки кофтукови гузаронидашуда натиҷаҳои мусбат медиҳад. Р.С. Белкин дар ин бора қайд мекунад, ки таваккали тактикӣ – ин унсури қонунии тафтиши ҷиноят ба ҳисоб меравад [15, с. 192].

Ҳамин тариқ, фаъолияти муфаттиш дар шароити таваккал пеш аз ҳама бо фарзияи мавҷудияти далелҳо дар ин ё он ҷой ва зарурати ошкор кардани чунин маълумот дар ҷараёни кофтуков алоқаманд аст [167, с. 178]. Муфаттиш бояд маълумоти боэътимод дар бораи ҷойгиршавии предметҳо (ҳуҷҷатҳо) вобаста ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дошта бошад, ки бо маводи парвандаи ҷиноятӣ тасдиқ шудааст, ки бояд пайдо ва мусодира карда шаванд. Дар ҳолате ки, агар несту нобуд ё пинҳон кардани объектҳои ҷустуҷӯшаванда ва мувофиқан ба таъхир гузоштани гузаронидани кофтуков

тавонад ба ошкор ва мусодираи онҳо таъсири манфӣ расонад, пас муфаттиш фавран кофтуков мегузаронад ва ӯ бояд ба маълумоти дар гузаронидани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гирифташуда эътимод дошта бошад.

Барои ошкор ва тафтиши самараноки ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ саривақтӣ ва ногаҳонӣ будани кофтуков аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Таъхир дар гузаронидани ин амал метавонад ба раванд ва натиҷаҳои тафтиш таъсири манфӣ расонад. Бисёр вақт зарурати гузаронидани кофтуков аз ҳолатҳои муайяни парванда ва ҳамчунин аз хавфи содир шудани ҷиноят вобаста мегардад [59, с. 53].

Ҳангоми омодагӣ ба гузаронидани кофтуков омили ногаҳонӣ нақши асосӣ дорад. Аммо агар вазъияти тафтишӣ дар парвандаҳои дорои хусусияти экстремистӣ иҷозат диҳад, мумкин аст кофтуков барои муддате ба таъхир гузошта шавад, то маълумоти зарурӣ ҷамъоварӣ гардад, зеро набудани онҳо метавонад гузаронидани амалиётро душвор кунад. Омодагӣ ба гузаронидани кофтуков чунин тадбирҳоро дар бар мегирад: ҷамъоварии маълумот дар бораи шахс, шахсон ё гурӯҳҳои ғайрирасмӣ, ки дар манзил ё бинои онҳо кофтуков сурат мегирад; машварат гирифтан аз мутахассисоне, ки дар соҳаи муносибатҳои байнимиллӣ, байнинажодӣ ва байнидинӣ дониши зарурӣ доранд; муайян кардани вақти мувофиқ ва ҷойи гузаронидани кофтуков; омодасозии воситаҳои техникии зарурӣ; муайян кардани доираи иштирокчиёни амали тафтишӣ. Илова ба шахсони холис, зарур аст, ки имконияти ҷалби мутахассисон дар соҳаи муносибатҳои байнимиллӣ ва байнидинӣ низ баррасӣ карда шавад.

Дар ҳолате ки ҳангоми кофтуков дар манзили гумонбаршуда компютер ё ноутбук пайдо шавад, онро бояд мусодира кард. Мусодираи чунин техника имконият медиҳад, ки маълумоти дар дискҳои он нигоҳдошта ва маълумот дар бораи саҳифаҳои интернетии истифодашуда мавриди таҳлил қарор гиранд. Ин маълумот метавонад барои муайян кардани ангезаҳои ҷиноят аҳаммияти муҳим дошта бошад. Дар марҳилаи баъдӣ, ҳангоми гузаронидани

азназаргузаронӣ ё таҳқиқоти коршиносӣ, омӯзиши компютер ё ноутбук метавонад робитаи гумонбарро бо гурӯҳҳои ғайрирасмӣ, ташриф ба сомонаҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва ангезаҳои шахсӣ ошкор кунад. Илова бар ин, дар дискҳои компютер мумкин аст маводҳои экстремистӣ пайдо шаванд, ки онҳо барои исботи ангезаҳои ҷиноят далели иловагӣ хоҳанд буд.

Аксар вақт, гузаронидани кофтуков вобаста ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар вазъияти мураккаби мунокишавӣ сурат мегирад, ки бо ташаннуҷи шахсони кофтуковшуда хос аст, бинобар ин, муфаттиш бояд ҳангоми гузаронидани кофтуков методҳо ва усулҳои самараноке, ки ӯ истифода мебарад, ба нақша гирад.

А.Н. Иванов дуруст изҳор медорад, ки фазои психологие, ки ҳангоми гузаронидани кофтуков вобаста ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба вуҷуд меояд, ҳам аз мавқеи шахси кофтуковшаванда ва ҳам аз рафтори шахси кофтуковкунанда вобаста аст [38, с. 98].

Муфаттише, ки гузаронидани кофтуковро ба уҳда дорад, бояд ҳамеша вазъияти атрофро таҳти назорат нигоҳ дорад ва аз пайдо шудани ҳар гуна фишор ба худ ё ба дигар иштирокчиёни кофтуков ҷилавгирӣ намояд. Агар муфаттиш бо шахсони мавриди кофтуков муносибати одилона ва ором нишон диҳад, ин ба коҳиш ёфтани низоъ дар ҷараёни кофтуков мусоидат мекунад. Ӯ бояд бо иштирокчиён муошироти дуруст ва созанда дошта бошад, ҳамзамон талаботи қонунро қатъиян риоя намояд ва тамоми чораҳоро барои нигоҳ доштани оромӣ ва расидан ба ҳадафи кофтуков андешад.

1. Кофтуков воситаи муҳим барои ошкор ва мусодираи далелҳо дар тафтиши ҷиноятҳои бо экстремизм алоқаманд мебошад. Он имкон медиҳад, ки маълумоти барои парвандаи ҷиноятӣ муҳим ҷамъоварӣ карда шуда, ба ҳалли дурусти парвандаҳо мусоидат намояд.

2. Мувофиқи КМҶ амалкунандаи ҶТ, кофтукови манзил бояд дар асоси қарори суд гузаронида шавад, аммо дар сурати зарурат бе иҷозати суд

гузаронидани он иҷозат дода мешавад. Аммо, муҳим аст, ки муфаттиш ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро риоя кунад ва инчунин вазифадор бошад, ки прокурор ва судро дар бораи гузаронидани кофтуков огоҳ кунад.

3. Азназаргузаронии манзил бидуни иҷозати суд ва розигии сокинон метавонад ба мушкилоти ҳуқуқӣ оварда расонад, хусусан агар ашёҳои ошкоршуда ҳамчун далелҳои ғайриқонунӣ ба даст овардашуда мавриди баҳс қарор гиранд. Ин қонунӣ будани амалҳо ва зарурати мувофиқа кардани онро бо суд зери шубҳа мегузорад.

4. Муфаттиш дар вазъияти душвор қарор дорад, ки аз як тараф ӯ метавонад барои кофтуков асос дошта бошад ва аз тарафи дигар, ӯ наметавонад ба муваффақияти ин амал боварӣ дошта бошад. Аммо, риояи сариваќтӣ ва ногаҳонии гузаронидани кофтуков барои тафтиши муваффақ, алахусус, дар парвандаҳои дорои хусусияти экстремистӣ муҳим аст.

5. Омодагӣ ба кофтуков ба назар гирифтани омилҳои зиёдеро талаб мекунад: аз гирифтани маълумот дар бораи ҷой, иштирокчиён ва иншооти имконпазир то риояи тамоми расмиёти техникӣ ва ҳуқуқӣ. Инчунин ба назар гирифтани ҷанбаи психологӣ барои кам кардани муноқишаҳои эҳтимолӣ ва таъмини самаранокии тафтишот муҳим аст.

6. Дар ҳолатҳое ки таъхирнопазирии гузаронидани кофтуков вобаста ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ асоснок аст, бояд механизмҳое тартиб дода шаванд, ки ба муфаттиш имкон диҳанд, то барои ба таъхир нагузоштани тафтишот зуд иҷозати судӣ гирифта шавад.

7. Ҳангоми гузаронидани кофтуков мавҷудияти механизмҳои иловагии ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандонро таъмин кардан муҳим аст, масалан, ҷорӣ намудани огоҳиномаи ҳатмии ҳамаи тарафҳои манфиатдор дар бораи гузаронидани кофтуков, инчунин шарҳи возеҳи ҳуқуқҳои шахсони кофтуковшаванда дар ҳар марҳилаи амали тафтишӣ.

9. Ҷорӣ намудани омодагии ҳатмии муфаттишон дар соҳаи психология ва конфликтология барои паст кардани сатҳи ташаннуҷ ҳангоми

гузаронидани кофтуков, алалхусус, дар парвандаҳои ба экстремизм алоқаманд. Ин ба пешгирии шиддат гирифтани низоъҳо ва беҳтар кардани ҳамкорӣ бо иштирокчиёни амалҳои тафтишӣ мусоидат мекунад.

10. Дар ҷараёни таҳия ва гузаронидани кофтуков назорати прокурор ва суд бояд баланд бардошта шавад, то суиистифода аз ҷониби муфаттишон пешгирӣ карда шуда, қонунӣ будани амалҳо дар ҳама марҳилаҳо таъмин гардад.

## 2.2. Тактикаи баамалбарории пурсиш ва рӯбарӯкунӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ

Пурсиш – ин амали мураккаби тафтишии психологӣ ва аксар вақт муборизаи равонии ду шахс бо манфиатҳои муқобил аст. Гузаронидани пурсиш аз муфаттиш талаб мекунад, ки вай қоидаҳои илмии психологияро донад. Ин донишҳо ба муфаттиш кумак мекунанд, ки рафтори айбдоршаванда, гумонбар ё шоҳиде, ки ҳақиқати воқеаро пинҳон мекунад, дуруст дарк намояд. Бо истифода аз онҳо муфаттиш метавонад усулҳои тактикиро интихоб кунад, ки бо ёрии онҳо ангеза ва ҳадафи ҷиноят равшан гардад, омилҳои монеъшаванда аз гуфтани ҳақиқат бартараф шаванд ва муносибати дуруст нисбат ба шахси пурсишшаванда муайян карда шавад. Дар ҳамин робита, илми криминалистика фаслеро дар бар мегирад, ки тактикаи тафтиширо меомӯзад. Ин фасл низоми усулҳои тактикӣ мебошад, ки ҳадаф аз онҳо ба даст овардани натиҷаҳои босифат дар амалҳои тафтишӣ мебошад [41, с. 267].

Пурсиш яке аз амалҳои мустақили тафтишӣ ба ҳисоб меравад. Мазмуни он аз шахси огоҳ дар бораи ҳолатҳои ҷинояти содиршуда гирифтани маълумот ва сабти дурусти ин маълумот дар протокол мебошад. Аз як тараф, пурсиш дорои танзими қатъии ҳуқуқӣ аст, аз тарафи дигар, муфаттиш дар интихоби усулҳои тактикӣ озодӣ дорад. Тавре ки К.А. Алексанян ишора мекунад, маҳз вазъияти оперативӣ ба муфаттиш имконият медиҳад, ки низоми муайянро ташкил намояд ва фаъолият кунад. Ин ҳолат ба ӯ кумак

мекунад, ки тактикаи самараноки пурсиш ва усулҳои мақсадноки тактикиро барои иҷрои дурусти амали тафтишӣ интихоб намояд [8, с. 267].

Мувофиқи қ. 4 м. 199 КМҶ ҶТ, «ҳангоми пурсиш додани саволҳои рахнамункунанда манъ аст» [2], ҳол он ки муфаттиш дар интихоби усулҳои тактикии пурсиш маҳдуд нест. Дар амал ҳолатҳое метавонанд ба миён оянд, ки ҳамчун иҷозати истифодаи усулҳои тактикии ба қонун мутобиқ набуда тафсир мешаванд [43, с. 30]. Бо вуҷуди ин, усулҳои тактикӣ бояд ҳатман дар доираи меъёрҳои ахлоқ истифода шаванд. Қонуни мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекунад, ки муфаттиш ҳангоми интихоби чунин усулҳо қоидаҳои ахлоқро риоя намояд.

Масалан, дар қ. 2 м.10 КМҶ ҶТ дарҷ шудааст, ки «Ҳеҷ яке аз иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ наметавонад таҳти зӯроварӣ, шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона ё пасткунандаи шаъну шарафи инсонӣ қарор гирад» [4]. Бояд қайд кард, ки маҷбур сохтани шахс ба додани нишондод қонуншиканӣ буда, ҷавобгарии ҷиноятиро ба миён меорад. Ҳамзамон, таҳияи саволҳои рахнакунанда ҳангоми пурсиш метавонад ба пурсишшаванда таъсири номатлуб расонад. Ин ҳолат метавонад мавқеи муфаттишро бар ӯ бор кунад ва иродаю қобилияти тафаккури интиқодии шахсро заиф намояд [174, с. 224].

Бо назари як гурӯҳ муаллифон розӣ шудан мумкин аст. Онҳо ишора мекунанд, ки танҳо усулҳои тактикӣ истифода мешаванд, ки шахси пурсидашавандаро ба додани нишондод маҷбур намесозанд ва бо ахлоқ мухолифат надоранд. Ғайр аз ин, ҳангоми пурсиш истифодаи усулҳои бар асоси фиреб иҷозат дода намешавад. Масалан, агар муфаттиш суханони шоҳидро бо таҳриф баён кунад, айбдоршаванда метавонад худро гунаҳкор шуморад ва гуноҳро эътироф намояд, ҳарчанд дар асл ҷиноятро содир накардааст.

Дар интихоби тактикаи пурсиш, муфаттиш бояд ба он таваҷҷуҳ намояд, ки ҳатто бо мавҷудияти муносибати манфии шахси пурсидашаванда ҳуқуқҳои ӯ поймол нашаванд ва меъёрҳои мурофиавӣ низ вайрон нагарданд.

Масалан: Пеш аз оғози пурсиш ба ман ҳуқуқҳо ва вазифаҳои шоҳид, ки дар қисмҳои 3 ва 4 моддаи 56-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд: «бо забони модарӣ ё бо забони дигаре, ки медонам, нишондод диҳам; аз хизмати тарҷумон ройгон истифода барам; ба тарҷумоне, ки дар пурсиши ман иштирок мекунад, радия изҳор намоям; бо дасти худ дар протоколи пурсиш нишондодамро сабт кунам; оид ба татбиқ намудани чораҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои худ тибқи муқаррароти моддаи 12 Кодекси мазкур дархост пешниҳод намоям; аз амали таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд шикоят кунам; бо даъвати таҳқиқкунанда, муфаттиш, прокурор ва суд ҳозир шавам; ҳамаи он чизеро, ки оид ба парванда бароям маълум аст, саҳеҳ иттилоъ диҳам ва ба саволҳои гузошташуда дуруст ҷавоб диҳам; бе иҷозати пурсишкунанда маълумот оид ба ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ ба ман маълумро фош накунам; тартиби муайяншудаи пешбурди амали тафтишӣ ва маҷлиси судиро риоя кунам» [4].

Инчунин, тибқи қ.6 м.56 КМҶ ҶТ: «шоҳид дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба гувоҳии бардурӯғ ва саркашӣ аз ҳозир шудан ё нахостани додани нишондод мувофиқи моддаи 351 ва 352-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳонида шуд» [2].

Оид ба ҳолати кор чунин нишондод медиҳам, ки ман соли 2019 МТМУ №--- шаҳри Ваҳдатро хатм намудам. Соли 2020 ба Донишгоҳи ---- 00000, ба факултаи 00000 дохил шудам ва айни ҳол дар бахши дуюм таҳсил дорам. Дар факулта, ман дар гурӯҳи «2 А» таҳсил мекунам. Дар гурӯҳи мазкур тахминан 22 нафар таҳсил мекунем. Дар факултаи мо аз фанҳои арабӣ, фалсафа, ҳуқуқ, математикаи олӣ, дарс медиҳанд. Ман бо ҳаммаи ҳамкурсҳоям шиносӣ ва муносибати хуб дорам.

Вобаста ба саволи додашуда ҳамиинро гуфтаниам, ки ҳамкурсам Х. Ф.А. аз ҳисоби ҳамкурсонаш бо ягон нафар рафиқии наздик надошт. Ӯ бо ҳама як

хел муносибат мекард. Бо як нафар аз гурӯҳи «2Б» бо номи Г.Л. назар ба дигарон муносибатии хуб дошт.

Вобаста ба саволи додашуда ҳаминро гуфтаниам, ки баъд аз дастгир шудани Х. Ф. аз суханони ҳамкурсам Ш. Ҷ. огоҳ шудам, ки тахминан моҳҳои март-апрели соли 2022 Х.Ф. бо муалимаи фанни 000 А.М.Т баҳс кардааст. Мавзуи баҳс ин 0000000 будааст. Х.Ф. ба муаллима гуфтааст, 00000 дуруст нест. Ҳаминро қайд карданиам, ки худи ман ҳангоми баҳси ӯ бо муаллима дар дарс қарор надоштам ва дар хонамон дар шаҳри Ҳисор қарор доштам. Ҳамчунин, ҳаминро гуфта метавонам, ки тахминан моҳҳои март-апрели соли 2020 ман ба синфхона даромадам, ки дар онҷо устод К.Р. ба Х. Ф. гуфта истодааст, ки мо ҳуқуқи хулосабарорӣ дар хусуси 000000 надорем. Дар хусуси он ки ӯ бо устод К.Р. баҳс карда бошад, ман маълумот надорам [185].

Аз рӯйи табиати психологии худ, пурсиш ҳамкории пурсишшаванда ва пурсишкунанда бо мақсади додани нишондод, яъне маълумот дар бораи далелҳои барои парванда муҳимро ташкил медиҳад. Илми психология роҳҳои гузаштани ин маълумотро аз манбаъҳои гирифтани он ба ҷабрдида, шоҳид, гумонбаршуда, айбдоршаванда то додани он барои эҳтиёҷоти тафтишот ва дар шакли муқаррарнамудаи қонун баррасӣ мекунад.

Бо дарназардошти ин, раванди ташаккули нишондодҳо аз гирифтан ва ҷамъоварии маълумот; сабт ва нигоҳдории он; интиқол ба шахсе, ки пурсишро анҷом медиҳад; қабул, коркард ва таҳкими мурофиавии маълумот ба пурсидашудагон; нишондоди такрорӣ иборат аст.

Аввалин ва содатарин воситаи гирифтани маълумот дар бораи зуҳуроти ҷаҳони воқеӣ ҳиссиёт, яъне нишондоди узвҳои ҳиссиёт мебошад, ки хосиятҳои алоҳида ва паҳлуҳои ин зуҳуротро инъикос мекунанд. Албатта, имкониятҳои ҳассосии одамон бо остонаҳое, ки дар психология муфассал омӯхта шудаанд, маҳдуданд. Қобилияти ҳалкунанда низ маҳдуд аст, яъне шумораи объектҳои бо ёрии ин ё он узви ҳиссиёт фарқкунанда ва вақти минималие, ки барои дарки алоҳидаи ин ё он объектҳо зарур аст.

Аз дидгоҳи илмии криминалистика, гузаронидани пурсиш ҳамчун як шакли амалӣ намудани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ арзёбӣ мешавад. Пурсиш амали тафтишии мураккаб аст, чунки барои татбиқи самараноки усулҳои тактикӣ дар ҷараёни он аз натиҷаҳои дигар амалҳои тафтишӣ истифода карда мешавад.

Дар раванди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ пурсиш яке аз амалҳои муҳим арзёбӣ карда мешавад. Маҳз тавассути ин амали тафтишӣ аз иштирокчиёни амалҳои экстремистӣ мумкин аст мақсад ва ангезаи ҷиноят муқаррар карда шавад. Бо дарназардошти тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аломатҳои пурсишро муайян кардан мумкин аст:

а) пурсиш мувофиқи талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ гузаронида мешавад;

б) дар ҷараёни пурсиш принсипҳои рақобат ва ошкоро будан асосӣ ба ҳисоб меравtotанд;

в) гузаронидани пурсиш бо маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ, биологӣ ва равонӣ тавсиф мешавад, ки онҳо интихоби усулҳои тактикиро муайян мекунанд;

г) маълумоте, ки шахси пурсидашаванда дар хотир нигоҳ доштааст, дар протокол сабт мегардад.

Дар асарҳои худ О.М.Ушаков қайд мекунад, ки аз тарафи объективӣ раванди пурсиш ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба қонуниятҳое асос ёфтааст, ки бо назарияи инъикоси воқеияти моддӣ, ҳамкории воқеияти объективӣ ва қобилиятҳои субъективии пурсишшаванда ба тасаввуроти дурусти объектҳо ва қобилияти интиқоли шифоҳии амалҳое, ки дар шуури инсон ҳангоми дарки ҳодисаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ташаккул ёфтаанд, муайян карда мешаванд. Нишондоди шоҳид аз дидгоҳи маърифатӣ таҷассумгари воқеаҳои марбут ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мебошад. Пеш аз ҳама, он як порчаи воқеиятро дар

шуури шахси пурсидашаванда инъикос менамояд. Ҳамзамон, нишондод ҳамчунин паёмест, ки дар бораи ҳодиса аз ҷониби шахс баён шуда, дар шуури муфаттиш қабул ва дар протоколи амали тафтишӣ сабт мегардад.

Мувофиқи қ. 1 м. 56 КМҶ ҶТ, шоҳид метавонад дар бораи ҳама гуна ҳолатҳое, ки барои тафтиш ва ҳалли парвандаи ҷиноятӣ муҳим мебошанд, пурсида шавад.

Масалан: Ш.Х.У. моҳиятан нисбати парвандаи ҷиноятӣ чунин нишондод дод, ки дар ҳақиқат дар суроғаи боло қайдшуда истиқомат мекунам. Ба касалиҳои руҳӣ ва наркологӣ гирифтор нашудам ва ба саволҳои ба ман додашуда дуруст ҷавоб дода метавонам.

Оид ба ҳолати кор ҳаминро қайд карданиам, ки ман аз соли 2018 инҷониб бо истифода аз рақамҳои телефони мобилии 00-00-00-00 ва телефони мобилии тамғаи «SAMSUNG G2» аз сомонаҳои интернетии «Фейсбук», «Ватсап» ва «Ютуб» истифода менамоям. Ман саҳифаи шахсӣ (аккаунти) худро дар сомонаи «Фейсбук» бо номи «Ш.Ш.» фаъол намуда, то ҳол аз он истифода менамоям. Дар ин муддат ман ҳамчун шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷонибдорӣ сохти конститутсионии кишвар дар сомонаи интернетии «Фейсбук» мавқеъ ва дастовардҳои Ҳукумати кишварро ситоиш намуда, бар зидди иғвоҳои роҳбарону фаъолони ташкилоти экстремистии «000» ва ташкилоти экстремистӣ-террористии ШШШ вокуниш-комент менависам......

Дар охир илова карданиям, ки санаи 12 августи соли 2021 корманди КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бинои ин мақомот дар ҳузури шахсони холис тавассути телефони мобилиам тамғаи «SAMSUNG G2», саҳифаи шахсӣ (аккаунти) манро дар сомонаи «Фейсбук» бо номи «Ш.Ш.» мавриди азназаргузаронӣ қарор дода, видеонаворҳо ва дигар навиштаҷот ва расми ирсолнамудаи истифодабарандаи саҳифаи интернетии «W.M.», ки ба ташкилоти экстремистии «000» мансубият дорад, дарёфт карданд..... [184].

Ба ҳайси шоҳидон аз рӯйи парвандаи ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ шахсоне баромад менамоянд, ки маълумоти барои

парванда муҳимро доранд, ва дар бораи механизми содиршудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, маълумот дар бораи субъектони ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, аз ҷумла хешовандон, шиносони шахсони ҷиноят содирнамуда метавонанд шоҳид бошанд.

Маълумоти дақиқро дар бораи кирдори содиршуда муфаттиш одатан аз шоҳидон мегирад, ки баъдтар онҳоро дар мақоми мурофиавии шоҳид пурсиш мекунанд. Пурсиши шоҳидон ба гирифтани маълумоти муфассал дар бораи ҳолатҳои ҳодиса ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ равона шудааст. Ҳангоми пурсиши шоҳидон муфаттиш бояд муайян намояд, ки онҳо дар кадом шароит ба ҷойи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ расидаанд, ҷабрдида чӣ гуна рафтор кардааст ва шахсони ҷинояткор бо кадом нишонаҳо фарқ мекарданд. Илова бар ин, бояд муайян карда шавад, ки ҳар як иштирокчӣ дар ҷараёни ҳодиса чӣ амал анҷом додааст. Дар ҷараёни пурсиш муфаттиш вазифадор аст барои ошкор намудани ангезаи содир кардани ҷиноят чораҳои зарурӣ андешад. Ҳамин тавр, ҳангоми пурсиши шоҳидон бояд маълумоти дақиқ ба даст оварда шавад: чӣ гуна шоҳид дар ҷойи ҷиноят қарор гирифт, рафтори ҷабрдида чӣ гуна буд ва шахсони ҷинояткор кадом нишонаҳоро доштанд, бо таваҷҷуҳ ба муайян кардани ангезаи ҷиноят.

Муфаттиш ҳангоми пурсиши хешовандони шахси дар содир кардани ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ айбдоршаванда бояд маълумотро дар бораи шахсияти ӯ ҷамъ намояд. Чунин маълумот метавонад манфиатҳо, эътиқодҳо, ақидаҳо ва тарзи рафтори гумонбаршударо ҳам пеш аз содиршавӣ ва ҳам баъди содиршавии ҷиноят дар бар гирад. Ғайр аз ин, бояд муайян кард, ки ӯ бо шахсони дигар (наздикон, шиносҳо, дӯстон ва ғайра) чӣ гуна муносибат дошт; ангезаҳои эҳтимолии содир кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва ғайра.

Ҳангоми гузаронидани пурсиши хешовандони шахси ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ содирнамуда, инчунин рафтори ӯро пеш аз содир намудани ҷиноят ва баъд аз он муайян кардан лозим аст.

Яке аз амалҳои муҳимми иттилоотии тафтишӣ пурсиши шоҳид мебошад. Ин амал ба муфаттиш имкон медиҳад, ки ҷузъиёти муайян ва муҳимми ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро муайян намояд. Маълумоти гирифташуда, вақте ки бо натиҷаҳои дигар амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ таҳлил карда мешавад, ба муфаттиш имконият медиҳад, ки ангезаҳои содир шудани ҷиноятро дуруст муайян карда, хулосаи асоснок пешниҳод кунад.

Ба андешаи мо, изҳороти О.И.Белокобилская дуруст аст. Ӯ бар он назар аст, ки барои муайян кардани шоҳидон зарур аст маҷмуи усулҳои тактикии омодагӣ ба пурсиш истифода шаванд. Пеш аз ҳама, ин таҳлили ҳамаҷонибаи маводи парванда мебошад, ки ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ вобастаанд. Ба чунин мавод натиҷаҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ашё ва предметҳои мусодирашуда ҳангоми боздошти шахси ҷиноятсодиркарда, натиҷаҳои кофтукови шахсӣ ва кофтукови манзил, инчунин маълумоти дорои хусусияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дохил мешаванд. Натиҷаи таҳлили ин маълумот ба муфаттиш имкон медиҳад, ки ангезаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор, ҳолати қурбониён, доираи шахсоне, ки метавонанд шоҳид бошанд, ва ҳамчунин шартҳои тактикии гузаронидани пурсиши онҳоро муайян кунад [156, с. 18].

Пурсиши шоҳид дорои се марҳила аст: омодагӣ, нақли озод ва саволу ҷавоб. Омодагӣ пеш аз ҳама ба омӯзиши шахсияти шоҳид ва хислатҳои равонӣ ва психологии ӯ равона мешавад. Барои ин мақсад муфаттиш пеш аз оғози пурсиш бо шоҳид суҳбати озод мегузаронад, то ки портрети равонии ӯро тартиб диҳад ва робитаи равонӣ бо ӯро мустаҳкам кунад. Ғайр аз ин, муфаттиш бояд ба шоҳид фаҳмонад, ки тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ӯ дорои ҳуқуқҳои муайян мебошад ва барои рад кардани нишондод ё додани нишондоди бардурӯғ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳангоми оғози марҳилаи нақли озод, муфаттиш бояд ба пурсишшаванда тартиби пурсишро фаҳмонад ва пешниҳод кунад, ки дар бораи ҳолатҳое, ки ӯ дар бораи ҷинояти содиршуда медонад, нақл кунад. Дар ин марҳила муҳим аст, ки пурсишшаванда гӯш карда шавад, ӯро халалдор набояд кард, зеро дахолати муфаттиш метавонад, сабаби аз даст рафтани лаҳзаҳои муҳимме гардад, ки пурсишшаванда мехост хабар диҳад.

Пас аз шунидани нишондоди шоҳиди пурсидашуда, муфаттиш дар баробари шуруъ намудан ба сабти нишондоди ӯ, инчунин, саволҳои аниқ ва мушаххасро медиҳад. Тибқи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, додани саволҳои раҳнамункунанда иҷозат дода намешавад...

Дар рафти пурсиши шоҳид ҳам вазъияти ғайримуноқишавӣ ва ҳам муноқишавӣ ба вуҷуд омада метавонад.

Таҳлили таҷрибаи тафтишӣ нишон медиҳад, ки шоҳидон иштирокчиёни софдилонаи мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд, ки одатан ба мақомоти тафтиши пешакӣ кумак мерасонанд ва нишондоди ҳақиқӣ медиҳанд. Дар ин ҳолат, ҳангоми пурсиш вазъияти бетафовут ба вуҷуд меояд, ки дар он усулҳои тактикии интихобкардаи муфаттиш бояд ба муайян ва мушаххас кардани ҳолатҳое, ки барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд, равона карда шаванд.

Дар ҷараёни пурсиши шоҳид вазъияти муноқишавӣ низ метавонад дар ҳолате ба вуҷудояд, ки вақте шахси ҳамчун шоҳид пурсидашаванда аз додани нишондод саркашӣ мекунад ё нишондоди бардурӯғ (ғайривоқеӣ) медиҳад. Дар ин ҳолат, муфаттиш бояд кӯшишҳои худро ба муқаррар кардани ангезаи ин рафтор ва пешгирии чунин зуҳурот аз ҷониби шоҳиди пурсишшаванда равона кунад.

Ба андешаи В.И. Брилев, тактикаи дурусти пурсиш аз он иборат аст, ки муфаттиш аввал бо ҳолатҳои дуюмдараҷа кор кунад. Ин ҳолатҳо барои ӯ осонтар исбот мешаванд ва шоҳид маҷбур мешавад, ки онҳоро эътироф намояд. Баъдан, маълумоте, ки бо чунин роҳ ба даст омадааст, метавонад

барои фош кардани нишондоди бардурӯғи шоҳид истифода шавад. Дар ин маврид, муфаттиш метавонад ба хулосаҳои экспертизаи судӣ, протоколҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, санҷиши либоси ҷабрдида ва шахси ҷинояткор, инчунин нишондодҳои дигар шоҳидон ва шахсони холис такя намояд [93, с. 161].

Ҳангоми пурсиши ҷабрдида вазъият метавонад мунокишавӣ бошад. Ин ҳолат дар чанд ҳолат ба миён меояд:

а) вақте ки ҷабрдида маълумотро таҳриф мекунад ё онро умуман пинҳон менамояд;

б) вақте ки ҷабрдида маълумоти мавриди таваҷҷуҳи муфаттишро намедонад, аммо муфаттиш гумон мекунад, ки ҷабрдида онро медонад ва қасдан пинҳон мекунад;

в) вақте ки ҷабрдида нишондоди бардурӯғ медиҳад.

Вазъияти бе мунокиша бошад, чунин тавсиф мешавад:

а) ҷабрдида ҳангоми содир шудани ҷиноят маълумотро дуруст дарк кардааст ва ҳангоми пурсиш онро дақиқ баён менамояд;

б) ҷабрдида маълумотро дуруст дарк кардааст, вале бо сабабҳои аз ӯ новобаста ҳангоми пурсиш онро бо иштибоҳ пешниҳод мекунад.

Барои пурсиш дар вазъияти мунокишавӣ чунин усулҳои тактикӣ истифода мешаванд: муайян ва таъкид кардани сифатҳои мусбати ҷабрдида бо мақсади ҷалби ӯ ба тағйири мавқеъ [9, с. 95]; таҳлили зиддиятҳои дар нишондод мавҷудбуда ва муқоисаи онҳо бо нишондодҳои дигар шахсон ва далелҳои парванда, нишон додани ин зиддиятҳо ба ҷабрдида; пешниҳоди далелҳое, ки хилофи нишондоди ӯянд; гузаронидани рӯбарӯкунӣ; ва такроран фаҳмондани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз додани нишондод ё барои додани нишондоди бардурӯғ.

Ҳангоми пурсиш дар шароити мунокишавӣ мумкин аст робитаҳои ассотсиативӣ истифода шаванд. Онҳо махсусан дар ҳолатҳое самаранокаанд, ки шахси пурсидашаванда зери таъсири шахсони дигар қарор гирифтааст ё

бо сабаби иштибоҳи софдилона нишондоди бардурӯғ медиҳад. Дар чунин шароит фаъолияти муфаттиш бояд ба он равона гардад, ки қисмҳои сохтаи нишондодро аз он чизе, ки воқеан дида шудааст, ҷудо кунад, сабабҳои додани нишондоди бардурӯғро бартараф намояд ва ҳодисаҳое, ки шахси пурсидашаванда дар асл мушоҳида кардааст, барқарор созад [7, с. 583].

Пурсиши ҷабрдида дорои аҳаммияти иттилоотӣ ва фаврӣ мебошад, зеро маълумоте, ки ӯ дода метавонад, манбаи муҳимми маълумот дар бораи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва шахси ҷинояткор ба шумор меравад. Муфаттиш бояд пеш аз пурсиш бодиққат омода шавад. Барои ин зарур аст, ки хусусиятҳои шахсии ҷабрдида таҳқиқ шаванд: намуди зоҳирӣ, сатҳи таҳсил ва фарҳанг, нутқ, аксуламалҳои равонӣ ва физиологии ӯ нисбат ба амалҳои муфаттиш, инчунин омодагӣ ба ҳамкорӣ ё майли пинҳон кардани ҳолатҳои муайян. Омӯзиши чунин хусусиятҳо ба муфаттиш имкон медиҳад, ки робитаи равонӣ бо ҷабрдида барқарор кунад ва усулҳои мувофиқро барои гузаронидани пурсиш интихоб намояд [170, с. 22].

Нишондодҳои ҷабрдида манбаи муҳимми иттилоот мебошанд ва метавонанд ба самаранокии тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ таъсири ҷиддӣ расонанд. Пуррагии ин нишондод аз ҳаҷми маълумоте вобаста аст, ки ҷабрдида ҳангоми ҳодиса қабул кардааст. Муфаттиш имкони фарох кардани доираи дарки ӯро надорад, зеро он аз шароити воқеа ва шахсияти ҷабрдида вобаста аст. Ба андешаи И.В. Семенов, муфаттиш бояд пеш аз оғози пурсиши аввал донад, ки ҷабрдида воқеаро чӣ гуна дарк кардааст, то пурсиш ба ҳадафи муайян кардани ҳолатҳои зарурӣ равона гардад [173, с. 16].

Муайян кардани ангезаҳои экстремистӣ ҳангоми пурсиши ҷабрдида бо равшан кардани ҳолатҳои зерин амалӣ мешавад. Аввал, бояд маълумот дар бораи шароити содиршавии ҷиноят ҷамъоварӣ гардад: бо кадом забон ҷабрдида ҳангоми ҷиноят муошират кардааст, оё қаблан нисбат ба ӯ душманӣ ё бадбинӣ дар асоси нажод ё миллат вуҷуд дошт, оё нисбат ба ӯ

зӯроварӣ содир шудааст, тарзи ҳамла чӣ гуна буд, шумораи ҷабрдидагон ва ҳамлагарон чанд нафар буданд, сабаби ҳамла чӣ буд ва оё он бо интиқом алоқаманд аст. Дуюм, бояд маълумот дар бораи шахсияти ҷабрдида муайян карда шавад: миллат, нажод, шаҳрвандӣ, синну сол, намуди машғулият ва донистани забони русӣ. Сеюм, бояд маълумот дар бораи шахсони ҷинояткор ҷамъ оварда шавад: оё ҷабрдида онҳоро қаблан мешинохт ё на, дар куҷо ва кай бо онҳо рӯ ба рӯ шудааст, муносибати байни онҳо чӣ гуна буд, кирдорҳои ҷинояткоронаашон дар чӣ амалҳо ифода меёфт, чӣ гуна муоширaт мекарданд, мазмуни гуфтугӯҳои онҳо чӣ буд, оё ашёҳои шахсии ҷабрдидаро талаб мекарданд, чӣ нишонаҳои зоҳирӣ ва либос доштанд ва кадом аломатҳои махсус онҳоро аз дигарон фарқ мекард [86, с. 59].

Дар парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ҷабрдида метавонад маълумоти дигареро ошкор кунад, ки бо хусусият ва ангезаҳои ҷиноят алоқаманд аст. Муфаттиш ҳангоми пурсиш бояд маълумотеро муайян кунад, ки нишон диҳад ҳамлагар қасдан ҷинояти дорои хусусияти экстремистиро содир кардааст. Аз ҳамин сабаб муайян кардани ангезаҳо зарур аст. Пеш аз пурсиши ҷабрдида бояд якчанд амалҳо анҷом дода шаванд:

а) омодагӣ ба пурсиш, аз ҷумла даъват, муайян кардани вақт ва ҷой, баррасии истифодаи воситаҳои техникӣ;

б) таъмини гирифтани нишондодҳои боэътимод ва пурра, ки таҳлили маълумоти ибтидоӣ, таҳқиқи шахсияти ҷабрдида, муайян кардани далелҳои зарурӣ ва ҷалби эҳтимолии мутахассисонро дар бар мегирад;

в) чораҳое, ки истифодаи минбаъдаи маълумоти гирифташударо дар раванди исбот таъмин месозанд.

Е.Г. Сахаров қайд мекунад, ки хусусияти пурсиши ҷабрдидагон зарурати пурсиши фаврӣ пас аз содир кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мебошад [171, с. 22]. Агар маълум шавад, ки ҷабрдида маълумоти худро пурра ифшо накардааст, муфаттиш метавонад баъд аз

муддате пурсиши такрорӣ гузаронад. Дар ин раванд, ҷабрдида метавонад ҳолатҳои наверо ба хотир орад, ки қаблан онҳоро баён накарда буд. Сатҳи муноқиша барои интихоби тактикаи пурсиши ҷабрдида нақши муҳим дорад. Муноқиша метавонад вақте ба миён ояд, ки ҷабрдида хоҳиши ҳамкорӣ надошта, маълумоти бардурӯғ медиҳад. Дар ҳолати ғайримуноқиша бошад, ҷабрдида бо муфаттиш ҳамкорӣ мекунад ва нишондоди худро бо такя ба далелҳои парвандаи ҷиноятӣ пешниҳод менамояд.

И.В. Семенова дуруст таъкид мекунад, ки барои гирифтани нишондоди объективӣ аз ҷабрдида муҳим аст, ки байни муфаттиш ва ҷабрдида робитаи психологӣ барқарор карда шавад. Зери робитаи психологӣ фаҳмида мешавад фазое, ки ба ҷабрдида имкон медиҳад, нишондоди воқеиро бе тарс ва фишор пешниҳод кунад [173, с. 25].

Е.В. Васке чунин андешаронӣ менамояд, ки «ҳангоми шарти қонунӣ таъсири психологӣ дар ҷараёни тафтишот маҳз воситаест, ки дар ниҳоят ба расидан ба ҳадафҳои муҳимми касбии мурофиаи ҷиноятӣ, ки пеш аз ҳама ба он ҷазои қонунӣ додани гунаҳгор тавассути муқаррар кардани ҳақиқат дар парвандаи ҷиноятӣ дохил мешавад, кумак мекунад» [96, с. 25-36].

Таъсири психологӣ бо такя ба эҳсосот талқин ба ҳисоб рафта, бо такя ба шуур ба эътиқод табдил меёбад. Истифодаи эътиқод дар амалияи тафтишӣ аз тавассути далелҳо асоснок кардани мавқеи муфаттиш алоқаманд аст. Талқин барои эҷоди тамоси равонӣ, барои расонидани маълумот ба пурсишшаванда бе муносибати танқидии ӯ истифода мешавад.

Дар аксари ҳолатҳо пурсиши ҷабрдида бидуни муноқиша мегузарад. Дар чунин ҳолат ҷабрдида маълумоти донистаашро ба таври ростқавлона баён мекунад ва маълумоти гирифтаи муфаттиш ба маводи парванда мувофиқ меояд. Агар ҷабрдида натавонад маълумоти дархотирдоштаро пешниҳод кунад, муфаттиш бояд сабабҳои ин ҳолатро муайян намояд, сипас ба ҷабрдида кумак кунад, то маълумоти фаромӯшшударо ба ёд оварад, ва дар охир он қисматҳоро аз нишондод ҷудо созад, ки дар натиҷаи таъсири

шахсони дигар ба вуҷуд омадаанд. Барои ин мақсад муфаттиш метавонад далелҳо, аксҳо ва дигар маводро ба ӯ нишон диҳад ё рӯбарӯкунӣ гузаронад. Агар пурсиш дар шароити муноқишавӣ сурат гирад, вақте ки ҷабрдида қасдан маълумотро пинҳон мекунад, ё дурӯғ мегӯяд, истифодаи усулҳои тактикии махсус зарур аст. Ба чунин усулҳо пурсиши муфассал бо пешниҳоди далелҳо, муайян кардани маълумоти иловагӣ ва истифодаи таъсир ба таассуроти ҷабрдида дохил мешаванд.

**Гузаронидани пурсиши гумонбаршуда**

Пурсиши гумонбаршуда ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ хусусиятҳои худро дорад. Он бештар аз ҳама бо хусусиятҳои шахсии гумонбар алоқаманд аст. Барои чунин ҷиноятҳо муайян кардани ангезаи махсус яке аз вазифаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Бештари вақт, ангезаи экстремистӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ё аломати вазнинкунандаи ҷиноят арзёбӣ мешавад. Аммо муайян кардани ангезаи ҷиноят дар ҷараёни пурсиши гумонбаршуда кори осон нест ва мушкилоти зиёд ба бор меорад. Аз ҳамин сабаб, дар амалия зарур аст тавсияҳое коркард шаванд, ки фаъолияти муфаттишро ҳангоми пурсиши гумонбаршуда самараноктар гардонанд.

Барои самаранок гузаронидани пурсиши гумонбар дар криминалистика усулҳои тактикии гуногун истифода мешаванд. Тавре ки И. Кертэс қайд кардааст, ин усулҳо ба интихоби дурусти вақти пурсиш, муайян кардани ҷой, тартиби дуруст барои даъват, манъ кардани муошироти пурсидашудагон бо якдигар, омода сохтани далелҳои лозим, ҷалби шахсони зарурӣ ва ҷамъоварии маълумот дар бораи шахсияти гумонбар равона шудаанд. Пурсиши гумонбар дар парвандаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ одатан чунин марҳилаҳо дорад: омодагӣ, марҳилаи корӣ (аз нақли шахс ва саволу ҷавоб иборат аст) ва марҳилаи ниҳоӣ (сабт ва шиносоӣ бо протокол).

Омодасозии пурсиши гумонбаршуда дар ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ қадами муҳимми ташкили раванди пурсиш мебошад. Дар ин

марҳила муфаттиш бояд дар бораи шахсияти гумонбар маълумот гирд оварад: манфиатҳои шахсӣ, эътиқодҳо, ақидаҳо, ҳолати равонӣ ва дигар хусусиятҳои ӯ. Чунин маълумот метавонад аз хешовандон, аз муассисаҳои тиббӣ ё дигар манбаъҳо ба даст оварда шавад. Барои ба роҳ мондани робитаи равонӣ бо гумонбар, беҳтар аст бо ӯ дар мавзуъҳои одӣ ва ҷолиб барои худи ӯ суҳбат гузаронида шавад. Ин гуна суҳбат ба муфаттиш имкон медиҳад хусусиятҳои равонии шахсро муайян намояд ва тактикаи дурусти пурсишро интихоб кунад. Баъзан дар рафти ҳамин гуна муошират маълум мешавад, ки гумонбар воқеан ба ҷиноят дахл дорад. Масалан, агар дар ҷойи ҳодиса изи пойафзол пайдо шуда бошад ва муайян кардани он мушкил бошад, гумонбар метавонад изҳор намояд, ки метарсад изи пойафзоли ӯ он ҷо монда бошад. Муфаттиш ин ҳолатро истифода бурда, саволҳои мушаххас дод ва дар натиҷа гумонбар иқрор шуд [81, с. 216].

Аммо вазъияте, ки мо тавсиф кардем, дар амалия на ҳамеша рух медиҳад. Одатан боздоштшудагон худро ба муқобили муфаттиш мегузоранд, изҳор мекунанд, ки ба ҷиноят дахл надоранд ё умуман аз додани нишондод саркашӣ мекунанд. Ин ҳолат ба хусусиятҳои шахсии гумонбар ва хоҳиши ӯ барои ҳамкорӣ бо тафтишот вобаста мебошад [41, с. 143]. Пурсиши гумонбар дар ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, мисли дигар амалҳои тафтишӣ, ба ҷамъоварии маълумоте равона шудааст, ки ба предмети исбот дохил мешавад. Хусусияти асосии ин амал дар чунин парвандаҳо аз гирифтани маълумоти исботкунанда дар бораи ангезаҳои содир кардани ҷиноят иборат аст. Ин масъала муҳим аст, зеро дар амалияи тафтишӣ ва судӣ ангезаҳои экстремистӣ бисёр вақт бо ангезаҳои ғаразнок ё авбошӣ иваз карда мешаванд. Дар ҳолати ғайримуноқиша, вақте гумонбар ба муфаттиш кумак мекунад, вазифаи асосӣ муайян ва ҷамъоварии маълумоти муҳим барои парванда мебошад. Барои чунин ҳолат истифодаи усулҳои тактикӣ мувофиқ аст: тафсилоти ҳолатҳое, ки ҳузури гумонбарро дар ҷойи ҳодиса нишон

медиҳанд; гузоштани саволҳои мушаххас; санҷиш ва таҳқиқи маълумоти гирифташуда.

Агар гумонбар содир кардани ҷиноятро эътироф намояд, муфаттиш вазифадор аст нишондодҳои ӯро санҷад. Лозим аст, ки далелҳое, ки гуфтаҳои ӯро тасдиқ мекунанд, бодиққат арзёбӣ шаванд. Муфаттиш инчунин бояд аз раванди пурсиш истифода кунад, то далелҳои нав ва иловагӣ ба даст оварад [174, с. 128].

Агар аз гумонбар маълумоти боэътимод ба даст оварда шавад, барои дақиқтар кардани нишондодҳо ба ӯ бояд пешниҳод кард, ки нишондоди худро дар ҷойи ҳодиса такроран тасдиқ кунад. Дар ҳолате ки вазъият муноқишавӣ аст, яъне гумонбар гуноҳи худро рад мекунад, аз додани нишондод саркашӣ мекунад, ё дурӯғ мегӯяд, тактикаи махсуси пурсиш зарур аст. Пеш аз ҳама, муфаттиш бояд маълумоти муфассал дар бораи шахсияти гумонбар ҷамъ кунад, то усулҳои дурусти таъсири равониро интихоб намояд. Бахусус: фаъол сохтани сифатҳои мусбати гумонбар (масалан, агар ӯ бо рафтори дуруст ё хусусиятҳои мусбат тавсиф шавад) ва фаҳмондани оқибатҳои мусбати ҳамкорӣ бо тафтишот барои ошкор ва тафтиши ҷиноят.

Муфаттиш бояд бо гумонбар робитаи психологӣ барқарор намояд. Барои ин ҷалби мутахассисон, ба мисли равоншинос ё забоншинос зарур аст. В.А. Ершов қайд мекунад, ки истифодаи сабти техникӣ (аудио ва видео) дар ҷараёни пурсиш ба мутахассисон имконият медиҳад, ки нишондодҳоро баъдтар дақиқ таҳлил кунанд [160, с. 15].

Ба ғайр аз ин, метавон аз усулҳои муайян кардани ҳақиқат ва дурӯғ истифода бурд [32, с. 45;131, с. 294]:

– саволҳои ногаҳонӣ, ки дар пурсиши аввал дода мешаванд ва гумонбар ҷавобҳои омода надорад;

– гузаронидани пурсиш бо суръати баланд ва истифодаи саволҳои ғайричашмдошт;

– иҷозат додан ба баён кардани нишондодҳои бардурӯғ ва баъдан, бо нишон додани зиддиятҳо, айбдор кардани гумонбар дар дурӯғгӯӣ.

Истифодаи нишондодҳои шарикон яке аз тактикаҳои самараноки пурсиш ба ҳисоб меравад. Ин усул танҳо вақте имконпазир аст, ки дар содиршавии ҷиноят якчанд шахс иштирок дошта бошанд. Муфаттиш метавонад нишондодҳои онҳоро таҳлил кунад, муқоиса намояд ва тафовутҳоро ошкор созад. Гумонбаршудагон дар ҷиноятҳои гурӯҳӣ одатан хеле бодиққатанд, зеро намедонанд, ки муфаттиш аз дигарон чӣ маълумот гирифтааст. Аз ин рӯ, онҳо наметавонанд нишондодҳои худро комилан мувофиқ гардонанд. Ҳатто маслиҳатҳои қаблӣ низ ҳамаи ҷузъиёти воқеаро фаро гирифта наметавонанд. Саволҳои ба тафсилот равонашуда аксар вақт боис мешаванд, ки дурӯғгӯии онҳо ошкор шавад. Муфаттиш метавонад аз ин фарқиятҳо истифода бурда, ҳақиқатро муайян кунад [169, с. 17].

В.И. Брилев таъкид мекунад, ки барои ошкор кардани дурӯғи гумонбаршуда дар амалия истифодаи комбинатсияҳои тактикӣ зарур мебошад. Дар чунин ҳолат муфаттиш бештар усулҳои тактикии пурсишро ба мисли ҳикояи озод, истифодаи ногаҳонӣ, эҷоди фишор, ба вуҷуд овардани ҳисси нопуррагӣ ва усули интизорӣ истифода мебарад [91, с. 6].

Агар гумонбаршуда нишондодҳои бардурӯғ диҳад, муфаттиш бояд ба ӯ далелҳои қавӣ ва раднопазирро нишон диҳад. Аз рӯйи натиҷаҳои пурсишҳои гузаронидаи муфаттишон, чанд усули муассир мавҷуд аст, ки дар амал бештар истифода мешаванд:

а) пешниҳоди протоколҳои пурсиши шоҳидон – 42%;

б) пешниҳоди хулосаҳои коршиносон – 12%;

в) эҷоди таассурот дар бораи огоҳии пурраи муфаттиш – 46%.

Предметҳо (ҳуҷҷатҳо), ки ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва ҳангоми кофтукови манзили гумонбаршуда пайдо шудаанд, аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни гузаронидани пурсиш дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ вазъияти омехта низ ба миён омада метавонад: пурсишшаванда қисман гуноҳи худро дар содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ эътироф мекунад.

Дар ин ҳолат, тактикаи зерин мақсаднок ба назар мерасад:

а) муайян кардан лозим аст, ки гумонбаршуда худро дар чӣ гунаҳгор эътироф мекунад ва дар чӣ гунаҳгор эътироф намекунад ва пас аз он ба ӯ имконият дода шавад, ки дар бораи моҳияти шубҳа нишондод диҳад;

б) ба гумонбаршуда аҳаммияти нишондоди худро барои муайян кардани ҳақиқат аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ фаҳмонида, дар бораи бефоида будани амалҳое, ки ба пинҳон кардани маълумот дар бораи ҳодисаҳои ҷиноят равона шудаанд, шарҳ дода шавад.

Бо ҳамин, метавон гуфт, ки гирифтани маълумоти объективии исботкунанда дар ҷараёни пурсиши гумонбаршуда ҳамчун як амали тафтишии дорои иқтидори бузурги иттилоотӣ аз муфаттиш вобастагии мустақим дорад. Пеш аз ҳама, самаранокӣ аз он муайян мешавад, ки муфаттиш усулҳои тактикиро ҳангоми омодагӣ ва дар ҷараёни пурсиш то чӣ андоза дуруст истифода мебарад.

Ҷараёни пурсиши гумонбаршудагон (айбдоршавандагон) аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бояд бо ёрии воситаҳои техникӣ махсусан навори видеоии афзалиятнок сабт карда шавад. Мавҷудияти чунин навори видеоӣ дар маводи парвандаи дар ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ изҳороти гумонбаршудагонро (айбдоршавандагон) дар бораи таъсири ҷисмонӣ ё равонӣ (масалан, тавассути таҳдидҳо) дар ҷараёни пурсиш рад мекунад.

Илова бар ин, баъдан, таҳти таъсири ҳимоятгарон, гумонбаршудагон (айбдоршавандагон) метавонанд ҳолатҳои содир кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар ҳайати гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ё аз рӯйи ангезаҳои нажодӣ, миллӣ, динӣ, сиёсӣ ё дигар бадбинӣ ва душмании иҷтимоӣ

бо мақсади канорагирӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти вазнинтар рад кунанд. Аз ин рӯ, сабти босифати нишондодҳои чунин шахсон, алалхусус, дар пурсишҳои ибтидоӣ, далели муҳимми номуносибии чунин фарзияҳои тарафи ҳимоя хоҳад буд.

Дар ҳолатҳои додани нишондоди ҳақиқӣ аз ҷониби аъзои итиҳоди ҷиноятии экстремистӣ, муфаттиш бояд иштироки ҳимоятгари ин шахсро дар чунин пурсиш таъмин кунад. Дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои итиҳодияҳои муташаккили ҷиноятӣ, ҳолатҳое кам нестанд, ки аъзои гурӯҳҳои ҷиноятӣ дар суд аз тасдиқи нишондодҳои худ, ки дар пурсиш дар сурати набудани ҳимоятгар дода шудаанд, саркашӣ мекунанд [18, с. 164].

Ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ содир шудаанд, набояд танҳо бо гирифтани нишондодҳои эътирофшуда ва эҳтимолан пурраи гумонбарон (айбдоршавандагон) маҳдуд гардид. Нишондодҳои гирифташуда бояд, аввалан, бо тамоми воситаҳои дар ихтиёри муфаттиш мавҷудбуда санҷида шаванд, то имкони дурӯғ будани эътироф рад гардад. Дуюм, чунин нишондодҳо бояд бо натиҷаҳои дигар амалҳои тафтишӣ тасдиқи худро ёбанд. Ин амалҳо метавонанд бо иштироки гумонбар ё айбдоршаванда гузаронида шаванд, мисли санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса, озмоиши тафтишӣ, кофтуков ва ҳамчунин муқоиса бо нишондодҳои ҷабрдидагон ва шоҳидон.

Санҷиш ва тасдиқи нишондодҳои маълумот ба гумонбаршудагон (айбдоршавандагон) ё якчанд гумонбаршудагон (айбдоршавандагон), ки аъзои гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятии экстремистӣ мебошанд, аз рӯйи категорияи парвандаҳои баррасишаванда, инчунин, метавонад дар шакли як ҳадафи ягонаи амалиёти тактикӣ, ки маҷмуи амалҳои гуногуни тафтишӣ ва дар ҳолати зарурӣ чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар бар мегирад, гузаронида шавад.

Пурсиш дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ на танҳо як ҷараёни мурофиавӣ, балки муборизаи равонӣ низ мебошад, ки дар он муфаттиш дониши психологияро барои ошкор кардани нишондодҳои ҳақиқӣ истифода мебарад. Ин қобилияти шинохтани сигналҳои ғайризабонӣ ва ҳолати психо-эмосионалии шахси пурсишшударо талаб мекунад.

Барои пурсиши самаранок, дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муфаттиш ба малакаҳои истифодаи усулҳои гуногуни тактикӣ, аз ҷумла усулҳои эҷоди эътимод, бартараф кардани муқовимат ва инчунин кор бо ихтилофҳо дар нишондодҳо ниёз дорад. Ин усулҳо бояд бо назардошти хусусиятҳои шахсияти шоҳидон ва ҷабрдидагон ба шартҳои мушаххаси парванда мувофиқат кунанд.

Фарқ кардани намудҳои ҳолатҳо (мунокишавӣ ва ғайримунокишавӣ) ва интихоби дурусти усулҳои тактикӣ вобаста ба вазъ муҳим аст. Вазъияти мунокишавӣ диққати махсусро ба ошкор кардани ангезаи саркашӣ аз ҳақиқат ё додани нишондоди бардурӯғ талаб мекунад.

Пурсиши самаранок бе таҳлили пешакии шахсияти пурсидашуда ва эҷоди тамоси равонӣ бо ӯ ғайриимкон аст. Фаҳмидани ҳолати психо-эмосионалии он ва хусусиятҳои дарки иттилоот имкон медиҳад, ки натиҷаҳои беҳтарин ба даст оварда шавад.

Пурсишҳои ҷабрдидагон ва шоҳидони ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ омодагии махсус ва ба назар гирифтани хусусиятҳои дарки ҳодисаҳои онҳоро талаб мекунанд. Зарурати фаврӣ ва дақиқӣ дар гирифтани нишондод, инчунин, таваҷҷуҳи доимӣ ба ҳолати психо-эмосионалии ҷабрдидагон дар ҳолатҳои стресс муҳим аст.

Пешниҳодҳо оид ба такмили КМҶ ҶТ:

Барои баланд бардоштани самаранокии пурсишҳо, муфаттишон бояд вазифадор карда шаванд, ки курсҳои тайёрии психологӣ ва омӯзиши усулҳои тактикии пурсишро гузаранд, ки қобилияти онҳоро барои шинохтани аломатҳои нишондодҳои бардурӯғ ва манипулятсия беҳтар мекунад.

Дар илми криминалистика тавсияҳои иловагии методӣ барои муфаттишоне, ки бо ҷабрдидагон ва шоҳидон дар парвандаҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ кор мекунанд, аз ҷумла тавсифи муфассали тактика ва усулҳои пурсиш дар ҳолатҳои стресс бояд пешбинӣ карда шаванд.

Бояд минбаъд танзими амалҳои муфаттиш дар ҳолати муноқишавӣ ҳангоми пурсиш бо таваҷҷуҳи махсус ба ҳуқуқҳо ва ҳимояи шоҳидон аз фишори шахсони сеюм муқаррар карда шавад ва инчунин, омилҳои мушаххас барои арзёбии нишондодҳо дар сурати ихтилофи онҳо пешниҳод карда шавад.

Тавсия дода мешавад, ки имконияти истифодаи воситаҳои муосири техникӣ барои сабт ва таҳлили нишондодҳо, ки дар муайян кардани дурустии нишондодҳо кумак мекунад ва ҳамчун воситаи иловагӣ барои ҳалли ҳолатҳои муноқишавӣ хизмат мекунад, дохил карда шавад.

Муқаррар кардани стандартҳо ва принсипҳои мушаххас барои кор бо ҳолати психо-эмосионалии пурсидашудагон дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муҳим аст, ки ба муфаттишон имкон медиҳад, то тамосро самараноктар созанд ва ба нишондодҳои объективӣ ноил шаванд, алалхусус дар ҳолатҳое, ки шахси пурсидашуда зери фишори шадиди эмотсионалӣ қарор дорад.

Ин чораҳо метавонанд, ба баланд бардоштани самаранокии раванди тафтишот, беҳтар кардани сифати далелҳои ҷамъоваришуда ва дар натиҷа, ҳалли одилона ва самараноки парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат кунанд.

Рӯбарӯкунӣ – ин амали тафтишии пешбининамудаи м. 204 КМҶ ҶТ мебошад, ки аз пурсиши навбатӣ дар ҳузури ду шахси қаблан пурсидашуда аз ҳисоби шоҳидони ҷабрдида, гумонбаршуда ва айбдоршаванда иборат аст, ки дар нишондодҳои онҳо зиддиятҳои ҷиддӣ мавҷуданд. Хусусияти махсуси рӯбарӯкунӣ шароити махсуси психологии пурсиш ба ҳисоб меравад.

Пас, муфаттиш кай дар бораи гузаронидани рӯбарӯкунӣ қарор қабул мекунад?

Чунин ба назар мерасад, ки дар лаҳзаи таҳлили маълумоти дар парванда ҷамъоваришуда. С.И. Соболевская чунин иброз медорад, ки «агар муфаттиш тавонад нишондодҳои иштирокчиёни рӯбарӯкуниро объективан арзёбӣ кунад ва муайян кунад, ки кадоме аз онҳо ба воқеият мувофиқат мекунанд, яъне объективӣ ва ҳақиқӣ, пас қарор дар бораи гузаронидани рӯбарӯкунӣ метавонад мусбат бошад» [183].

Дар баробари мақсади умумӣ – муқаррар намудани эътимоднокии нишондодҳо ҳангоми гузаронидани рӯбарӯкунӣ вазифаҳои мушаххаси зерин гузошта мешаванд: ошкор кардани дурӯғ, бартараф кардани хатоҳои гумроҳона, худтуҳматзанӣ, санҷиши далелҳои дар парванда ҷамъоваришуда, ошкор кардани сохтакорӣ.

Масъалаи муҳим будани ихтилофҳо аз ҷониби шахси пешбарандаи тафтишот ҳал карда мешавад. Мухолифатҳо муҳиманд, агар онҳо дар бораи ҳолатҳои исботшаванда ва инчунин, далелҳои барои парванда муҳим ба миён оянд. Аксар вақт, ин гуна зиддиятҳо ҳамчун номувофиқатӣ, ихтилоф дар нишондодҳо аз рӯйи моҳияти ҳолатҳое, ки ба предмети исбот дохил карда шудаанд, муайян карда мешаванд. В.А. Образсов чунин мешуморад, ки ин нишондодҳое мебошанд, ки: «метавонанд бо тавсифи хусусият ва мазмуни ҳодисаҳо, ҳолатҳо ва шароитҳои дар парвандаҳои ҷиноятӣ таҳқиқшаванда, дарк ва арзёбии иттилоот алоқаманд бошанд» [70, с. 159].

Ҳангоми омодагӣ ба гузаронидани амали тафтишӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ҳамеша савол ба миён меояд, ки оё ҳатто дар сурати мавҷуд будани ихтилофоти ҷиддӣ дар нишондодҳои шахсони қаблан пурсидашуда бо сабабҳои тактикӣ бояд рӯбарӯкунӣ гузаронида шавад. Гузаронидани рӯбарӯкунӣ ҳуқуқ аст, на вазифаи муфаттиш. Натиҷаҳои он метавонанд оқибатҳои гуногун дошта бошанд. Имконияти аз ҷониби яке аз иштирокчиёни рӯбарӯкунӣ майл намудани иштирокчии дигар ҷиҳати додани нишондодҳои бардурӯғ ба манфиати худ истисно карда намешавад. Илова бар ин, пеш аз муҳлат шинос

кардани иштирокчиёни рӯбарӯкунӣ бо далелҳои дар ҷараёни тафтишот ҷамъоваришуда метавонад ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад. Дар робита ба ин, муҳим аст, ки ҳангоми ба таври якҷоя истифода намудани нишондодҳои ҳақиқӣ барои ошкор кардани иштирокчии номатлуби амали тафтишии баррасишаванда таъсири манфии як иштирокчӣ ба иштирокчии дигар сари вақт безарар карда шавад.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ тартиби гузаронидани рӯбарӯкуниро ба таври возеҳ танзим мекунад. Қонунӣ будани ин амал танҳо дар ҳолате таъмин мешавад, ки меъёрҳои мурофиавӣ пурра риоя шаванд. Методҳо ва усулҳои тактикии истифодаи рӯбарӯкунӣ дар парвандаҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо таҷрибаи амалии тафтишӣ ва судӣ, ҳамчунин бо дастовардҳои назарияи криминалистика ташаккул ёфтаанд. А.Н. Гусаков, В.Н. Фимошенко дуруст қайд мекунанд, ки қоидаҳои гузаронидани рӯбарӯкунӣ, ки дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, бо усулҳои тактикии криминалистӣ илова карда мешаванд, ки дар натиҷа ба муфаттиш барои бомуваффақият гузаронидани тафтиш аз рӯйи парвандаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ кумак мерасонанд ва аз имкониятҳои ҳар як амали тафтишӣ, ки ба ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳии далелҳо равона шудааст, васеътар истифода намояд [30, с. 79].

Пеш аз оғози гузаронидани рӯбарӯкунӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, муфаттиш бояд аз шахсони пурсидашуда бифаҳмад, ки оё онҳо дар кадом муносибат ҳастанд, пас аз он муфаттиш бояд ҳолатҳоеро муайян кунад, ки ихтилофҳо бояд бартараф карда шаванд ва ба ҳар як шахси пурсидашуда имконият дода шавад, ки нишондоди худро гӯяд.

Баъдан муфаттиш бояд муайян кунад, ки ба кадоме аз шахсони пурсидашуда аввал савол диҳад, то ихтилофот бартараф карда шавад. Одатан мувофиқи мақсад аст, ки аввал савол ба шахсе дода шавад, ки

нишондодҳои ӯ бо далелҳои парванда мувофиқат мекунанд ва муфаттиш ба гуфтаҳои ӯ эътимод дорад. Танҳо баъд мавқеи шахси дуюм санҷида мешавад.

И.Ф. Пантелеев изҳор медорад, ки ҳангоми гузаронидани рӯбарӯкунӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муфаттиш ба шахсони пурсидашуда таъсири психологӣ мерасонад [138, с. 32]. Бо ин мавқеъ розӣ шудан мумкин нест, зеро ҳар як амали тафтишӣ ба иштирокчӣ то андозае аз ҷониби муфаттиш таъсир мерасонад. Маҳз муфаттиш тартиби гузаронидани амали тафтиширо дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муайян мекунад, ҳолатҳои муноқишавиро, ки дар ҷараёни амали тафтишӣ ба вуҷуд омада метавонанд, ҳал мекунад. Илова бар ин, дар гузаронидани рӯбарӯкунӣ, ба ғайр аз муфаттиш, ҳадди ақал ду нафари дигар ҳузур доранд, ки манфиатҳои онҳо бо ҳам мухолифанд.

Олимоне, ки мушкилоти гузаронидан ва ташкили рӯбарӯкуниро ҳамчун яке аз намудҳои амалҳои тафтишӣ меомӯзанд, як қатор камбудиҳоро дар танзими меъёрии чунин амалҳо қайд мекунанд. Масалан, С.А. Шейфер изҳор медорад, ки дар меъёре, ки тартиби ташкили рӯбарӯкуниро ҳамоҳанг мекунад, «мақсади худи амали тафтишӣ нодуруст гузошта шудааст» [80, с. 228].

Ҳангоми гузаронидани рӯбарӯкунӣ қонунгузор усулҳои махсуси ошкор кардани ҳақиқатро ҷудо намекунад. Бо вуҷуди ин, иҷрои чунин амал бояд бо як қатор шартҳо сурат гирад:

– мувофиқат ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ (риояи тартиби муқарраршуда ва манъи истифодаи маҷбурӣ ё таҳдид барои гирифтани нишондод);

– риояи меъёрҳои ахлоқӣ (набояд миёни иштирокчиён низоъ ба вуҷуд оварда шавад ва ё нисбат ба онҳо беэҳтиромӣ ва дағалгӯӣ сурат гирад);

– истифодаи дастовардҳои илмҳои муосир, аз ҷумла криминалистика, психология ва педагогика;

– усулҳои тактикӣ бояд интихобӣ истифода шаванд, яъне танҳо нисбати он пурсидашудагон, ки ба ёд овардани ҳолатҳоро фаромӯш кардаанд ё қасдан маълумоти бардурӯғ медиҳанд [7, с. 143].

Г.П. Зорин қайд мекунад, ки барқарор кардани робитаи психологӣ бо ҷабрдида ё шоҳид одатан мушкил нест. Аммо барои барқарор кардани чунин муносибат бо айбдоршаванда ё гумонбаршуда кӯшиши зиёд лозим мешавад. Ин ҳам на ҳамеша натиҷа медиҳад, зеро дар назари онҳо муфаттиш ва шахси дигар ҳамчун душман қабул мешаванд. Муфаттиш бояд моҳияти рӯбарӯкуниро шарҳ диҳад ва фаҳмонад, ки ин амал барои бартараф кардани ихтилофоти ҷиддӣ дар нишондодҳои шахсони қаблан пурсидашуда зарур аст. Ғайр аз ин, ҷабрдида ё шоҳид бояд огоҳ карда шавад, ки барои саркашӣ аз додани нишондод ё додани нишондоди бардурӯғ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Агар дар ҷараёни рӯбарӯкунӣ низоъ ба миён ояд, муфаттиш бояд онро қатъ кунад ва ин ҳолат дар протокол сабт шавад.

Дар ҷараёни омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ дар бораи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ рӯбарӯкунӣ дар 25% парвандаҳо гузаронида шудаанд. Рӯбарӯкунӣ дар байни чунин шахсон гузаронида шудааст:

– ҷабрдида ва айбдоршаванда (гумонбаршаванда) – 60%;

– шоҳид ва айбдоршаванда (гумонбаршаванда) – 30 %;

– шоҳидон – 10 %.

Дар рафти тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ рӯбарӯкунӣ на ҳамеша ихтилофҳоро бартараф мекунад. Аксар вақт ҳар яке аз шахсони пурсидашуда дар назди нишондодҳои худ боқӣ мемонад. Бинобар ин, муфаттиш протоколи рӯбарӯкуниро танҳо ҳамчун далели тасдиқкунанда истифода мебарад, ки ҷабрдида ё шоҳид қаблан чунин нишондод дода буд. Рӯбарӯкунӣ байни ҷабрдида ва гумонбаршуда барои санҷидани фарзияи мудофиаи зарурӣ ё ҳолати нохуш хеле муфид аст. Аммо ин амал дар айни замон ҳамеша душвор аст. Муфаттиш бояд ҷабрдидаро аз ҳар гуна таъсири манфии шахси дуюм муҳофизат кунад ва иҷозат надиҳад, ки ба ӯ фишор

оварда шавад. Дар ин ҷараён муфаттиш бояд ҷабрдидаро ба додани нишондоди объективӣ, инчунин ба устуворӣ ва қатъият дар тасдиқи ҳақ будани гуфтаҳояш равона созад.

Дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ рӯбарӯкунӣ аксар вақт бо низоъ мегузарад, зеро иштирокчиён манфиатҳои мухталиф доранд. Одатан он шахсоне ба рӯбарӯкунӣ ҷалб карда мешаванд, ки нишондодҳояшон бо ҳам зид аст ва ҳар кадом дар мавқеи худ истодагӣ мекунад. Муфаттиш бояд ҳангоми омодагӣ сабабҳои ин зиддиятҳоро муайян намояд. Дар ҷараёни парванда инчунин бояд хусусиятҳои иродавии иштирокчиён омӯхта шаванд. Пеш аз рӯбарӯкунӣ, бо шахсе суҳбат кардан лозим аст, ки нишондодҳояш барои тафтиш аҳаммияти бештар доранд. Муфаттиш бояд кӯшиш кунад, ки ин шахс дар ҷараёни рӯбарӯкунӣ фаъол бошад ва аз шахси айбдоршаванда наҳаросад [169, с. 19].

Барои он ки рӯбарӯкунӣ дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ самаранок гузарад, муфаттиш бояд нақшаи возеҳ тартиб диҳад. Дар он бояд ин масъалаҳо ҷой дошта бошанд:

– кадом ихтилофҳои ҷиддӣ мавҷуданд;

– моҳияти ин ихтилофҳо;

– кадом далелҳо ва маводҳо пешниҳод мешаванд;

– саволҳое, ки ба шахсони пурсидашуда дода мешаванд.

Хусусияти чунин рӯбарӯкунӣ дар он аст, ки он дар вазъияти муноқишавӣ мегузарад. Ин муноқиша байни шахсоне, ки қаблан пурсида шудаанд, ба миён меояд. Барои бартараф кардан ё кам кардани муноқиша, муфаттиш бояд ҳамеша:

– рафтори иштирокчиён ва шахсони дигарро назорат кунад;

– таъсири як иштирокчӣ ба дигарро қатъ намояд.

Гузашта аз ин, муноқиша метавонад шакли пинҳонӣ низ дошта бошад. Масалан, вақте ки яке аз иштирокчиён метарсад, ки дар ҳузури дигар нишондод диҳад.

Дар робита ба ин, алгоритми зерини амалҳои муфаттиш ҳангоми гузаронидани рӯбарӯкунӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ пешниҳод карда мешавад:

а) пеш аз гузаронидани рӯбарӯкунӣ ба ҷабрдида ё шоҳид таъкид кардан лозим аст, ки нишондоди ӯ барои муайян кардани ҳақиқат ва ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгор хеле муҳим аст;

б) омодагӣ бояд ба тавре сурат гирад, ки миёни иштирокчиён ихтилоф ё низоъ ба миён наояд;

в) ҳангоми гузаронидани рӯбарӯкунӣ иштирокчиён бояд дуртар аз ҳам нишинанд. Ҷабрдида ё шоҳид бояд дар канори муфаттиш ҷой гирад, то худро ором ва бехатар ҳис кунад;

г) муфаттиш вазифадор аст бо ҳамаи иштирокчиёни рӯбарӯкунӣ муносибати равонии дуруст барқарор намояд.

Гузаронидани рӯбарӯкунӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муҳимтарин амалҳои тафтишӣ мебошанд, ки ба муайян кардани ҳақиқат ва ошкор кардани зиддиятҳо дар нишондодҳои иштирокчиён равона карда шудаанд. Рӯбарӯкунӣ, бо шароити махсуси психологӣ ва тактикаи тактикӣ, ба ошкор кардани далелҳои объективӣ ва ошкор кардани дурӯғ мусоидат мекунад ва санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ба санҷиши маълумоти қаблан додашуда, мушаххас кардани ҷузъиёти ҳолатҳои ҷиноят кумак мекунад. Аммо, ҳар яке аз ин амалҳо омодагии бодиққат ва ба назар гирифтани омилҳои эҳтимолии психологиро талаб мекунанд, то аз манипулятсия ва фишор ба иштирокчиён канорагирӣ карда шавад. Ташкили дуруст ва гузаронидани ин амалҳо ба ошкор намудани ҷиноятҳо ва тафтиши самаранок мусоидат мекунад.

Барои баланд бардоштани самаранокии амалҳои тафтишӣ, ба монанди рӯбарӯкунӣ, тавсияҳои муфассали методӣ бояд таҳия карда шаванд, ки ба такмили усулҳои тактикӣ ва истифодаи равишҳои психологӣ-криминалистӣ равона карда шудаанд, ки ин имкон медиҳад, то хатари пайдоиши ҳолатҳои

munoқишавӣ кам карда шавад ва дараҷаи эътимоднокии далелҳои ҷамъоваришуда баланд бардошта шавад.

Таърифи муаллифии рӯбарӯкунӣ ҳамчун амали мустақили мурофиавӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар ин ифода меёбад:

– дар ҳузури якдигар аз ҷониби чанд нафар аз ҷумлаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ қаблан дар бораи як ҳолати парванда пурсидашуда додани нишондод;

– таҳлил ва муқоисаи пайвастаи маълумоти воридшаванда, ки дорои вазифаҳои бартараф кардани ихтилофоти ҷиддӣ мебошад, инчунин ҳалли баъзе вазифаҳои мушаххас (бартараф кардани гумроҳии пурсишшаванда, таҳкими сифатҳои иродавӣ ва мавқеи айбдоршавандае, ки нишондоди дуруст додааст, ошкор кардани нишондоди бардурӯғ) аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ бо риояи ягонагии объект, предмет, ҷой, вақт, ҳуҷҷатгузорӣ, баробарии шароити дарки саволҳои муфаттиш ва нишондодҳои якдигар аз ҷониби пурсидашудагон.

# БОБИ 3. ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ

## 3.1. Ташкили ҳамкории муфаттиш бо воҳидҳои оперативӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ

Ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани мавқеи қавии оперативии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд ФОҶ)-ро амалӣ менамоянд ва ҳамкории зичи онҳо бо воҳидҳои тафтиши пешакӣ самаранок ошкор ва тафтиш кардан мумкин аст. Субъектҳои ФОҶ бояд ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро пайваста ошкор ва безарар гардонанд [182].

Татбиқи амалии ФОҶ дар парвандаҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ мешавад. Онҳо хусусияти ташкиливу мурофиавӣ, техникӣ ва психологӣ доранд. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи мушкилоти тактикаи гузаронидани ФОҶ вобаста ба таркиби ҷиноятҳои мушаххас меравад. Сипас, мушкилоти истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар тафтиши пешакӣ, мушкилоти дарк намудани моҳияти ин натиҷаҳо ва мушкилоти сабти мурофиавии онҳо ба миён меоянд. Хусусан масъалаи ба сифати далел пазируфтани натиҷаҳои ФОҶ аҳаммияти ҷиддӣ дорад. Ба ин ҳама мушкилоти ҳамкории воҳидҳои тафтишӣ, оперативӣ ва экспертӣ низ илова мешавад, ки мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтанаш зарур аст. Илова бар ин, сатҳи нокифояи омодагии ҳайати оперативӣ, ки ба кор оид ба ошкор, пешгирӣ ва тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ҷалб шудаанд, махсусан дар соҳаҳои динӣ, идеологӣ ва сиёсӣ, мушкили ҷудогона мебошад.

Натиҷаҳои омӯзиши мушкилоти амалии ФОҶ дар ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ нишон медиҳанд, ки ба самаранокии онҳо як қатор омилҳо таъсир мерасонанд:

– шаклҳои муборизаи мақомоти давлатӣ алайҳи ташкилотҳои сиёсии экстремистӣ;

– шиддати амалиёти ҷангӣ дар минтақаи фаъолияти корманд;

– тадбирҳои пешгирикунанда ва назоратии мақомоти иҷроия ва маҳаллӣ барои пешгирии ҳамлаҳои террористӣ ё тахрибкорӣ;

– урфу одат, ахлоқ, дину оини аҳолӣ ва вазъи низомӣ дар минтақаи фаъолият;

– ҳолати алоқа ва нақлиёт;

– шароити табиӣ ва иқлимӣ;

– қоидаҳои амниятӣ ва низоми дохилии ташкилотҳои ғайриқонунии мусаллаҳ;

– вазифаҳо ва тактикаи амалҳои ин ташкилотҳо ва нақши иштирокчии таҳқиқшаванда;

– сатҳи маълумоти умумӣ, тавоноии фикрӣ, хусусиятҳои равонӣ ва дараҷаи омодагии махсуси ҳар узви ташкилот.

Аҳаммияти натиҷаҳои ФОҶ пеш аз ҳама дар он аст, ки онҳоро метавон дар тафтиши пешакӣ истифода кард. Вале тартиби табдил додани чунин натиҷаҳо ба далелҳои мурофиавӣ ва истифодаи онҳо дар раванди исбот яке аз мушкилоти асосӣ ба шумор меравад. Ин мушкилот ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ боз ҳам равшантар мешавад. Худи натиҷаҳои ФОҶ мафҳуми сода нестанд – онҳо бисёрҷанба ва номуайян ҳастанд. Дар илми ҳуқуқӣ оид ба ин масъала андешаҳои гуногун вуҷуд доранд ва то ҳол мафҳуми ягона қабул нашудааст.

Профессор А.Ю. Шумилов чунин мешуморад, ки натиҷаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳам маҳсулоти иттилоотӣ ва ҳам моддӣ буда метавонад. Он тибқи қонунгузорӣ дар натиҷаи чорабиниҳои махсуси оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ё дигар амалҳои иштирокчиёни он ба даст оварда мешавад ва барои ҳалли вазифаҳо ва амалӣ кардани ҳадафҳои ин фаъолият равона шудааст [83, с. 224].

Пешниҳоди натиҷаҳои ФОҶ дар асоси қарори роҳбари мақомоти иҷрокунанда сурат мегирад. Ин амал тибқи тартиби дар санадҳои меъёрии

идоравӣ пешбинишуда ва дастурамали тасдиқшуда аз ҷониби роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ анҷом дода мешавад. Натиҷаҳои гирифташуда ба шахсони ваколатдор пешниҳод мегарданд, то онҳо ҳамчун сабаб ва асос барои оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ ё судӣ ва барои истифода дар раванди исботи парванда истифода шаванд. Ин раванд ҳамчунин баррасии масъалаи ошкор шудани сирри давлатӣ, тартиб додани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва интиқоли маводҳоро дар бар мегирад.

Муфаттиш баъди гирифтани натиҷаҳои ФОҶ бояд санҷиши ҳатмӣ гузаронад. Ӯ бояд муайян намояд: оё мақомоти дахлдор ҳуқуқи амалӣ кардани чунин чорабиниро доштанд; оё ФОҶ тибқи қонунгузорӣ пешбинӣ ва гузаронида шудааст; оё мақсадҳои муайянкардаи қонун (ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, моликият, амнияти ҷомеа ва давлат) риоя шудаанд; ва оё ҳамаи шартҳои гузаронидани ФОҶ дуруст иҷро шудаанд.

Баъди гирифтани натиҷаҳои ФОҶ, таҳлил ва арзёбии онҳо анҷом дода мешавад. Дар ин марҳила, аҳаммияти ин натиҷаҳо барои омодагӣ ва иҷрои амалҳои тафтишӣ муайян карда мешавад.

Дар ин марҳила натиҷаҳои ФОҶ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бояд аз рӯйи ду самти асосӣ таҳлил карда шаванд:

1) То кадом андоза ин натиҷаҳо метавонанд асос барои қабули қарорҳои мурофиавӣ ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ гарданд, ё оё зарурати истифодаи танҳо далелҳои мавҷуда дар парванда вуҷуд дорад;

2) Ин натиҷаҳо, новобаста аз он ки барои қабули қарорҳои мурофиавӣ асосанд ё танҳо иттилоот медиҳанд, ба вазъияти умумии тафтиш таъсир мерасонанд.

Арзёбии натиҷаҳои ФОҶ аз ҷониби муфаттиш пеш аз ҳама аз нуқтаи назари қобили қабул будан ва мувофиқати онҳо ба самти баррасишаванда сурат мегирад. Ин раванд ба муфаттиш имкон медиҳад, ки дар вақти

банақшагирӣ ва гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-тактикӣ ҳадафи дурусти тактикӣ интихоб кунад, вазифаҳои зарурииро муайян намояд, онҳоро дар ҳолати зарурӣ ба ҷузъҳо тақсим кунад, пайдарпаии иҷрои онҳоро тартиб диҳад ва пешакӣ имкони ба даст овардани натиҷаро арзёбӣ намояд [179, с. 16].

Сипас, муфаттиш тасмим мегирад, ки натиҷаҳои ФОҶ-ро чӣ гуна истифода барад: барои қабули қарорҳои мурофиавӣ, барои тайёрӣ ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ ё ҳамчун далел дар парвандаи ҷиноятӣ. Пас аз қабул, ин қарор татбиқ мегардад ва муфаттиш бояд назорат кунад, ки дар ҷараёни иҷро хатоҳо рух надиҳанд.

Илми криминалистика ҳамаи хатоҳоро ба се навъ ҷудо мекунад:

1. хатоҳои мурофиавӣ;
2. хатоҳои мантиқӣ ва воқеӣ;
3. хатоҳои амалиётӣ.

Хатоҳои амалиётӣ вақте ба миён меоянд, ки амалҳои эҳтимолии тафтишӣ нодуруст банақшагирӣ шудаанд ё дуруст ташкил карда намешаванд. Дар натиҷа, маълумоте, ки тавассути ФОҶ ба даст омадааст, ҳамчун далели пурра истифода нашуда, танҳо аҳаммияти иттилоотӣ пайдо мекунад.

Аз ин рӯ, барои пешгирии хатоҳои дорои хусусияти амалиётӣ ба ташкили ҳамкории воҳидҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ диққат додан лозим аст [179, с. 18]. Пурсиши анкетавии гузаронидаи мо аз муфаттишоне, ки дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ иштирок доштанд, нишон дод, ки 50% муфаттишон сатҳи ҳамкориро нокифоя меҳисобанд.

Тибқи андешаи Н.П. Яблоков, ҳамкорӣ ин фаъолияти ҳамоҳангшудаи муфаттиш ва мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аст. Он барои ошкор кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва ҳалли вазифаҳои гуногун – аз

ҷумла ҷустуҷӯӣ, пешгирикунанда ва дигар вазифаҳои тафтишӣ равона карда шудааст [12, с. 83-86;164, с. 182].

Вазифаҳои асосии ҳамкории воҳидҳои тафтишотӣ ва оперативӣ дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ чунинанд:

– сари вақт муайян кардани нишонаҳои ҷиноятҳои содиршудаи дорои хусусияти экстремистӣ, ошкор кардани онҳо, инчунин гузаронидани тафтиши ҳамаҷониба ва объективии парванда;

– ҷустуҷӯ ва муайян кардани ҷинояткорони пинҳоншуда, ошкор кардани тамоми паҳлуҳои фаъолияти ҷиноятии шахсоне, ки ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ содир кардаанд, инчунин робитаҳои коррупсионии онҳо;

– муайян кардани шахсони гунаҳгор дар ҳаҷми пурраи кирдори содиршуда, ҷалби онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва муайян намудани андоза ва хусусияти зарари расонидашуда;

– тасдиқи боэътимоди гуноҳи ҳар як айбдоршаванда дар содир кардани ҷинояти мушаххас.

Мисоле, ки аз хулосаи айбдоркунӣ иқтибос шудааст, нишон медиҳад, ки амали ғайриқонунии айбдоршаванда бо далелҳои воқеӣ, аз ҷумла бо натиҷаҳои ФОҶ, собит шудааст. Ҳамин тавр, тафтиши ҳамаҷониба ва объективии парванда таъмин гардидааст.

Ҳамкории муфаттиш ва корманди оперативӣ бештар дар иҷрои супоришҳои муфаттиш зоҳир мешавад, ки онҳо ба ошкор ва ҷустуҷӯи гумонбарон равона шудаанд. Дар оғози тафтиш чунин супоришҳо характери умумӣ доранд, масалан:

– муайян кардани шахсияти гумонбар, агар ӯ ҳуҷҷат надошта бошад;

– ҷамъоварии маълумот дар бораи тарзи зиндагӣ, робитаҳо ва мансубияти ӯ ба гурӯҳҳои экстремистӣ;

– муайян кардани узвияти шахси боздоштшуда дар ташкилоти мушаххаси экстремистӣ, инчунин ошкор кардани сохтор ва дигар аъзои он;

– муайян кардани ҷойи истиқомат ё кор бо мақсади мусодираи силоҳ, маводи тарканда ва сабтҳои тайёрӣ ба ҷиноят;

– ошкор кардани ҷойҳои пинҳонӣ барои нигоҳдории ашёҳои муҳим;

– муайян кардани шумораи шахсоне, ки иттилоот доранд;

– санҷидани иштироки гумонбарон дар ҷиноятҳои шабеҳи дигар;

– муайян кардани ниятҳои онҳо барои муқобилат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тарзи рафтори онҳо дар тафтишот ва суд;

– таъмини ҳифзи ҷабрдидагон ва шоҳидон.

Аммо шакли асосии ҳамкорӣ бештар ҳамчун фаъолияти гурӯҳи оперативӣ-тафтишотӣ зоҳир мегардад. Ба ҳайати чунин гурӯҳ ҳатман муфаттиш, корманди оперативӣ ва мутахассиси криминалист дохил мешаванд [140, с. 254-348;141, с. 340-348].

Дар шароити имрӯз мушкилоти ҳамкорӣ аҳаммияти аввалиндараҷа гирифтааст ва баъзан ба яке аз мушкилоти асосии ташкиливу тактикии тафтишот табдил меёбад. Ин масъала танҳо ба ҳамкории байни идораҳо маҳдуд намешавад. Дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аксаран кормандони ВКД ҶТ, КДАМ ҶТ ва дигар сохторҳо иштирок мекунанд. Бо вуҷуди таҳияи назарияҳои гуногун, дар амалия ҳамкорӣ асосан дар сатҳи муносибати муфаттиш, корманди оперативӣ, мутахассис ва коршинос амалӣ мегардад. Аз он вобаста аст, ки ин шахсон то чӣ андоза бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд, сифати тартиб додани протоколҳои тафтишӣ, самаранокии чорабиниҳои равона ба ошкору таҳқиқи ҷиноят ва ҷамъоварии далелҳои моддӣ муайян карда мешавад.

Чунин ҳолатҳо дар баъзе мавридҳо метавонанд маҷмуи чораҳои мутамарказро, ки бо фармони роҳбарони сохторҳои мақомотҳо қабул мешаванд, иваз кунанд. Ин чораҳо ба мустаҳкам кардани ҳамкории ҷузъу томҳо равона мешаванд, аммо дар вазъияти мураккаби ҷиноятӣ онҳо наметавонанд ягона роҳи ҳалли мушкилот бошанд. Ба назар мерасад, ки танҳо мавқеи ҳамаҷониба, ки ба таҳким ва густариши ҳамкории сохторҳо

нигаронида шудааст, метавонад барои бартараф кардани чунин мушкилот самаранок бошад [44, с. 27].

Барои баланд бардоштани ҳамкории воҳидҳои тафтишӣ, оперативӣ ва экспертӣ зарур аст, ки чораҳо ба роҳ монда шаванд, ки муносибати зичро таъмин созанд, мубодилаи иттилоотро тезтар гардонанд, расмиятчигиро аз байн баранд ва манфиати мақомоти дахлдорро ба ҳамкорӣ бо ҳамдигар афзоиш диҳанд.

Ҳар як ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ беназир аст ва ҳамин хусусият ба гузаронидани ФОҶ низ таъсир мерасонад. Самаранокии ошкор ва тафтиши чунин ҷиноятҳо аз арзёбии дуруст ва ҳаллу фасли вазъияти мушаххаси оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вобаста мебошад.

ФОҶ вобаста ба шароити зерин тағйир меёбад: хусусият ва тарзи рафтори ҷиноятҳои экстремистӣ; имкони истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ ва назоратӣ; ҳаҷми маълумоти оперативӣ дар бораи шахсони таҳқиқшаванда; инчунин дараҷаи огоҳии экстремистон аз коркарди оперативӣ ва қобилияти онҳо барои муқобилат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

Ҳамаи омилҳои зикршуда вазъияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ташкил медиҳанд. Он ҳолати воқеии ФОҶ ва натиҷаҳои интизоршавандаро нишон медиҳад. Тибқи ақидаи Д.В. Ким, муайян кардани вазъияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ин як низоми мураккаби тағйирёбанда ва иттилоотӣ аст, ки дар фаъолияти субъектҳои масъули амалисозии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба вуҷуд меояд. Ин вазъият ба тартиб додани фаъолияти минбаъдаи мазкур таъсир мерасонад ва барои ҳалли вазифаҳои мақомоти оперативӣ бо истифодаи воситаҳо ва усулҳои махсус аҳаммият дорад [116, с. 230].

Ҳолатҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (тактикӣ), ки дар ҷараёни ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба миён меоянд, гуногун ва фарогир мебошанд [108, с. 382-387]. Аммо такроршавии мунтазами омилҳои муайян имкон медиҳад, ки онҳоро ба навъҳо ҷудо намоем. Ба андешаи мо, ҳолатҳои намунавии чунин категорияҳо инҳоянд:

– дастрас шудани маълумоти муҳимми воҳиди оперативӣ дар бораи фаъолиятҳои экстремистӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои сиёсӣ бо роҳи зӯроварӣ омода мешаванд;

– содир шудани ҷиноят бо мақсади тағйири зӯроваронаи сиёсати давлатӣ ё низоми сиёсӣ, аммо аъзои ташкилоти мусаллаҳи ғайриқонунӣ боздошт нашуда ва шахсияти онҳо муайян нагаштааст;

– таҳияи аъзои муайяншудаи ташкилоти мусаллаҳи ғайриқонунӣ ҳангоми содир намудани ҷиноят бо ҳадафи боздошти онҳо;

– боздошти аъзои ташкилоти дорои хусусияти экстремистӣ, ки кирдорҳояшон ба вайрон кардани соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва сохти конститутсионии давлат равона шудааст.

Дар баробари ин, фаъолияти ташкилоти ғайриқонунии мусаллаҳ метавонад бо ҳолатҳои зерин ифода гардад:

– мавҷудияти руҳияи ҷудоихоҳӣ, кӯшишҳо барои беэътибор кардани мақомоти давлатӣ, густариши шиорҳои сиёсӣ ё экстремистии динӣ ва миллӣ;

– маълумот дар бораи омодасозӣ ва банақшагирии амалҳое, ки ба фалаҷ сохтани фаъолияти мақомоти давлатӣ, ғасби зӯроваронаи ҳокимият ё нигоҳ доштани он тавассути амалҳои экстремистӣ равона шудаанд;

– афзоиши ҳолатҳои кушторҳои оммавӣ бо истифодаи силоҳ ё дигар воситаҳо, ҳамлаҳои мусаллаҳона ба кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбиён;

– маълумот дар бораи куштор ва суиқасд нисбат ба намояндагони ҳокимияти давлатӣ ё қонунгузорӣ, инчунин кушторҳои зархаридӣ;

– зиёдшавии далелҳои муомилоти ғайриқонунии силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, маводи тарканда ва истифодаи онҳо дар амалҳои экстремистӣ;

– маълумот дар бораи истифодаи либоси ҳарбӣ, силоҳ ва воситаҳои алоқаи махсус аз ҷониби ҷинояткорон барои вайрон кардани сулҳу субот;

– таркишҳои ҷиноятӣ, ки боиси талафоти ҷонӣ шудаанд.

Ҳангоми гирифтани маълумоти аввалия дар бораи фаъолияти ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, кӯшишҳои воҳидҳои оперативӣ бояд пеш аз

ҳама, ба санҷиши дурустии он ва ҷамъоварии маълумоти иловагӣ равона карда шаванд. Барои ин тамоми қувва ва воситаҳо, инчунин имкониятҳои дигар хадамотҳо ва воҳидҳои ҳамкорӣ истифода мешаванд [20, с. 10-15].

Пас аз гирифтани маълумоти аввалия – новобаста аз он ки он дар ҷараёни ФОҶ тавассути воҳиди оперативӣ ба даст омадааст ё дар амалҳои тафтишӣ аз ҷониби муфаттиш, вазифаи асосӣ муайян кардани маълумоти шахсии ҳамаи иштирокчиёни ташкилоти ғайриқонунии мусаллаҳ мебошад. Барои ин муфаттиш ба мақомоти дахлдор супориши гузаронидани ФОҶ медиҳад. Кормандони оперативӣ бошад, кӯшиш мекунанд, то ҳама маълумоти барои тафтиш муҳимро дар бораи иштирокчиён ҷамъоварӣ карда, натиҷаҳоро ба муфаттиш хабар диҳанд.

Баъдан гузаронидани ФОҶ зарур аст, ки ба ошкор, тасдиқ ва сабти ҳолатҳои зерин равона гардад:

– далелҳои ташкили ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, сохтор ва иерархияи он: фармондеҳон, аъзои қаторӣ ва аъзои ҷузъу томҳои ёрирасон; инчунин амалҳое, ки ба зиёд кардани шумораи аъзо (бо роҳи робитаҳои этникӣ, хешутаборӣ, ҳамватанӣ), нигоҳ доштани интизом ва барқарор кардани робитаҳо бо намояндагони мақомоти давлатӣ, бахусус бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ равона шудаанд;

– каналҳои дастрасӣ ба силоҳи оташфишон, аслиҳа, дастгоҳҳои тарканда ва маводи тарканда;

– далелҳои таҳияи нақшаи содир кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ: гирифтан ва мувофиқа кардани фармоишҳо, интихоби объектҳо барои ҳамла ё нобудсозӣ, гузаронидани иктишоф, омӯзиши қувваҳои ҳифз, ҷустуҷӯ ва омода кардани воситаҳои содир кардани ҷиноят, бартараф кардани монеаҳо ва таъмини тарки ҷойи ҳодиса.

Кормандони оперативӣ бояд нисбати аъзоёни ҷиноятҳои экстремистӣ, ки қасд доранд силоҳи оташфишон дастрас намоянд, санҷиши фаъол гузаронанд. Санҷиш бояд чунин шахсонро дар бар гирад:

– аъзои созмонҳои гуногуни экстремистӣ, ки барои расидан ба мақсадҳои худ силоҳи оташфишонро истифода кардан мехоҳанд;

– шаҳрвандоне, ки дар корхонаҳо ё шароити истеҳсолӣ силоҳи оташфишон ё қисмҳои онро истеҳсол мекунанд;

– шахсоне, ки узви гурӯҳҳои ҷиноятӣ мебошанд ва фаъолияти ҷиноятиро дар шакли тиҷорат ё касби ҷиноятӣ пеш мебаранд;

– шаҳрвандоне, ки нисбат ба онҳо далелҳо мавҷуданд дар бораи нияти содир кардани ҷиноят ё ҷинояти омодашуда ё содиршуда, ки дар он истифодаи силоҳи оташфишон пешбинӣ шудааст.

Мусаллаҳнокии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ асосан чунин муайян ва сабт карда мешавад: бо пурсиши аъзои ташкилот дар бораи силоҳ, роҳҳои харид, нигоҳдорӣ ва интиқол; бо муайян кардани ҳолатҳои истифодаи он дар ҳамлаҳо; бо ҷамъоварии маълумот дар бораи тирпарронӣ, санҷиш ва омӯзиши тирпарронӣ; бо ошкор кардани силоҳ дар даст аъзои ташкилот ё бо ёфтани як навъи силоҳ дар аъзои гуногун.

Дар айни замон бояд чораҳое андешида шаванд, ки ба аз байн бурдани сохтори дохилӣ ва манбаъҳои маблағгузории ташкилот равонаанд. Амалияи тафтишӣ нишон медиҳад, ки бе ташкили қавӣ ва дастгирии молиявӣ чунин гурӯҳҳо қобилияти фаъолиятро аз даст медиҳанд. Бо ин мақсад чораҳои зерин лозиманд:

– боздошти роҳбарон ва муовинони онҳо;

– безараргардонии фармоишгарон ва шахсоне, ки амнияти гурӯҳро таъмин мекунанд, махсусан дар сохторҳои давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

– барангехтани ихтилоф байни аъзо барои коҳиш додани иқтидори гурӯҳ;

– бастани дастрасӣ ба маблағ ва захираҳо, аз ҷумла каналҳои таъминоти силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, маводи мухаддир ва маҳсулоти зарурӣ;

– қатъи фаъолияти қонунии сохторҳое, ки гурӯҳро дастгирӣ мекунанд;

– аз байн бурдани робитаҳои коррупсионӣ ва роҳҳои фишор ба мақомоти давлатӣ [54, с. 63-78].

Марҳилаи охирини таҳияи ташкилоти ғайриқонунии экстремистӣ бо қонунигардонии маълумоти воқеӣ алоқаманд аст, яъне натиҷаҳои ФОҶ, ки дар ҷараёни чорабиниҳои оперативӣ ба даст омадаанд. Дар ин марҳила, ФОҶ бояд ба ҳалли чунин вазифаҳо равона шаванд:

– боздошти ногаҳонии аъзоёни ошкоршудаи ташкилот, бо истифодаи дурусти тактикаи татбиқи маълумоти мавҷуда, то пешгирӣ аз содиршавии амалҳои навбатии экстремистӣ;

– назорати оперативии шахсони боздоштшуда бо мақсади пешгирии муқовимат ба тафтишот, инчунин саркашӣ аз тафтишот ва суд;

– идома додани ошкор ва таҳияи дигар аъзоёни ташкилот;

– роҳ надодан ба фош шудани манбаъҳои иттилоот [20, с. 10-15].

Пас аз он ки аъзоёни ташкилоти экстремистӣ боздошт мешаванд, вазифаи корманди оперативӣ мусоидат ба муфаттиш мебошад. Ӯ бояд бо амалиётҳои худ шароит фароҳам орад, ки амалҳои тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ тибқи талаботи КМҶ ҶТ дуруст иҷро шаванд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар тафтиши пешакӣ ҳангоми ошкор ва таҳқиқи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ масъалаи калидӣ боқӣ мемонад. Дар таҷриба муфаттишон аксар вақт маҷбур мешаванд, ки нишондоди кормандони оперативиро ҳамчун далел истифода баранд.

Барои ҳаллу фасли пурраи масъала, маҷмуи чораҳо зарур аст: таҳияи қонунгузории муосир, ки истифодаи натиҷаҳои ФОҶ-ро дар тафтиши пешакӣ танзим мекунад; ташкили механизмҳои самараноки ҳамкорӣ ва вокуниши фаврӣ аз тарафи хадамот ва сохторҳои гуногун ҳангоми ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ; таҳияи методи махсуси криминалистӣ барои тафтиши чунин ҷиноятҳо ва тайёр кардани дастурамалҳо оид ба гузаронидани ФОҶ ва қонунигардонии натиҷаҳои он.

Дар навбати худ, проблемаи ҳамкорӣ имрӯз ба мадди аввал гузошта шуда, масъалаи муҳимми ташкилию тактикии ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро ба миён меорад.

## 3.2. Хусусиятҳои хоси истифодаи донишҳои махсус ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ

Ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ҳамчун объектҳои таҳқиқоти криминалистӣ на танҳо аз нуқтаи назари гуногунии онҳо бо мавҷудияти ҳадафҳо ва ангезаҳои умумии таҷовуз ва ҳамзамон гуногунии механизми содир кардани онҳо ба назар мерасанд. Хусусияти хоси ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аз рӯйи фаъолият оид ба ошкор ва тафтиши онҳо муайян намудан мумкин аст. Дар ин ҷо сухан дар бораи тартиб ва шартҳое меравад, ки қонунгузор барои тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муайян кардааст. Ин ҳамчунин ба имконияти истифодаи воситаҳо ва усулҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва хусусиятҳои ташкили тафтиши чунин ҷиноятҳо дахл дорад. Омӯзиши таҷрибаи судӣ нишон дод, ки ҳангоми исботи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ (экстремизм) ҳамеша шумораи зиёди экспертизаҳои судӣ, аз ҷумла экспертизаи судӣ-тиббӣ, трасологӣ, баллистикӣ, дактилоскопикӣ, судӣ-техникии ҳуҷҷатҳо ва ғайра гузаронида мешаванд. Чунин ба назар мерасад, ки экспертизаҳои номбаршударо дар мавриди объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ умумӣ эътироф кардан мумкин аст, зеро онҳо ҳангоми исботи ҳамаи ҷиноятҳо гузаронида мешаванд. Интихоби намуди мувофиқи экспертиза ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аз рӯйи объектҳое, ки бояд таҳқиқ карда шаванд ва масъалаҳое, ки ҳангоми санҷиши фарзияҳои тафтишӣ бояд тафтиш карда шаванд, сурат гирад. Муқаррароти консептуалии институти донишҳои махсус дар мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин масъалаҳои татбиқи он дар раванди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ҳамаҷониба баррасӣ карда шудаанд [180, с. 51; 172, с. 356;151, с. 36-39; 132, с. 59-61; 144, с. 89-93].

Дар фаъолияти марбут ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, яке аз самтҳои калидии таъмини иттилоот истифодаи донишҳои махсус мебошад. Ин донишҳо, аз ҷумла техникаи криминалистӣ ва усулҳои гуногун, барои муайян кардани осори ҷиноят ва шахсоне, ки дар содир кардани он иштирок доштанд, заруранд. Мутахассисон ва олимони соҳаи криминалистика бар онанд, ки истифодаи донишҳои фаннӣ, технологияҳои иттилоотӣ, психология, забоншиносӣ ва диншиносӣ барои таҳқиқи босамари чунин ҷиноятҳо аҳаммияти муҳим дорад. Аҳаммияти муроҷиат ба донишҳои махсусро барои тафтиши самараноки ҷиноятҳои марбут ба паҳншавии маводҳои дорои хусусияти экстремистӣ таъкид намуда, муҳаққиқон ин талаботро на тасодуфан аксиоматикӣ меноманд [150, с. 252-258].

Ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ истифодаи донишҳои махсус зарур мебошад. Ин зарурат пеш аз ҳама дар ҳолатҳои зерин ба миён меояд:

– муайян кардани ангезаҳо ва эҳсосоти экстремистӣ дар рафтори субъектҳои ҷиноят;

– муайян кардани ин ё он ашё ва воситаи ҷиноят ҳамчун маводи дорои хусусияти экстремистӣ;

– муайян кардани шахс, ашё ё объект ҳамчун бо ҳодисаи ҷиноят алоқаманд ва дорои аҳаммияти исботӣ барои парванда.

Таҳлили маводҳои эмпирикӣ нишон медиҳад, ки дар баъзе ҳолатҳо муфаттишон зарур мешуморанд, ки экспертизаи судӣ-психиатриро таъин намуда, дар назди коршиносон саволҳо дар бораи мукаллафии шахс, қобилияти дарк кардани хусусияти воқеӣ ва зиддиҳуқуқии ҳаракатҳои худ ва идора намудани онҳо ва ҷавобгарии пурра ба дӯш гирифтани онҳоро мегузоранд. Дар аксари ҳолатҳо, коршиносон ба хулосаи қонунӣ дар бораи мукаллафии айбдоршавандагон меоянд, ки ин имкон медиҳад, то онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд.

Мутаассифона, соҳаи психологияи судӣ, ки хусусиятҳои шахсияти солимро (дар шакли таъин кардани экспертизаи судӣ-психологӣ ё психологӣ-психиатрӣ [94, с. 168-172]) таҳқиқ мекунад, ки бо вуҷуди ин, ба интихоби шахс аз ин ё он хатти рафтор таъсир расондааст, дар ин ҳолат кам истифода мешавад. Ин на танҳо аз нопурра муайян кардани хусусиятҳои шахсияти айбдоршаванда, балки аз он шаҳодат медиҳад, ки принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятиро бо роҳи таъмини маҳкумшуда бо ҷазо барои ҷинояти содиршуда татбиқ намуда, мурофиаи ҷиноятӣ бештар чораҳои барқарорсозӣ (реабилитатсионӣ)-ро амалӣ мекунад.

Камбудиҳо дар истифодаи донишҳои махсус ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо якчанд омилҳо муайян карда мешаванд:

– якум, сатҳи пасти дониши махсуси кормандони оперативӣ ва муфаттишон (таҳқиқбарандагон) маълум аст, ки дар он аввалинҳо на ҳамеша қодиранд ҷиноятҳоро сари вақт ошкор кунанд ва дуюм, далелҳои заруриро дар парвандаи ҷиноятӣ ҷамъоварӣ кунанд;

– дуюм, шакл ва фаъолияти ҳамкории субъектҳои тафтишот бо мутахассисон ва коршиносон ба тасаввуроти муосири илмӣ ва имкониятҳои воқеӣ ҷавобгӯ нест;

– сеюм, мутахассисон ва коршиносон на ҳамеша ба ташаккул ва пешниҳоди низоми далелҳо барои қабули қарорҳои қонунӣ ва асосноки мурофиавӣ нигаронида шудааст.

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти ба мо дастрас ва қонунгузории амалкунанда мо мехостем, номгӯи шаклҳои истифодаи донишҳои махсусро ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ каму беш мукаммал шуморем:

1) бевосита аз ҷониби корманди оперативии ваколатдор дар рафти ҳуҷҷатгузории механизми содир намудани ҷиноят;

2) бевосита аз ҷониби таҳқиқбаранда (шахсе, ки таҳқиқро анҷом медиҳад);

3) бевосита аз ҷониби муфаттиш;

4) бевосита аз ҷониби суд;

5) бо роҳи гирифтани маълумотномаҳои хаттии мутахассисон;

6) тавассути машварати шифоҳӣ аз ҷониби мутахассисон;

6) бо роҳи ҷалби мутахассисон барои иштирок дар чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

7) бо роҳи ҷалби мутахассисон барои иштирок дар амалҳои тафтишӣ;

8) бо роҳи ревизия;

9) тавассути инвентаризатсия;

10) бо роҳи санҷиши ҳуҷҷатӣ;

11) бо роҳи таъин намудани таҳқиқот ва гирифтани хулосаи мутахассис;

12) бо роҳи пурсиши мутахассис;

13) бо роҳи гузаронидани экспертиза;

14) бо роҳи пурсиши коршинос.

Аммо, вазифаи криминалистика на танҳо ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо, балки пешгирии онҳо низ мебошад, ки тавассути муайян кардани мавҷудияти ҳолати харобиовари табиати ғайрипатологӣ ва татбиқи чораҳои дуруст ва амалкунанда оид ба барқарорсозии психологӣ имконпазир аст. Тавре ки мо дар рисолаи мазкур нишон додем, ташаккули эътиқоди экстремистӣ на худсарона (танҳо бо хоҳиши худи субъект), балки дар сурати дар ӯ мавҷуд будани маҷмуи муайяни сифатҳои инфиродӣ-психологӣ, ки инкишофи онҳо дар зери таъсири ҳолатҳои психотравматикӣ номувофиқ сурат мегирад, амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, ҷазо додани субъектҳои ҷиноятҳои марбут ба таблиғи экстремизм набояд ҳадафи худ бошад. Ҷазои одилона таъиншударо (аз нуқтаи назари зарари воқеӣ ва оқибатҳои дар натиҷаи ҷиноят ба амал омада, инчунин шахсияти айбдоршаванда) бо татбиқи тадбирҳои самарабахши тавонбахшии психологӣ (аз ҷумла, ба назар

гирифтани андешаи тахассусии равоншинос, ки ихтисоси ӯ ба таҳқиқи шахсияти субъектҳои ин кирдорҳо равона гардидааст) омехта намудан мувофиқи мақсад аст.

Ҳамин тавр, воситаи самараноки омӯзиши шахсияти айбдоршаванда, дар ӯ мавҷуд будани сифатҳое, ки ба содир кардани ҷинояти мушаххас таъсир расонидаанд, интихоби тарзҳои хоси кирдор, инчунин инъикоси он дар шакли тасвири муайяни пайгирӣ, экспертизаи судӣ-психологӣ оид ба муайян кардани хосиятҳои инфиродӣ-психологии шахсият мебошад.

Дар доираи психологияи судӣ таҳқиқоти экспертӣ яке аз воситаҳои муҳимми тактикӣ-криминалистӣ мебошанд. Вазифаи онҳо муайян кардани ангезаи кирдорҳо мебошад. Аз ҷумла, бояд равшан шавад, ки оё ҳангоми амалиёт ангезаҳои экстремистӣ вуҷуд доштанд ё не, ҳатто агар ин амал ба ташвиқи фаъолиятҳои экстремистӣ монандӣ дошта бошад.

Ин навъи таҳқиқот имкон медиҳад, ки иерархияи ангезаҳо муайян карда шавад: ангезаҳои устуворе, ки ба хусусияти шахс табдил ёфтаанд, ва ангезаҳои вазъиятие, ки дар ҳолатҳои муайян ба вуҷуд меоянд. Ҳамчунин сабабҳо ва марҳилаҳои ташаккули ангезаи экстремистӣ ва хусусиятҳои он муайян карда мешаванд. Муайян кардани чунин иерархия ҳатман бо дарназардошти хусусиятҳои равонӣ ва инфиродии шахси таҳқиқшаванда анҷом дода мешавад.

Экспертизаҳои лингвистикӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дорои иқтидори баланд мебошанд, ки онҳо имкон медиҳанд, то дар маводи таҳқиқотӣ, ки дорои сохторҳои шифоҳӣ (гуфтаҳои шифоҳӣ, иборaҳо, сабтҳои матнӣ ва ғайра) мебошанд, тафсири экстремизм ва фаъолияти экстремистӣ ошкор карда шуда, изҳороти самти ксенофобӣ муайян карда шуда, тафсир ва таҳлили онҳо аз нуқтаи назари забоншиносӣ амалӣ карда шавад.

Адабиёти илмӣ як қатор коркардҳоро дар бар мегирад, ки ба масъалаҳои ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятии марбут ба экстремизми шифоҳӣ

(ташвиқ ё тарғиб) аз коршиноси забоншинос талаб карда мешаванд. Аммо мураккабии ин мавзуъ боиси он гардидааст, ки миёни муҳаққиқони экспертизаи судӣ-лингвистикӣ ягонагии назар мушоҳида намешавад [57, с. 138-139; 19, с. 160; 102, с. 418; 103, с. 15].

Таҳлили мавқеъҳои гуногуни муҳаққиқонро амалӣ намуда, М.Л. Подкатилина ва Е.И. Галяшина ба хулосае омаданд, ки дар мавриди кирдорҳои таҳлилкардаи мо, сарфи назар аз шабоҳати таркиби онҳо аз ҷиҳати маъно, дар сохторҳои забонии онҳо фарқиятҳои назаррас ба назар мерасанд. Ин муаллифонро водор намуд, ки номгӯи масъалаҳои ба коршиноси забоншинос пешниҳодшударо ҳангоми гузаронидани экспертизаи судӣ дар доираи тафтиши ҳар як кирдори марбут ба таблиғи экстремизм (муаллифони зикршуда навъи ҷиноятҳои экстремистиро, ки мо баррасӣ мекунем, «экстремизми лафзӣ», «экстремизми шифоҳӣ» меноманд) фарқ кунанд. Дар ин порча таҳқиқоти М.Л. Подкатилина ва Е.И. Галяшина, ки фарқиятҳоро дар сохторҳои забоншиносии дар санадҳои қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти экстремистӣ истифодашаванда меомӯзанд, баррасӣ карда мешавад. Онҳо қайд мекунанд, ки сарфи назар аз самти умумии ин меъёрҳо, фарқиятҳои муҳимми забонӣ дар ибораҳо, аз ҷумла дар истифодаи истилоҳи «фаъолияти экстремистӣ» мавҷуданд, ки муаллифонро водор кард, ки дар таҳияи масъалаҳои экспертизаи лингвистикии судӣ муносибати фарқкунанда дошта бошанд. Ин мавқеъ ба дақиқ муайян кардани ҷанбаҳои марбут ба таблиғи экстремизм равона шудааст, ки метавонад ба экстремизми ба истилоҳ «лафзӣ» ё «шифоҳӣ» дахл дошта бошад.

Ҷолиби диққат аст, ки Л. Подкатилина ва Е.И. Галяшина, истилоҳи «экстремизми лафзӣ» ё «экстремизми шифоҳӣ»-ро истифода бурда, ба он диққат медиҳанд, ки чӣ гуна маҳз ҷузъи забонӣ ҳангоми муайян кардани он ки оё ифодаи мушаххас экстремистӣ аст, муҳим аст. Ин зарурати таҳлили амиқи сохторҳои шифоҳиро дар заминаи экспертизаи судӣ таъкид мекунад,

ки барои бандубасти ҳуқуқии кирдорҳо ва оқибатҳои онҳо дар доираи мубориза бо экстремизм аҳаммият дорад.

Ҳамин тариқ, кори муаллифон ба фаҳмиши дақиқи нақши забон дар амалияи судии марбут ба фаъолияти экстремистӣ нигаронида шуда, метавонад барои таҳияи методҳои самараноки экспертизаи лингвистикӣ дар ин парвандаҳо муфид бошад.

Дар мавриди экспертизаи судӣ-лингвистикӣ, ки дар доираи тафтиши м. 307/1;307/;307/3 ва 307/4 КҶ ҶТ гузаронида мешавад, номгӯи зерини масъалаҳо пешниҳод карда шудааст:

– оё дар матни пешниҳодшуда суханони дорои даъвати экстремистӣ мавҷуданд; агар мавҷуд бошанд, пас онҳо муроҷиаткунандаро ба чӣ водор мекунанд;

– оё дар матни пешниҳодшуда ангезаи содир намудани ҳаракатҳо дар модаҳои 307/1;307/;307/3 ва307/4 КҶ ҶТ мавҷуд аст;

– оё дар матни пешниҳодшуда изҳороте мавҷуд аст, ки содир кардани ягон ҳаракати экстремистиро асоснок мекунад: агар мавҷуд бошад, пас кадом;

– оё дар матни пешниҳодшуда изҳороте бо даъватҳо барои маҳдуд кардани ҳуқуқ, озодиҳо ё манфиатҳои касе мавҷуд аст; агар мавҷуд бошад, пас бо кадом асосҳо ин маҳдудиятҳо пешниҳод карда мешаванд;

– оё дар матни пешниҳодшуда изҳорот бо даъватҳо барои додани имтиёзҳо, бартариятҳо ба шахсони муайян ё гурӯҳҳои шахсон мавҷуд аст; агар мавҷуд бошад, пас ин шахсон бо кадом омил муттаҳид карда мешаванд [139, с. 204-213].

Дар мавриди экспертизаи судӣ-лингвистикӣ, ки дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ таъин карда мешавад, муҳаққиқони дар боло номбаршуда номгӯи зерини саволҳоро барои иҷозати коршинос пешниҳод мекунанд:

– оё дар матни пешниҳодшуда изҳороте мавҷуд аст, ки нисбат ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ арзёбиҳои манфӣ доранд; агар мавҷуд бошанд, пас кадомаш;

– оё дар матни пешниҳодшуда изҳороти хусусияти душманӣ, бадбинӣ ё таҳқиромез нисбат ба шахсони гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ мавҷуд аст; агар мавҷуд бошанд, нисбат ба кадом гурӯҳи мушаххас;

– оё дар матни пешниҳодшуда изҳороте мавҷуданд, ки баҳои шадиди манфӣ доранд ё муносибати бад ва душманона ба гурӯҳи муайяни иҷтимоиро ифода мекунанд, агар мавҷуд бошанд, пас ба кадом гурӯҳ;

– оё дар матни пешниҳодшуда изҳороте мавҷуд аст, ки таблиғи пастии одамон аз рӯйи мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ мебошад;

– оё дар матни пешниҳодшуда дар бораи бартарии табиии гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ сухан меравад;

– оё дар ин матн дар бораи нокомии гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ изҳорот мавҷуд аст; агар мавҷуд бошад, пас аз рӯйи кадом омил;

– оё дар матни пешниҳодшуда изҳорот дар бораи ба зимма гирифтани ҷавобгарӣ барои кирдорҳои намояндагони алоҳидаи ягон гурӯҳи иҷтимоӣ мавҷуд аст;

– оё дар матни пешниҳодшуда изҳорот дар бораи антагонизм, номувофиқатии принсипии манфиатҳои ду ва ё зиеда гурӯҳҳои иҷтимоӣ мавҷуданд;

– оё дар матни пешниҳодшуда изҳороте мавҷуд аст, ки дар он офатҳо, нооромиҳо дар гузашта, ҳозира ва ояндаи як гурӯҳи иҷтимоӣ бо мавҷудият ва фаъолияти бошуури гурӯҳи дигари иҷтимоӣ шарҳ дода мешаванд;

– оё дар матни пешниҳодшуда ибораҳое мавҷуданд, ки баҳои мусбат, ҳавасмандгардонии генотсид, депортатсия, репрессияҳоро ифода мекунанд; агар мавҷуд бошанд, пас онҳо нисбати кӣ равона карда шудаанд;

– оё дар ин матнҳо ибораҳое мавҷуданд, ки баҳои манфии таҳқиромези инсонро ҳамчун намояндаи гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ифода мекунанд; агар мавҷуд бошад, пас кадоме аз онҳо [139, с. 213].

Дар маҷмуъ, номгӯи саволҳои намунавӣ, ки аз ҷониби коршинос-лингвистик ҳал карда мешаванд, моро ба ҳайрат гузошт.

Ҳангоми таҳияи масъалаҳои мушаххаси таъин кардани экспертизаҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, масъалаҳои дорои хусусияти ҳаволакунандаро мақсаднок шуморидан на он қадар дуруст аст. Инчунин, муҳаққиқон асосан ҳамчун маводи таҳқиқотӣ «матн»-ро зикр мекунанд. Чунин ба назар мерасад, ки мафҳуми «маводи барои таҳқиқот пешниҳодшуда» (аз ҷумла лингвистикӣ) аз мафҳуми «матн» каме васеътар аст, зеро он метавонад вариантҳои гуногуни такрори маълумоти шифоҳиро дар бар гирад. Дар ҳақиқат, масъалаҳои ҳаволакунанда, ки ба муқаррароти санадҳои меъёрии мушаххас ишора мекунанд, метавонанд дар заминаи парвандаҳои воқеии ҷиноятӣ чандон самаранок набошанд. Масъалаҳое, ки бевосита ба таҳлили ифодаҳо ва мазмуни онҳо дахл доранд, бояд мушаххастар бошанд ва на ба ҳавола намудан ба қонун, балки ба муайян кардани хусусиятҳои забонӣ равона карда шаванд. Ин барои таҳлили коршиносӣ арзиши бузурги амалӣ фароҳам меорад, зеро меъёрҳои қонунгузорӣ метавонанд дар матнҳои гуногун тафсир карда шаванд.

Ғайр аз он, қайд кардан дуруст аст, ки маҳдуд кардани мафҳуми «матн» воқеан метавонад таҳқиқотро маҳдуд кунад. Таҳлили лингвистикӣ на танҳо бо матн дар маънои анъанавии он маҳдуд аст ва шаклҳои гуногуни иттилооти шифоҳӣ, аз қабили сабтҳои аудиоӣ, видеоӣ, суханони шифоҳӣ, ҳатто имову ишораҳо ё хусусиятҳои интонасионӣ метавонанд ба бандубасти ин ё он кирдор ҳамчун экстремистӣ таъсири назаррас расонанд. Аз ин рӯ, истифодаи мафҳуми васеътари «маводи барои таҳқиқот пешниҳодшуда» имкон медиҳад, ки дар экспертизаи судӣ муносибат қавитар карда шуда,

ҳамаи шаклҳои имконпазири коммуникатсия, ки метавонанд экстремистӣ эътироф карда шаванд, фаро гирифта шаванд.

Ин мавқеъ метавонад дақиқӣ ва ҳамаҷониба будани экспертизаи лингвистикиро бо назардошти роҳҳои гуногуни ифода ва интиқоли иттилоот афзоиш диҳад.

Азбаски аҳаммияти таҳқиқи матнҳо аксар вақт бо мазмуни маънии онҳо тамом намешавад, зарурати муайян кардани муаллифи он ба миён омада, талабот барои дониш дар соҳаи муаллифии судӣ ташаккул меёбад [136, с. 574; 145, с. 176-183].

Матнҳои дорои мазмуни экстремистӣ, ки дар шакли варақаҳо, буклетҳо, плакатҳо паҳн карда шуда, инчунин, дар шабакаҳои иҷтимоӣ, дар шабакаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии Интернет, дар блогҳо ҷойгир карда мешаванд, метавонанд бе ягон кӯшиши зиёд дар байни доираи васеи шахсон чоп карда шаванд, нусхабардорӣ карда шаванд ва минбаъд паҳн карда шаванд. Мансубияти муаллифии маводи дахлдор аксар вақт аз ҷониби айбдоршавандагони пурсидашуда пинҳон карда мешавад (рад карда мешавад), ки онро тасодуфан дар шабакаи ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Ба ибораи дигар, ҳангоми тафтиши парвандаҳои ҷиноятии марбут ба таблиғи экстремизм, яке аз ҳолатҳои маъмулии миёнаравӣ зарурати муайян кардани он аст, ки оё шахсе, ки маводи дорои мазмуни экстремистиро нашр кардааст ё ба таври дигар онро барои мақсадҳои таблиғотӣ истифода мебарад, муаллифи ин мавод мебошад. Илова бар ин, муаллиф метавонад маводҳои худро бо номи пинҳонӣ нашр ё паҳн кунад. Вазъияти баръакс низ вуҷуд дорад, вақте ки муаллифи ҳақиқӣ маводи матнӣ бо тақлиди нутқи хаттии шахсони мушаххасро эҷод мекунад (ё танҳо кӯшиш мекунад, ки хусусиятҳои нутқи хаттии худро пинҳон кунад), ки мехоҳад раванди ошкоршавиро бо роҳи дурӯғ равона кунад.

Аз ин рӯ, муайян кардани манбаи ҳақиқии эҷоди маводи шифоҳӣ муҳим аст. Имкониятҳои муаллифишиносии судӣ имкон медиҳанд, ки матнҳоро

новобаста аз намуд ва шакли дорандаи маълумоти матнӣ таҳқиқ кунанд: новобаста аз он ки ин варақаи алоҳида (буклет, плакат), чопи мақола, маводи матнӣ, ки дар саҳифаҳои корбарони сайтҳои иҷтимоӣ мавҷуд аст, навиштани блог (пост ва ё шарҳи он), мукотибаи СМС (масалан, хусусияти фаъол ва фаъолияти ташвиқотии шахс, даъват ба ҳаракатҳои зӯроварӣ нисбати намояндагони гурӯҳи дахлдори иҷтимоӣ) ва ғайра.

Экспертизаи судӣ-муаллифшиносӣ барои ҳалли вазифаҳои ташхисӣ ва муайянкунӣ пешбинӣ шудааст [110, с. 394-404]. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар айни замон, ин экспертиза масъалаҳои ташхисӣ (на муайянкунанда)-ро дар бораи хусусиятҳои хоси муаллифи матн (мансубияти гендерӣ, синну соли тахминӣ, доштани дониш дар соҳаи муайян ва ғайра) [130, с. 111-115], инчунин мутобиқат ё фарқияти муаллиф ва иҷрокунандаи матн, далели тақлид кардани нутқ нисбат ба шахсони ҷинси муқобил (инчунин тақлид кардани сифатҳо ва хусусиятҳои дигари муаллиф) ва ғайраро ҳал мекунад. Истифодаи чунин маълумот барои исботи ҳолатҳои таблиғи экстремизм муҳим аст, зеро онҳо метавонанд дар таҳияи амалҳои минбаъдаи тафтишӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ татбиқ шаванд.

Аз нуқтаи назари ташхиси муаллифшиносии судӣ, омилҳои калидӣ инҳоянд:

– муайян кардани хусусиятҳои иҷтимоӣ ва биографии муаллиф: ҷинс, синну сол, забони модарӣ, сатҳи таҳсилот, касб ва ҷойи истиқомат;

– муайян кардани нишонаҳои зериниқобӣ дар нутқи хаттии пешниҳодшуда.

Бо назардошти он ки маводи экстремистӣ бештар дар Интернет, махсусан дар блогҳо паҳн карда мешавад, талаботи зерин бояд риоя шаванд:

– ҳаҷми матн на камтар аз 100 калима бошад;

– маводи матнӣ пурра пешниҳод шавад (пост ё шарҳ);

– матн бояд изҳороти мустақил бошад ва таҳрир ё ислоҳ нашуда бошад [109, с. 103].

Масъалаҳои идентификатсионӣ дар доираи экспертизаҳои муаллифии судӣ камтар ҳал мегарданд. Сабаби асосӣ ин аст, ки гирифтани намунаҳои мувофиқ барои таҳқиқоти муқоисавӣ душвор аст ва саволҳо низ на ҳамеша дуруст баён мешаванд. Аз ин рӯ, ба ин ҷанба муфассалтар таваҷҷуҳ кардан лозим аст.

Интихоби намунаҳои мувофиқ барои таҳқиқоти муқоисавӣ бояд ба талаботи умумӣ ҷавобгӯ бошад: беэътироз будани манбаи пайдоиш, кофӣ будани ҳаҷм ва имкони муқоиса. Ин кор ҳатто дар дигар намуди экспертизаҳои судӣ мушкилӣ меорад. Вале дар экспертизаҳои муаллифшиносӣ мушкилот боз ҳам зиёдтар мешавад [143, с. 38-52]. Маълум аст, ки намунаҳо барои гузаронидани экспертизаи муаллифшиносӣ бояд ифодаи озоди фикрҳои шахсе бошанд, ки муаллифии он тафтиш мешавад (ё рад карда мешавад).

Ҳангоми интихоби намунаҳои хаттӣ барои таҳқиқоти муқоисавӣ на танҳо масъалаи мансубияти онҳо ба шахси мушаххас бояд таъмин шавад, балки пешниҳоди намунаҳои таҳриршуда ё бо ислоҳоти дигарон низ бояд истисно гардад. Шаклҳои расмии ҳуҷҷатҳо имкони баён кардани фикри озодро маҳдуд мекунанд. Масалан, шикоятҳо, дархостҳо ё муроҷиатҳо ба мақомоти давлатӣ, ки аз номи айбдоршаванда ё гумонбаршуда навишта шудаанд, метавонанд намунаҳои озод ё шартан озод бошанд. Дар ҳолати аввал – пеш аз оғози тафтиши ҷиноятӣ (масалан, изҳори ақидаҳои радикалӣ, изҳорот дар бораи фишори сиёсӣ, шикоят аз репрессияҳо), дар ҳолати дуюм – дар доираи тафтишоти оғозёфта (дархостҳо барои тағйири чораи пешгирӣ, гузаронидани пурсиш ё рӯбарӯкунӣ ва ғ.). Аммо чунин матнҳо метавонад аз ҷониби ҳимоятгар ё намоянда таҳия ё ислоҳ шаванд.

Иқрори гуноҳ низ метавонад бо иштироки муфаттиш ё дигар шахсони мурофиавӣ навишта шавад. Нишондодҳои сабтшуда дар протоколи пурсиш бояд дақиқ фикрҳои шахсро ифода кунанд, аммо қонун дар ин бора ишораи қатъӣ надорад. Бисёр вақт муфаттишон, бе тағйир додани маънои

нишондодҳо, онҳоро дар протокол таҳрир мекунанд, ки қонунан манъ нашудааст. Бо вуҷуди ин, чунин намунаҳои шартан озод (масалан, протоколи нишондодҳо) метавонанд дар экспертиза истифода шаванд, агар бо сабти видеоӣ дурустии онҳо тасдиқ гардад ва ҳар гуна таъсири шахсони дигар истисно шавад.

Ғайр аз ин, матни пешниҳодшаванда набояд иқтибос ё тақлиди нутқи шахси дигарро дар бар гирад.

Бино ба ақидаи муҳаққиқон, намунаҳои озоди хаттӣ, ки ҳаҷмашон аз 100 то 150 калима зиёд аст, барои таҳқиқ мувофиқанд. Чунин намунаҳо имкон медиҳанд, ки хусусиятҳои нутқи хаттии шахс дар вазъияти мушаххаси муошират хаттӣ, сатҳи забонӣ ва зеҳнӣ, инчунин устуворӣ ва имкони тағйирёбии хусусиятҳои нутқи ӯ равшан муайян шаванд [112, с. 45].

Барои таҳқиқ, намунаҳои озоди нутқи хаттӣ бояд ба матни мавриди санҷиш аз рӯйи якчанд хусусиятҳо мувофиқат намоянд:

– вақти навиштан (намунаҳо бояд дар давраи на зиёда аз панҷ сол аз матни асосӣ навишта шуда бошанд);

– услуб ва шакли нутқ (илмӣ, публитсистӣ, расмӣ-корӣ, гуфтугӯӣ);

– шароити муошират хаттӣ;

– ҳолати равонии муаллиф ҳангоми навиштани матн. Агар маълум шавад, ки матни таҳқиқшаванда дар ҳолати ғайриодӣ навишта шудааст, намунаҳо низ бояд дар ҳолати шабеҳ пешниҳод карда шаванд.

Амалиёти судӣ имкон медиҳад, ки намунаҳои озмоишии хаттӣ низ истифода шаванд. Онҳо бо супориши муфаттиш аз ҷониби шахси эҳтимолӣ навишта мешаванд, мисолаш – иншо бо мавзуи муайян. Агар шахс бо тафтишот ҳамкорӣ кунад, чунин намунаҳо самараноканд. Вале агар шахс нутқи худро таҳриф кунад, нутқи дигаронро тақлид намояд ё пешниҳоди намунаҳоро рад кунад, аҳаммияти намунаҳои озод ва шартан озод зиёд мешавад ва барои таҳқиқ бояд ба миқдори кофӣ пешниҳод шаванд.

Ғайр аз он, риояи қоидаи умумӣ дар бораи пешниҳоди намунаҳои хаттӣ ба миқдори кофӣ муҳим аст. Агар намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ маводи иттилоотии ҳадди аксар дошта бошанд (мувофиқати услуб, шакли баёни нутқи хаттӣ ва ғайра), пас онҳоро дар ҳаҷми 10–15 маротиба зиёдтар аз матни таҳқиқшаванда пешниҳод кардан мақсаднок аст. Агар вазъияти гирифтани намунаҳои нутқи хаттӣ барои таҳқиқоти муқоисавии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ камтар мусоид бошад, пас талабот ба ҳаҷми чунин намунаҳо 2–5 маротиба меафзояд [47, с. 27].

Масъалаҳои асосие, ки одатан барои баррасии коршиноси муаллифшинос дар доираи таҳқиқи муайянкунӣ пешниҳод мешаванд, чунинанд:

– оё матнҳое, ки бо калимаҳои муайян оғоз ва анҷом меёбанд, ба як шахс тааллуқ доранд ё ба шахсони гуногун;

– муаллифи матн кист, ки бо калимаҳои муайян оғоз ва анҷом меёбад: оё шахсе, ки намунаҳои нутқи хаттӣ (озод, шартан озод ё озмоишӣ) аз ӯ гирифта шудаанд, ё шахси дигар;

– оё байни матнҳои пешниҳодшуда, ки бо калимаҳои муайян оғоз ва анҷом меёбанд, мувофиқати матнӣ дида мешавад ё не [112, с. 42-46].

Ғайр аз экспертизаҳои психологӣ ва лингвистикӣ, ки дар тафтиши ҷиноятҳои вобаста ба таблиғи экстремизм ҳатмӣ дониста мешаванд, муҳим аст, ки ҷузъҳои ангезаи экстремистӣ низ таҳқиқ карда шаванд. Ин ҷузъҳо одатан ба самтҳое тааллуқ доранд, ки ба ихтилофоти оштинопазир асос меёбанд.

Ихтилофҳо метавонанд вобаста ба бадбинии сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ, инчунин нафрат нисбат ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба миён оянд. Аз ин рӯ, дар баробари экспертизаи психологӣ, таъини дигар навъи таҳқиқот низ зарур мешавад, то ки мавҷудияти чунин ангезаҳо дар заминаи сиёсӣ, идеологӣ, миллӣ ё динӣ муайян карда шаванд. Дар чунин ҳолат, вобаста ба

самти паёми харобиовар, зарурати ҷалби мутахассисони сиёсатшиносӣ, забоншиносӣ, фалсафа, диншиносӣ ва дигар соҳаҳо ба миён меояд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ таъкид мешавад, ки таъини экспертизаи диншиносӣ бо мушкилоти муайян ҳамроҳ аст [128, с. 66-68; 107, с. 37-42; 114, с. 46-55; 101, с. 84-89; 104, с. 11-13]. Ин мушкилот аз амалияи тафтишӣ бармеоянд ва ба интихоби дурусти ин навъи таҳқиқот алоқаманд мебошанд.

Экспертизаи судӣ-диншиносӣ барои муайян кардани мазмун ва асосҳои таълимоти динӣ, инчунин барои таҳқиқи фаъолияти шахсони айбдоршаванда, ки мувофиқи ҳамин таълимот амал мекунанд, таъин мегардад. Ин кор ҳангоми баррасии ҷиноятҳои вобаста ба таблиғи экстремизми динӣ аҳаммияти махсус дорад.

Онҳое, ки экстремизми динӣ тарғиб мекунанд, одатан аз истифодаи догмаҳои анъанавии динҳои ҷаҳонӣ оғоз мекунанд. Баъдан, бо мурури замон, онҳо ба пайравон таъсир расонда, мазмуни аслии таълимотро таҳриф менамоянд ва онро ҳамчун маънои ҳақиқӣ нишон медиҳанд. Ҳамзамон, худи динҳои ҷаҳонӣ низ бо рушди ҷомеа тағйир меёбанд ва равияҳои гуногунро ба вуҷуд меоранд, ки бо динҳои ибтидоӣ иртибот доранд, вале бо ҳаракатҳои ифротгароёна робита надоранд.

Аз ин рӯ, шахсе, ки тафтишотро мебарад ва мутахассиси соҳаи диншиносӣ нест, на ҳамеша метавонад дуруст муайян кунад, ки кадом таълимот воқеан хусусияти экстремистӣ доранд ва кадомашон танҳо шакли қонунии тағйироти дохили дин мебошанд.

Вазифаҳои асосии экспертизаи судӣ-диншиносӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба чунин самтҳо тақсим мешаванд:

– муайян кардани эътиқоди динӣ дар шахси таҳқиқшаванда ва муайян кардани он, ки оё он ба таълимоти маъруфи динӣ мувофиқ аст ё дорои шаклҳои таҳрифшуда ва радикалӣ мебошад;

– муайян кардани самти динии ташкилоти мушаххас дар асоси ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, муқаррароти консептуалӣ ва фаъолияти амалии он;

– санҷидани он, ки оё маълумоти дар ҳуҷҷатҳо ва манбаъҳои иттилоотии ташкилоти динии мавриди таҳқиқ инъикосёфта бо таълимоти эълоншуда мувофиқат мекунад;

– муайян кардани хусусиятҳои одатҳои динӣ дар амалҳои шахси мушаххас: ном, моҳият, аҳаммияти рамзӣ ва риояи қонунҳои динӣ ҳангоми иҷрои онҳо (аз ҷумла равияҳои радикалӣ);

– муайян кардани хавф барои шахс, ҷомеа ва давлат ҳангоми иҷрои расму оинҳои муайян аз тарафи пайравони ин таълимот;

– муайян кардани муносибати объектҳои моддӣ, ки ҳамчун предмети мазҳабӣ пешниҳод шудаанд, инчунин муайян кардани ном, моҳият, маънои рамзӣ, тарзи истифодаи онҳо дар расму оинҳо ва мутобиқати онҳо ба таълимоти эълоншуда ё таҳрифёфтаи радикалӣ.

Мувофиқи вазифаҳои дарболоовардашуда объектҳои барои гузаронидани экспертизаи судӣ-диншиносӣ пешниҳодшударо дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дида мебароем.

Дар амалияи судӣ объектҳои моддии маъмулии таҳқиқшаванда инҳоянд:

– ҳуҷҷатҳои расмии бақайдгирӣ ва асосҳои ҳуқуқии ташкилот;

– ҳуҷҷатҳои фаъолияти кунунии ташкилот (протоколҳо, ҷадвали дарс ва ибодат, рӯйхати аъзоён);

– маводҳои паҳнкунанда ва маърифатӣ (китобҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо, дискҳо, файлҳои рақамӣ, плакатҳо, шеърҳо ва барномаҳои динӣ-фарҳангӣ);

– ашёҳои ибодатӣ, ки дар расму оинҳо истифода мешаванд;

– ҳуҷҷатҳо ва протоколҳои тафтишӣ, инчунин натиҷаҳои назорати алоқаҳои шарикон, ки паҳн кардани идеологияи динӣ ва ҷалби пайравонро инъикос мекунанд.

Дар ҷараёни таҳқиқи маводҳои марбут ба экстремизм, экспертизаи судӣ-диншиносӣ масъалаҳои зеринро ҳал мекунад:

– ба кадом таълимоти динӣ тааллуқ доштани маводҳо ва хусусиятҳои он таълимот;

– оё мавод дорои қоидаҳои ахлоқию рафторӣ мебошад ва то чӣ андоза ин қоидаҳо ба меъёрҳои динҳои маъруфи ҷаҳонӣ монанданд;

– оё мавод дорои муқаррароте мебошад, ки таълимоти динҳои маъруфро таҳриф мекунад;

– оё мавод рамзҳои динӣ дорад ва аҳаммияти онҳо чӣ гуна аст;

– чӣ маъно доштани истилоҳоти динӣ дар матн;

– оё мавод дорои маълумотест, ки ба вайрон кардани меъёрҳои ахлоқии динӣ ишора мекунад;

– оё мавод асоси идоракунии теократиро пешниҳод мекунад;

– оё мавод ба истисноӣ ва бартарӣ ё паст будани шахс вобаста ба дину эътиқод ишора мекунад;

– оё меъёрҳои динӣ барои сафед кардани амалҳои зӯроварӣ истифода шудаанд;

– оё мавод мафҳумҳо ва сохторҳои назариявии ба ташкилоти экстремистӣ ё террористӣ хосро дар бар мегирад;

– оё мавод дорои маълумоте аст, ки ба ҷалби шахсон ба фаъолияти харобиовар бо ангезаҳои динӣ ишора мекунад;

– оё мавод ташвиқот барои додани амвол ба манфиати ташкилоти динӣ дорад.

Зарурати экспертизаи диншиносӣ бо он вобаста аст, ки ҳар як дин хусусияти истисноӣ дорад ва бартариҳои худро нисбат ба дигарон нишон медиҳад. Барои шахсоне, ки донишҳои махсус надоранд, фарқ кардани таълимоти анъанавӣ аз равияҳои радикалӣ мушкил аст. Экстремизми динӣ бошад, баръакс, қоидаҳоеро пешниҳод мекунад, ки нафрат ва душманиро ташвиқ мекунанд, радди дини дигарро асоснок месозанд ва пайравонро ба зӯроварӣ ва муборизаи мусаллаҳона водор мекунанд.

Дар чунин маводҳо қоидаҳои ахлоқӣ таҳриф мешаванд ва догмаҳои динӣ ҳамчун парда барои фаъолияти харобиовар истифода мешаванд. Онҳо пайравонро ба таҷовуз дар заминаи ихтилофоти динӣ ташвиқ мекунанд.

Аз ин сабаб, интихоби коршиноси босалоҳият барои гузаронидани экспертиза аҳаммияти калон дорад. Агар экспертиза ба шахсе супорида шавад, ки дар муассисаи экспертӣ фаъолият намекунад, бояд ба ӯ шарҳи пурра дода шавад: моҳияти экспертизаи судӣ, тартиби расмӣ кардани хулоса, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, инчунин огоҳӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои додани хулосаи бардурӯғ. Барои кормандони штатии муассисаҳои экспертӣ ин зарурат вуҷуд надорад, зеро қоидаҳои дохилӣ ва қонунгузорӣ ин масъаларо танзим мекунанд.

Ба шахсоне, ки экспертизаи судӣ-диншиносиро берун аз муассисаҳои экспертӣ мегузаронанд, одатан кормандони илмӣ, устодони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва мутахассисоне дохил мешаванд, ки фанҳои диншиносиро тадрис мекунанд ва дониши тахассусӣ дар ин соҳа доранд. Уҳдадории чунин шахсон бояд дар ҳуҷҷатҳои дахлдор нишон дода шавад. Аммо амалияи гузаронидани таҳқиқоти диншиносӣ аз ҷониби шахсоне, ки танҳо маълумоти умумӣ ё таҷрибаи касбӣ дар соҳаҳои таърих, ҷомеашиносӣ, фалсафа, филология ё сиёсатшиносӣ доранд, нодуруст аст. Чунин амал ба талаботи салоҳияти коршинос ҷавоб намедиҳад ва метавонад боиси хулосаҳои нодуруст ва ҳатто шиддат гирифтани муноқишаҳои тафтишӣ гардад.

Дар айни замон, ҳангоми интихоби коршинос принсипи объективӣ низ бояд риоя шавад. Яъне, коршинос набояд ба тамоюли мазмуни маводи пешниҳодшуда майл дошта бошад. Аз ҳамин сабаб, муҳаққиқон тавсия намедиҳанд, ки экспертизаҳои диншиносӣ ба шахсоне супорида шаванд, ки худ ба як консессияи динӣ тааллуқ доранд, махсусан вақте ки мавод ба консессияи дигари динӣ дахл дорад [114, с. 46-45].

Баъзе муҳаққиқон бар онанд, ки вогузор кардани экспертизаи судӣ–диншиносӣ ба руҳониён ё намояндагони консессияҳо дуруст нест [113, с. 159-176]. Зеро чунин экспертиза бояд объективӣ бошад ва маводҳои пешниҳодшударо аз нуқтаи назари донишҳои умумӣ ва илмии диншиносӣ таҳлил кунад, на аз мавқеи як дини мушаххас.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва амалияи тафтишӣ–судӣ истилоҳи «экспертизаи теологӣ» низ истифода мешавад. Дар ин ҳолат сухан дар бораи он меравад, ки намояндаи як консессия маводеро таҳқиқ мекунад, ки ба таълимоти ҳамон консессия дахл дорад. Одатан, чунин экспертиза ба мутахассисони теолог супорида мешавад, ки дониш ва эътиқоди худро дар доираи таълимоти дахлдор доранд ва онро дар амалияи ҳаррӯза истифода мебаранд. Дар баъзе ҳолатҳо, истифодаи чунин навъи экспертиза аҳаммияти калон дорад ва имкон медиҳад, ки маводҳо муфассалтар ва амиқтар таҳқиқ карда шаванд.

Аммо таъини экспертизаи судӣ-теологӣ (ба ҷойи, ё ба ғайр аз экспертизаи судӣ-диншиносӣ) дар ҳолатҳое муҳим аст, ки худи далели мансубияти маводҳои пешниҳодшуда ба консессияи муайян (дини умумиҷаҳонии эътирофшуда) ошкоро аз рӯйи намуд ва мазмуни маводҳо, инчунин эътиқоди шахсоне, ки бо маъмулгардонии онҳо машғуланд, мавқеъ мегирад (эълон карда мешавад) [134, с. 123-127]. Агар маводҳои дорои мазмуни динӣ, ки паҳн мешаванд, догмаҳои динҳои эътирофшударо дар бар гиранд, вале тадриҷан мазмуни онҳоро таҳриф ва иваз карда, ба шунаванда ва хонанда таъсири манипулятивӣ расонанд, зарурати экспертиза ба миён меояд.

Дар ҳамин ҳол, намудҳои гуногуни экспертизаҳо, ки барои чунин мавод истифода мешаванд, бештар монанданд ва асосан ба муайян кардани мазмун ва аҳаммияти маънавии онҳо равона мешаванд. Аз ин рӯ, интихоби намуди экспертиза аз вазъияти мушаххас вобаста аст: оё муносибати умумии диншиносӣ лозим аст ё муносибати махсус ва амиқ ба як дин, агар мавод ба равияи динӣ дахл дошта бошад ва шубҳаҳо ба вуҷуд орад.

Дар адабиёт дар бораи хусусияти комплексии экспертизаи судӣ-диншиносӣ сухан меравад [128, с. 67]. Мо чунин мешуморем, ки экспертизаи судӣ-диншиносӣ худ аз худ комплексӣ нест. Дигар ин аст, ки таҳқиқи маводҳои гуногуни дорои аҳаммияти динӣ на баъзан дар доираи экспертизаи якхела, балки мукаммал самараноктар хоҳад буд, зеро худи догмаҳои динӣ ба

сохторҳои филологӣ, ки аз ҷониби одамони дигар қабул карда мешаванд ва на танҳо ба онҳо таъсири шифоҳӣ, балки психологӣ (аз ҷумла таъсири пинҳонии манипулятивӣ) доранд, пӯшида мешаванд.

Маводҳои экстремистӣ ва амалҳои гумонбаршудагон метавонанд вобаста ба тарзи пешниҳоди онҳо маънои гуногун дошта бошанд. Аз ин рӯ, таъини экспертизаи комплексии судӣ бо иштироки мутахассисони соҳаҳои гуногун мақсаднок дониста мешавад.

В.И. Шиканов таъкид мекунад, ки экспертизаи комплексӣ дар муқоиса бо экспертизаҳои якхела афзалият дорад [153, с. 8-21]. Сабаб дар он аст, ки коршиносон дар чунин таҳқиқот масъалаҳоро якҷоя ҳал мекунанд ва донишҳои худро ҳамроҳ месозанд. Ба гуфтаи ӯ, ин раванд шакли «кооператсияи дониш» мебошад, ки имрӯз онро муносибати синергетикӣ меноманд [181, с. 391]. Бо ин роҳ, хулосаҳо мустаҳкамтар мешаванд ва ҳамгироии донишҳо ҳамчун тамоюли табиии рушди илм зоҳир мегардад.

Мутаассифона, дар таҷрибаи тафтишӣ-судӣ на ҳамеша ба экспертизаҳои комплексӣ муносибати дуруст дида мешавад. Ин ҳолат вақте ба назар мерасад, ки таъини чунин экспертиза рад карда мешавад ва баръакс ба коршинос саволҳое дода мешаванд, ки ба соҳаи донишҳои дигар тааллуқ доранд.

Аз ин рӯ, ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои вобаста ба таблиғи экстремизм масъалаи зарурати таъини экспертизаҳои комплексӣ баррасӣ карда мешавад.

Мутаассифона, таъини экспертизаҳои комплексӣ дар амалия бо як қатор мушкилот ва нуқсонҳо алоқаманд аст [95, с. 56-60]. Ҳатто вақте ки экспертизаи таъиншуда ҳамаҷониба муайян мегардад, муфаттишон на ҳамеша иштироки мутахассисонро аз ҳамаи соҳаҳои номбаршуда таъмин мекунанд. Масалан, экспертизаи комплексии психологӣ–лингвистикии диншиносӣ барои таҳқиқи маводҳои дорои мазмуни динӣ ба олимони кафедраи услубшиносӣ ва суханварӣ, инчунин ба мутахассисони соҳаи психологияи иҷтимоӣ супорида шуд. Яъне, дар таҳқиқот танҳо психологҳо ва

забоншиносон иштирок карданд. Аммо ба ҳайати комиссияи экспертӣ ягон мутахассиси соҳаи диншиносӣ ҷалб нашуд, ки ин ба хулосаҳои коршиносон таъсири манфӣ гузошта, баъдан боиси танқидҳои гуногун гардид.

Ҳамин тавр, барои тафтиши ҷиноятҳои вобаста ба таблиғи экстремизм зарур аст, ки экспертизаи судӣ-психологӣ гузаронида шавад. Он бояд бо дигар намудҳои экспертизаҳои гуманитарӣ якҷоя сурат гирад. Интихоби дақиқи намудҳои экспертиза аз самти амалҳои харобиовари гумонбар ё айбдоршаванда вобаста мебошад.

Таъин ва гузаронидани экспертизаҳои судӣ, ки дар боло таҳлил карда шуданд, бо хатоҳо ва камбудиҳои умумӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

Дар амалияи таъини экспертизаҳои судӣ ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ба коршинос саволҳое пешниҳод мешаванд, ки берун аз доираи ихтисоси ӯ қарор доранд. Ин ҳолат махсусан ҳангоми муроҷиат ба донишҳои соҳаҳои ҳамҷавор, аз қабили психология ва лингвистика ё лингвистика ва муаллифшиносӣ, бештар ба назар мерасад.

Коршиносоне, ки дар гузаронидани экспертизаҳои ҳамаҷониба, аз ҷумла психологӣ-лингвистикӣ, иштирок менамоянд, бо мушкилоти муайян дучор мешаванд. Сабаб, пеш аз ҳама, дар он аст, ки хусусиятҳои падидаҳои омӯхташаванда (хусусиятҳои равонӣ, равандҳои фикрӣ, ҳолатҳо ва шаклҳои ифодаи шифоҳӣ) ба ҳамдигар алоқаманд буда, аз тарафи дигар, саволҳое, ки ба коршиносон пешниҳод мешаванд, ҳамеша дуруст ва боэҳтиёт тарҳрезӣ намегарданд. Ин боис мешавад, ки коршиносон баъзан хулосаҳои худро бо омехтани ду соҳаи дониш ироа намоянд. Масалан, равоншинос ва забоншинос, ки дар як экспертизаи психолингвистикӣ иштирок кардаанд, хулосаҳои якхеларо пешниҳод намуда, ҳатто онҳоро аз ҳамдигар нусхабардорӣ кардаанд.

Тавре муҳаққиқон таъкид менамоянд, доираи салоҳияти равоншинос ва забоншинос, ҳатто дар доираи як таҳқиқоти ҳамаҷонибаи коршиносӣ, аз ҳам фарқ мекунад. Вазифаи равоншинос таҳлили маълумоте мебошад, ки нишон

медиҳад дар маводи таҳқиқшаванда оё таъсири равонӣ ба шахс мавҷуд аст ё не. Ин таъсир метавонад боиси барангехтани ҳисси бадбинӣ ва душманӣ нисбат ба намояндагони гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ гардад, ё барои ҷалби ҷонибдорони нав ба сохторҳои дорои хусусияти экстремистӣ истифода шавад.

Дар навбати худ, вазифаи коршиноси забоншинос ба таҳқиқи сохторҳои шифоҳӣ равона мегардад. Ӯ бояд муайян намояд, ки оё дар матни таҳқиқшаванда таҳқирҳо, изҳорот ё унсурҳое мавҷуданд, ки бо зиддиятҳои динӣ, миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ ё дигар зиддиятҳо алоқаманданд. Ин гуна таҳқиқот ба таъмини дақиқӣ ва объективияти хулосаҳои коршиносӣ мусоидат мекунад [96, с. 25-34; 178, с. 153].

Агар фарз кунем, ки коршиноси судӣ дорои маълумоти ҳуқуқӣ ва муфаттиш дорои маълумоти филологӣ ё психологӣ бошад ҳам, мурофиаи ҷиноятӣ наметавонад ин ду намуди фаъолияти маърифатиро якҷо намояд. Ҳар як субъект вазифаҳои худро дорад ва омезиши онҳо ғайри қобили қабул аст. Тавре ки И.Я. Фойнитский гуфтааст, ҳал кардани масъалаҳои ҳуқуқӣ бо роҳи экспертизаи судӣ ба моҳияти он зарар мерасонад ва онро таҳриф мекунад [78, с. 338].

Истифодаи донишҳои махсус ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ як унсури муҳимми самаранокии ҷараёни тафтишӣ маҳсуб меёбад. Таҳлили маводи назариявӣ ва таҷрибаи амалии судӣ нишон медиҳад, ки барои ошкор ва исботи чунин ҷиноятҳо, таъини як қатор экспертизаҳои судӣ – аз қабили психологӣ, лингвистикӣ, диншиносӣ, муаллифшиносӣ ва ғайра зарур мебошад.

## Хулоса

Бо дарназардошти таҳқиқоти гузаронидашуда дар самти тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба чунин хулосаҳои илман асоснок омадан мумкин аст:

1.Зери мафҳуми тавсифи криминалистии ҷиноятҳо низоми илмӣ дар назар дошта мешавад, ки ҳамчун шакли муназзами инъикоси механизми фаъолияти зиддиҳуқуқӣ хизмат мекунад. Ин низом маҷмуи унсурҳои қонунан пайваста ва аз ҷиҳати криминалистӣ муҳимро дар бар мегирад, ки барои гурӯҳи муайяни ҷиноятҳо хос мебошанд. Ба ибораи дигар, механизми содир намудани ҷиноятҳо ҳамчун раванд дорои хусусияти динамикии фаъолияти ҷиноятӣ буда, пайдарҳамии ҳаракатҳо, усулҳо ва воситаҳои содир намудани кирдорро инъикос менамояд [2-М].

2. Тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ – низоми илмии унсурҳои алоқаманд мебошад, ки механизми содиршавии чунин ҷиноятҳоро инъикос мекунад. Сохтори он мақсадҳо ва ангезаҳои маъмулии ҷиноят, тарзҳои содиршавӣ, олотҳо ва воситаҳо, осори боқимонда, хусусиятҳои субъектҳо ва гурӯҳҳои онҳо, омилҳои фазоӣ-вақтӣ, хусусиятҳои қурбониён ва объекти таҷовузи ҷиноятиро дар бар мегирад [2-М].

3. Зарурати васеъ кардани сохтори тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аз нуқтаи назари аҳаммияти амалии он вуҷуд надорад. Илова кардани унсурҳои нави тавсифи криминалистии ҷиноятҳои категорияи зикршуда бо миқдори номаҳдуд метавонад сабаби иваз кардани унсурҳои тавсифи криминалистӣ бо унсурҳои дигари методҳои хусусии криминалистии тафтиши ҷиноятҳо гардад. Дар асоси тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бояд танҳо унсурҳое бошанд, ки имкон медиҳанд, то маълумоти ибтидоии криминалистӣ дақиқан ба даст оварда шавад ва ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муайян карда шавад. Унсурҳои тавсифи криминалистӣ бо ҳам алоқаманданд ва аз ҳам вобастаанд. Ба ибораи дигар, маълумот дар бораи

тарзи содир кардани ҷиноят ва вазъият имкон медиҳад, ки хусусиятҳои шахсияти шахси ҷинояткорро муайян кунанд, ки ин дар навбати худ ба муайян кардани доираи ҷинояткорон кумак мекунад. Азбаски маълумот дар бораи шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, хусусияти амалиётӣ дорад, ин маълумот таваҷҷуҳи таҳқиқбаранда ё муфаттишро дар механизми пайгирӣ ва тарзи содир кардани ҷиноят муайян мекунад.

4.Маълумот дар бораи шахсияти ҷабрдидагон дар чунин ҳолатҳо на ҳамеша дақиқ аст. Бахусус, вақте ки ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ танҳо бо ҳиссиёт маҳдуд мешаванд, яъне танҳо ба воситаи интишори иттилооти экстремистӣ дар интернет ё изҳори ҳамбастагӣ бо чунин иттилоот дар шабакаҳои иҷтимоӣ ифода меёбанд. Агар технологияҳои компютерӣ, пеш аз ҳама шабакаҳои иҷтимоӣ, барои ташкил кардани аксияҳои экстремистӣ истифода шаванд, аз ҷумла аз ҳамлаҳои муташаккил ба шахсони гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ то ташкили гирдиҳамоиҳои ғайриқонунӣ ва раҳпаймоӣ, дар ин сурат шабакаҳои иҷтимоӣ нақши воситаи асосии муоширатро мегиранд. Онҳо бештар ҳамчун майдоне хизмат мекунанд, ки дар он шахсоне, ки эътиқодҳои экстремистӣ доранд, бо ҳам алоқа барқарор мекунанд. Ин ҳолат ба марҳилаи омодагӣ барои содир намудани ҷиноятҳои зӯроваронаи экстремистӣ дахл дорад.

5. Экстремистҳоро баъзан бо сатҳи пасти таълим, зеҳн ва фарҳанг, инчунин бо ҷасорат, таҷовузкорӣ ва авлотар донистани манфиатҳои шахсӣ тавсиф мекунанд. Аммо чунин тавсиф сатҳӣ ва яктарафа аст, зеро сифатҳои амиқи гунаҳгоронро ба назар намегирад. Чунин тавсиф бештар танҳо ба иҷрокунандагони одии амалҳои экстремистӣ дахл дорад, масалан, шахсоне, ки дастгиркунӣ, гаравгонгирӣ ё ҳамлаҳои кӯчагиро анҷом медиҳанд ва дар асоси ихтилофоти идеологӣ ба саломатии дигарон зарар мерасонанд ё ҳатто куштор содир мекунанд.

Бо вуҷуди ин, донистани хусусиятҳои маъмулии криминалистии шахсоне, ки ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ содир мекунанд, барои

муфаттиш муҳим аст. Ин дониш ба ӯ имконият медиҳад, ки сифатҳои хоси гумонбаронро дуруст ташхис кунад, самти чорабиниҳои тафтишотиро маҳдуд намояд ва ҳамзамон тавонад дар ҷараёни амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ бо онҳо тамоси равонӣ барқарор намояд.

Таҳлили сарчашмаҳои гуногуни амалӣ нишон медиҳад, ки баъзе субъектҳои ҷиноятҳои экстремистӣ метавонанд гирифтори бемориҳои ҷиддии равонӣ бошанд. Бо вуҷуди ин, аксарияти онҳо шахсони руҳан солиманд, аммо ҳолати носолими равонӣ доранд, ки масъулияти ҳуқуқии онҳоро истисно намекунад.

Бар асоси таҳқиқоти васеи мо равшан гардид, ки гарчанде экстремизм бештар миёни ҷавонон паҳн аст, аммо шахсони синну соли миёна ва ҳатто калонсолон низ, ки ғояҳои таҳаммулнопазирии идеологиро тарғиб мекунанд, вомехӯранд.

6. Ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки ба таъсис ва ташкили бевоситаи фаъолияти экстремистӣ равона шудаанд, инчунин ҷиноятҳои хусусияти ташкилию идоракунӣ номида мешаванд. Маҳз дар онҳо хусусияти гурӯҳӣ ва муташаккилии ин фаъолияти ҷиноятӣ ба таври возеҳ зоҳир мешавад. Тавре ки таҳлили манбаъҳои эмпирикӣ нишон дод, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятии экстремистӣ дар маҷмуъ хусусиятҳои умумие доранд, ки ҷинояткории гурӯҳӣ ва муташаккилро, ки дар адабиёти махсуси ҳуқуқӣ таҳия шудаанд, тавсиф мекунанд ва махсусан: иерархия; ҳамбастагӣ; конспиративӣ; интизоми сахт; фаъолияти муштараки мувофиқашуда; мавҷудияти тарзҳои пешакӣ мувофиқашудаи алоқа байни шарикон, инчунин бонгҳои хатар.

Илова бар ин, гурӯҳи мушаххаси ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аҳаммияти муҳим дорад. Ҳамин тавр, ташкили гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ дар шакли гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, гурӯҳҳои устувор, ҷомеаҳои ҷиноятӣ, яъне ташкилотҳои дастаҷамъӣ, ки шумораи зиёди онҳо беш аз 10 нафар мебошанд. Тавре ки таҳлили эмпирикӣ нишон

дод, бештар ба содир кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки бо татбиқи бевоситаи таҷовуз алоқаманданд – кирдорҳои экстремистӣ, ҳуҷумҳои муташаккил ба шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, таъқиботи муташаккил то куштан ва расонидани зарар ба саломатӣ ба шахсони мансуб ба гурӯҳи иҷтимоии антагонистӣ ва ғайра. Дар мавриди гурӯҳҳое, ки ҷиноятҳои таблиғотӣ содир мекунанд, бо эҳсосоти психологии дигар шахсон аз ҷониби гунаҳгорон барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ алоқаманданд, дар ин ҷо гурӯҳҳои хурд ё миёна, ки шумораи онҳо то 10 нафар аст, аксар вақт 3 – 6 нафарро дар бар мегиранд [5-М].

7. Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса барои ошкор кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аҳаммияти фавқулодда дорад, зеро он имкон медиҳад, ки далелҳои муҳим ҷамъоварӣ карда шуда, ҳолатҳои ҳодиса муайян карда шаванд ва байни далелҳои гуногун робита барқарор карда шаванд. Ин барои тафтишоти муваффақ муҳим аст, алалхусус дар парвандаҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ.

Бо назардошти аҳаммияти саривақтӣ ва босифат гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, зарур аст, ки ин амали тафтишӣ бидуни таъхир гузаронида шавад. Дар ҳолатҳое, ки парванда вобаста ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ амали фавриро талаб мекунад, азназаргузаронӣ бояд пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ гузаронида шавад. Ҷалби мутахассисон (масалан, дар соҳаи криминалистика, тиб, психиатрия ва ғайра) муҳим аст, ки ба ҷамъоварии пурра ва дақиқи далелҳо мусоидат мекунад. Ҳамкории якҷояи муфаттишон ва кормандони фаврӣ, инчунин ҷалби мутахассисон метавонад самаранокии азназаргузаронии ҷойи ҳодисаро ба таври назаррас баланд бардорад. Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар парвандаҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ диққати махсусро ба пайҳое ҷалб мекунад, ки метавонанд аз ангезаҳои ҷиноят, аз ҷумла рамзҳо, олотҳои ҷиноят ва дигар

далелҳое, ки хусусияти экстремистии кирдорро нишон медиҳанд, шаҳодат диҳанд.

8. Пурсиш дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ на танҳо як ҷараёни мурофиавӣ, балки муборизаи равонӣ низ мебошад, ки дар он муфаттиш дониши психологияро барои ошкор кардани нишондодҳои ҳақиқӣ истифода мебарад. Ин қобилияти шинохтани сигналҳои ғайризабонӣ ва ҳолати психо-эмосионалии шахси пурсишшударо талаб мекунад. Барои пурсиши самаранок, дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муфаттиш ба малакаҳои истифодаи усулҳои гуногуни тактикӣ, аз ҷумла усулҳои эҷоди эътимод, бартараф кардани муқовимат ва инчунин кор бо ихтилофҳо дар нишондодҳо ниёз дорад. Ин усулҳо бояд бо назардошти хусусиятҳои шахсияти шоҳидон ва ҷабрдидагон ба шартҳои мушаххаси парванда мувофиқат кунанд. Фарқ кардани намудҳои ҳолатҳо (мунокишавӣ ва ғайримунокишавӣ) ва интихоби дурусти усулҳои тактикӣ вобаста ба вазъ муҳим аст. Вазъияти мунокишавӣ диққати махсусро ба ошкор кардани ангезаи саркашӣ аз ҳақиқат ё додани нишондоди бардурӯғ талаб мекунад.

Пурсиши самаранок бе таҳлили пешакии шахсияти пурсидашуда ва эҷоди тамоси равонӣ бо ӯ ғайриимкон аст. Фаҳмидани ҳолати психо-эмосионалии он ва хусусиятҳои дарки иттилоот имкон медиҳад, ки натиҷаҳои беҳтарин ба даст оварда шавад. Пурсишҳои ҷабрдидагон ва шоҳидони ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ омодагии махсус ва ба назар гирифтани хусусиятҳои дарки ҳодисаҳои онҳоро талаб мекунанд. Зарурати фаврӣ ва дақиқӣ дар гирифтани нишондод, инчунин, таваҷҷуҳи доимӣ ба ҳолати психо-эмосионалии ҷабрдидагон дар ҳолатҳои стресс муҳим аст.

9. Гузаронидани рӯбарӯкунӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муҳимтарин амалҳои тафтишӣ мебошанд, ки ба муайян кардани ҳақиқат ва ошкор кардани зиддиятҳо дар нишондодҳои иштирокчиён равона карда шудаанд. Рӯбарӯкунӣ, бо шароити махсуси

психологӣ ва тактикаи тактикӣ, ба ошкор кардани далелҳои объективӣ ва ошкор кардани дурӯғ мусоидат мекунад ва санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ба санҷиши маълумоти қаблан додашуда, мушаххас кардани ҷузъиёти ҳолатҳои ҷиноят кумак мекунад. Аммо, ҳар яке аз ин амалҳо омодагии бодиққат ва ба назар гирифтани омилҳои эҳтимолии психологиро талаб мекунанд, то аз манипулятсия ва фишор ба иштирокчиён канорагирӣ карда шавад. Ташкили дуруст ва гузаронидани ин амалҳо ба ошкор намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва тафтиши самаранок мусоидат мекунад. Барои баланд бардоштани самаранокии амалҳои тафтишӣ, ба монанди рӯбарӯкунӣ, тавсияҳои муфассали методӣ бояд таҳия карда шаванд, ки ба такмили усулҳои тактикӣ ва истифодаи равишҳои психологӣ-криминалистӣ равона карда шудаанд, ки ин имкон медиҳад, то хатари пайдоиши ҳолатҳои муноқишавӣ кам карда шавад ва дараҷаи эътимоднокии далелҳои ҷамъоваришуда баланд бардошта шавад.

Таърифи муаллифии рӯбарӯкунӣ ҳамчун амали мустақили мурофиавӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар ин ифода меёбад:

– дар ҳузури якдигар аз ҷониби чанд нафар аз ҷумлаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, қаблан дар бораи як ҳолати парванда пурсидашуда додани нишондод;

– таҳлил ва муқоисаи пайвастаи маълумоти воридшаванда, ки дорои вазифаҳои бартараф кардани ихтилофоти ҷиддӣ мебошад, инчунин ҳалли баъзе вазифаҳои мушаххас (бартараф кардани гумроҳии пурсишшаванда, таҳкими сифатҳои иродавӣ ва мавқеи айбдоршавандае, ки нишондоди дуруст додааст, ошкор кардани нишондоди бардурӯғ) аз рӯйи парвандаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо риояи ягонагии объект, предмет, ҷой, вақт, ҳуҷҷатгузорӣ, баробарии шароити дарки саволҳои муфаттиш ва нишондодҳои якдигар аз ҷониби пурсидашудагон.

10. Истифодаи донишҳои махсус дар раванди таҳқиқи ҷиноятҳое, ки дорои хусусияти экстремистӣ мебошанд, ҳамчун омили муҳимми баланд бардоштани самаранокии тафтишот арзёбӣ мегардад. Таҳлили манбаъҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалии судӣ нишон медиҳад, ки барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва исботи муътамади чунин ҷиноятҳо таъини як қатор экспертизаҳои тахассусии судӣ, аз қабили равоншиносӣ, забоншиносӣ, диншиносӣ, муаллифшиносӣ ва дигарон, аҳаммияти калидӣ дорад. Ҷанбаҳои гуногуни ин навъи экспертизаҳо – аз таҳлили ангезаҳои эҳтимолии экстремистӣ, то муайянсозии ҳолати равонии шахси гумонбар ё айбдор, таҳлили нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ, ҳамчунин ҷудокунии изҳороти мазҳабии анъанавӣ аз навъҳои ифротгароёна – дар раванди таҳқиқ ва исботи ҳолатҳо нақши хосса доранд. Барои таъини экспертизаҳо, риояи меъёрҳои методологӣ, аз ҷумла интихоби намунаҳои таҳлилшаванда, мувофиқати тахассусҳои коршиносон ва худдорӣ аз пешниҳоди саволҳои берун аз ҳадди салоҳияти онҳо, ҳатмӣ ва зарур мебошад. Маҳз тавассути ҷалби донишҳои тахассусӣ аз соҳаҳои гуногун – ҳуқуқ, равоншиносӣ, забоншиносӣ, диншиносӣ ва фанноварихои иттилоотӣ – имкони дақиқ муайян кардани шахсият, ангеза ва ҳадафҳои шахсони гумонбар мавҷуд буда, нишонаҳои фаъолияти дорои хусусияти экстремистӣ шиносоӣ мегарданд. Истифодаи дурусти экспертизаҳои судӣ ба муайянсозии мазмуни экстремистии мавод, мансубияти эҳтимолии он ба муаллифони муайян, арзёбии ангезаҳои дохилӣ ва шиносоии таъсири эҳтимолии манипулятивӣ мусоидат менамояд. Хулоса, такя намудан ба донишҳои махсус на танҳо як талаботи зарурии раванди тафтишот ва мурофиаи судӣ, балки омили муҳимми таъмини адолати судӣ ва исботи ҳамаҷонибаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мебошад [3-М].

11. Дар шароити муосир, намудҳои гуногуни экспертизаҳо дар равандҳои мурофиавӣ, махсусан ҳангоми баррасии маводҳои дорои мазмуни динӣ, дорои аҳаммияти калидӣ мебошанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки интихоби навъи экспертиза бевосита аз хусусиятҳои вазъияти мушаххаси

парванда вобаста аст. Дар ҳолате ки зарурати муносибати умумӣ ба диншиносӣ вуҷуд дорад, таъини экспертизаи судӣ-диншиносӣ кофӣ мебошад. Баръакс, агар маводи таҳқиқотӣ ба муқаррароти дини мушаххас иртибот дошта бошад ва зарурати омӯзиши амиқтари онҳо пеш ояд, ҷалби мутахассисони соҳавӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Бо вуҷуди ин, зарур аст таъкид кард, ки экспертизаи судӣ-диншиносӣ хусусияти комплексӣ надорад. Аммо таҳқиқи маводҳои гуногуни дорои аҳаммияти динӣ дар доираи як экспертизаи мукаммал назар ба гузаронидани як қатор экспертизаҳои ҷудогона самараноктар мебошад. Сабаби чунин ҳолат дар он аст, ки догмаҳои динӣ на танҳо ҳамчун матни филологӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд, балки онҳо дорои таъсири бисёрҷанба ба шуури шахс мебошанд. Ин таъсир ҳам шакли шифоҳӣ ва ҳам шакли равонӣ гирифта метавонад, аз ҷумла таъсири пинҳонии манипулятивӣ, ки ба ташаккули эътиқодҳои харобиовар мусоидат мекунад [3-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Барои азназаргузаронии ҷойи ҳодисаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ як катор талаботҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ муқарар карда шаванд:

1) Бо дарназардошти аҳаммияти фаврӣ гузаронидани азназаргузаронӣ, бояд дар шакли санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ муҳлатҳои ҳатмии гузаронидани ин амали тафтишӣ барои истисно кардани таъхирҳои эҳтимолӣ, ки ба сифати тафтишот таъсир мерасонанд, мушаххас карда шаванд [7-М].

2) Васеъ кардани ваколатҳо барои истифодаи мутахассисон: Ваколатҳои васеътарро барои ҷалби мутахассисон дар соҳаҳои гуногун, аз қабили психология, тиб ва диншиносӣ бояд дохил намуд, ки арзёбии дақиқи ангезаҳои ҷиноятро, алалхусус дар масъалаҳои экстремистӣ таъмин мекунад.

3) Таҳияи тартиботи стандартӣ барои азназаргузаронии ҷойҳои ҳодиса дар парвандаҳои дорои хусусияти экстремистӣ: Дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии идоравӣ пешбинӣ намудани талаботи махсус барои гузаронидани

азназаргузаронии ҷойҳои ҳодиса ҳангоми содир шудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, аз ҷумла муфассал кардани намудҳои пайҳо, ки бояд сабт карда шаванд ва инчунин, ҷорӣ намудани истифодаи ҳатмии методҳо ва технологияҳои криминалистӣ.

4) Андешидани тадбирҳои иловагӣ оид ба омӯзиши муфаттишон ва кормандони фаврӣ: Ҷорӣ кардани курсҳои ҳатмии такмили ихтисос барои муфаттишон, ки ба хусусиятҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар парвандаҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бахшида шудаанд, ки ба баланд бардоштани сифат ва самаранокии кори онҳо имкон медиҳад.

5) Сода кардани тартиби протоколи азназаргузаронӣ: Ба тартиби протокол ворид намудани тағйирот, то ки иштироки ҷабрдидагонро дар азназаргузаронии ҷойи ҳодиса беҳтар созад ва ин имкон медиҳад, то мушкилоти эҳтимолии хатоҳои мурофиавӣ пешгирӣ карда шаванд.

2. Барои баланд бардоштани самаранокии амали тафтишии пурсиш дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ як қатор тавсияҳои методи пешниҳод карда мешаванд:

